**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 336.581**

**АҲМАДИ ЗОҲИДҶОН**

# ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии**

**доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия**

**(6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз)**

**Роҳбари илмӣ:**

**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**

**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ**

**Душанбе – 2025**

**МУНДАРИҶА**


| | Саҳ. |
|---|---|
| **НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО...........................................................** | **3** |
| **МУҚАДДИМА...................................................................................** | **4** |
| **БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ..** | **15** |
| 1.1. Асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологии таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ........................................................ | 15 |
| 1.2. Усулҳо ва шаклҳои муосири таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ.......................................................................................... | 31 |
| 1.3. Хусусиятҳои таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ............................................................. | 46 |
| **БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ...............................................................................................** | **60** |
| 2.1. Таҳқиқи вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва манбаъҳои маблағгузории он...................... | 60 |
| 2.2. Таҳлили омилҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ................................. | 75 |
| 2.3. Арзёбии вазъи инфрасохтори сайёҳӣ барои маблағгузории самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ.................................................... | 90 |
| **БОБИ 3. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ.........................................................** | **103** |
| 3.1. Дурнамои истифодаи маблағгузории лоиҳавӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ.............................. | 103 |
| 3.2. Нақши шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ............................. | 116 |
| 3.3. Интихоби амсилаи муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ............................................... | 128 |
| **ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО............................................................** | **140** |
| **РӮЙХАТИ АДАБИЁТ....................................................................** | **147** |

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**АҲС** - Арзиши ҳозираи соф
**БОР** - Бонки Осиёии Рушд
**БССТ** - Бонки Саноатию Содиротии Тоҷикистон
**ВМКБ** - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
**ИМА** - Иёлоти Муттаҳидаи Америка
**КВД** - Корхонаи воҳиди давлатӣ
**БА ҶТ** Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон
**КМ** - Корхонаи муштарак
**МД** - Муассисаи давлатӣ
**ММД** - Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
**МОИ** - Минтақаи озоди иқтисодӣ
**МОИСР** Минтақаи озоди иқтисодии сайёҳию рекреатсионӣ
**СБҲМ** - Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ
**СУС** - Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ
**ТММ** - Ташкилоти махсуси молиявӣ
**ШБДХ** - Шарикии давлат ва бахши хусусӣ
**ҶДММ** - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд
**ҶИЭ** - Ҷумҳурии исломии Эрон
**ҶСК** - Ҷамъияти саҳомии кӯшода
**ҶСП** - Ҷамъияти саҳомии пӯшида
**NPV** - Net present value

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Имрӯз барои рушди муносиби соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ яке аз масъалаҳои муҳим ин таъминоти молиявии равандҳои сармоягузорӣ мебошад. Таваҷҷуҳ ба сармоягузорӣ ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ дар солҳои охир хеле зиёд шудааст, зеро сармоягузорӣ ҳамчун манбаи муҳими таъминоти молиявии рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ метавонад ба раванди татбиқи лоиҳаҳои марбут ба ташаккул ва таҷдиди иқтидори истеҳсолии корхонаҳои соҳаҳои мазкур таъсири мусбат расонида, ба ин васила самаранокии баланди маблағҳои сафарбаршударо низ таъмин намояд. Бинобар ин, масъалаи баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳои афзалиятнок ва ҳам дар сатҳи субъектҳои иқтисодии дар ин соҳаҳо фаъолияткунанда бештар ба мушкилоти ҷустуҷӯ ва дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ алоқаманд мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир таҳқиқи масъалаҳои таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир муҳим аст.

Албатта, барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт низоми муассири таъминоти молиявии фаъолияти сармоягузориро таъсис додан лозим аст. Корбурди дурусти усулҳо ва шаклҳои маблағгузорӣ дар доираи таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ воситаи такондиҳандаи рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ мебошад. Бинобар ин, самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт аз сиёсати интихобшудаи таъминоти молиявии татбиқи ҳар як лоиҳаи сармоягузорӣ вобаста мебошад.

Ҳамчунин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ бо фазои иқтисодии ҷаҳонӣ масъалаи ташаккули афзалиятҳои рақобатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иқтидори мавҷудаи табиию иқлимӣ ва таърихию фарҳангӣ, инчунин истифодаи самараноки онҳо мубрам гардидааст. Шароити мусоиди табиию иқлимии дар мамлакат мавҷудбуда якҷоя бо дигар захираҳои

дахлдор метавонанд рушди муносиби соҳаи афзалиятноки сайёҳиро таъмин кунанд.

Дар солҳои охир дар доираи иҷрои ҳадафҳои миллии рушди сайёҳӣ дар мамлакат тадбирҳои зиёде роҳандозӣ карда мешаванд. Аз ҷумла баррасии масъалаҳои марбут ба рушди сайёҳӣ дар санадҳои стратегӣ ва барномавии сатҳи ҳукуматӣ, гузоришҳои мутахассисони соҳа, олимон ва муҳаққиқон дар маъракаҳои илмӣ ва интишори натиҷаҳои пажӯҳишҳо дар адабиёт зиёд мушоҳида мешавад. Дар ҳамаи ҳолатҳои зикршуда аз муҳимии масъалаҳои марбут ба рушди сайёҳӣ ва ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ муқарар шудани сайёҳӣ, ки метавонад ба рушди босуботи дигар соҳаҳои бо худ ҳамҷавор низ таъсири назарраси мусбат расонад, қайд карда мешавад. Аммо таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки захираҳои сайёҳии мавҷудбуда бо сабаби нарасидан ва истифодаи ғайриоқилонаи манбаъҳои маблағгузории дастрас самаранок истифода намешаванд.  Дар баробари ин, иншооти амалкунандаи инфрасохтори сайёҳӣ аксаран кӯҳна ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ фарсуда мебошанд. Сифати пасти хизматрасонӣ дар осоишгоҳҳо ва меҳмонхонаҳо, ки иншооти муҳими инфрасохтори сайёҳӣ мебошанд, ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нест. Барои ба ҳолати хуби корӣ расонидани иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар онҳо роҳандозӣ намудани чорабиниҳои техникию ташкилӣ зарур аст, ки сафарбар кардани маблағҳои назаррасро талаб мекунанд. Ҳамаи ин мубрами таҳқиқи масъалаҳои таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳиро тасдиқ мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Диссертатсия ба интишороти ватанӣ ва хориҷии соҳаи молия такя мекунад. Аз ҷумла дар асарҳои пажӯҳишгарони хориҷӣ - А.А. Агафонов, В.Е. Афонина, И.А. Бланк, С.В. Болшаков, В.В. Бочаров, О.Ю. Дадашева, Л.И. Игонина, В.В. Ковалев, Т.С. Колмикова, О.И. Лаврушина, И.И. Мазур, С.А. Орехов, В.В. Шеремет ва муаллифони ватанӣ - Ш.С. Бақоев, А.А. Бобоев, Б.М. Гулов, А.А. Қурбонов, А.Р. Рустам, Л.Ҳ. Саидмуродов, И.Н. Сафаров, А.К. Сафоев, З.С. Султонов, Д.А. Толибов, Х.Р. Улуғхоҷаева, Т.Т. Файзуллоев, У.С. Ҳикматов, Қ.Х. Хушвахтзода, Б.М.

Шарифзода (Б.М. Шарипов) ва Л.З. Юнусова ба масъалаҳои марбут ба назария, методология ва амалияи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ диққат дода шудааст. Масъалаҳои мубрами таъминоти молиявии рушди сайёҳӣ ва иншооти инфрасохтори он дар асарҳои олимони ватанӣ - Ҳ. Аброров, М.А. Азимова, К.К. Акназаров, Д.С. Амонова, У.С. Асрорзода, Б.Ҳ. Каримов, С.М. Курбанова, Д.Б. Қодирзода, А.А. Мирзоалиев, Х.М. Муҳаббатов, М.А. Раҳимов, И.З. Сарабекова, Ш.М. Табаруков, А.Х. Хоҷаева, Қ.Х. Хушвахтзода, Ф.Р. Шаропов, Б.У. Шукуров, ва муҳаққиқони хориҷӣ - А.С. Дерешева, Е.Н. Романов, С.Б. Тен, В.А. Черненко баррасӣ шудаанд. Дар асарҳои И.А. Езангина, И.Р. Иброҳимзода, Б.Ҳ. Каримов, Ф. Мирзоахмедов, И.А. Никонова, В.В. Переверзева, В.В. Романов, А.Т. Тлеубердинова баъзе паҳлуҳои масъалаи истифодаи механизмҳои муосири маблағгузории лоиҳавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, паҳлуҳои зиёди масъалаҳои таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ аз доираи таҳқиқ берун мондаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, № 372), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441), Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ барои солҳои 2021-2025 алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот коркарди ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили таъминоти молиявӣ ва рушди механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иншооти инфрасохтори сайёҳӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия чунин вазифаҳо иҷро карда мешаванд:

1. Таҳқиқи асосҳои назариявӣ, равишҳои методологӣ, ҷанбаҳои методӣ ва амалии муҳими таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ.

2. Омӯзиши имконияти корбурди усулҳо ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити муосир, арзёбии хусусиятҳои таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ.

3. Таҳқиқи вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва арзёбии мушкилоти маблағгузории рушди он.

4. Таҳлили омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъсиррасон ва арзёбии вазъи инфрасохтори сайёҳӣ бо мақсади таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва амалисозии маблағгузории онҳо.

5. Арзёбии заминаҳои появии корбурди маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчун механизми таъсирбахши амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ.

6. Таҳқиқи имконияти механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар қаринаи корбурди он дар мукаммалсозии равандҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ

7. Таҳлил ва арзёбии тарҳҳои гуногуни маблағгузорӣ барои интихоби амсилаи муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ.

**Объекти таҳқиқот** низоми таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқот** назария, методика ва амалияи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Асоси шаклгирӣ ва муайян кардани фарзияи таҳқиқот ин аст, ки барои истифодаи пурраи иқтидори захиравии рушди сайёҳӣ дар мамлакат маблағҳои муайяни сармоя барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ лозим мебошанд. Аз ҳаҷм ва сохтори сармоягузориҳо барои рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ суръатҳои рушди умумии сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ва беҳшавии нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи натиҷаҳои молиявии корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ вобаста мебошад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Бахши назариявии диссертатсия ба асарҳои олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки ба таҳқиқи мушкилоти таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт бахшида шудаанд, асос меёбад. Ҳангоми иҷрои таҳқиқот усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодию оморӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳо таҳқиқот истифода шудаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Таҳқиқот ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзим ва амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, қарорҳо ва фармоишҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, маводи конференсияҳо ва интишорот оид ба маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ такя мекунад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар солҳои 2021-2024 дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар таҳлил ва тасдиқи асоснокии равишҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин дар таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ

ифода ёфтааст. Натиҷаи муҳими таҳқиқот пешниҳоди қарорҳои нави консептуалӣ мебошад, ки ба беҳтар кардани равандҳои молиявӣ дар ин соҳа нигаронида шудаанд. Ҷанбаҳои асосии навгонии илмии таҳқиқот нуктаҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Дар асоси таҳлили амиқи муқаррароти назариявӣ, равишҳои методологӣ ва ҷанбаҳои методӣ, инчунин бо назардошти дигар омилҳои асосии бо таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ алоқаманд тафсири муфассал ва аниқи мафҳумҳои «сармоягузорӣ», «фаъолияти сармоягузорӣ», «лоиҳаи сармоягузорӣ», «таъминоти молиявӣ» ва «маблағгузорӣ» анҷом дода шудааст. Ба робитаи онҳо бо раванди таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст, ки ин барои дақиқтар муайян кардани нақши ҳар яке аз ин унсурҳо дар татбиқи босамари лоиҳаҳои сармоягузорӣ, инчунин беҳтар намудани равишҳо ба идоракунии ҷараёнҳои молиявӣ дар доираи чунин лоиҳаҳо имкон медиҳад.

2. Усулҳо ва шаклҳои гуногуни маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт нигаронидашуда таҳқиқ карда шудаанд, ки ин на танҳо барои тасдиқи аҳаммият ва мубрамии онҳо, балки барои муайян кардани ҷанбаҳои асосии ба татбиқи бомуваффақияти чунин лоиҳаҳо таъсиррасон низ имкон медиҳад. Ба таҳлили таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад, ки ин барои муайян кардани хусусиятҳои хос ва душвориҳое, ки иштирокчиёни лоиҳаҳо бо онҳо дучор мешаванд имкон додааст. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда механизмҳои самарабахши дастгирии сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод карда мешаванд, ки ба ҳавасмандгардонии сармоягузории хусусӣ ва давлатӣ, инчунин баланд бардоштани ҷолибияти ин соҳа барои сармоягузорӣ нигаронида шудаанд.

3. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи муосири татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва омӯзиши муфассали механизмҳои ҷалби манбаъҳои маблағгузорӣ ба ин лоиҳаҳо мушкилоти калидӣ, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он халал мерасонанд, муайян карда шудаанд.

Роҳҳои рафъи ин мушкилот пешниҳод карда шудаанд, ки ба истифодаи механизмҳои муносиб ва самараноки маблағгузорӣ алоқаманд буда, боиси афзоиши ҷолибияти сармоягузории соҳа мегарданд. Инчунин оид ба татбиқи механизмҳои мазкур, ки ба беҳтар намудани суботи молиявӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ нигаронида шудаанд, тавсияҳои амалӣ таҳия гардидаанд, ки метавонанд ба рушди устувор ва таҷдиди ин соҳа мусоидат кунанд.

4. Таҳлили омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидаткунанда гузаронида шуда, арзёбии ҳамаҷонибаи ин омилҳо дар заминаи вазъи муосири инфрасохтори сайёҳӣ анҷом дода шудааст. Мушкилот ва маҳдудиятҳои асосии лоиҳаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ошкор гардида, тадбирҳои зарурӣ барои бартараф намудани онҳо пешниҳод гардидаанд, ки ба беҳтар намудани таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ нигаронида шудаанд. Тавсияҳо оид ба такмили механизмҳои мавҷудаи маблағгузорӣ таҳия ва усулҳои муносиби ҳавасмандгардонии сармоягузории хусусӣ ба рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла истифодаи воситаҳои мувофиқи молиявӣ ва беҳтар намудани дастгирии давлатӣ, ки ба ҷалби захираҳои иловагӣ ва суръат бахшидан ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат мекунанд, пешниҳод карда шуданд.

5. Имконияти истифодаи маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчун яке аз механизмҳои муассир ва ояндадори татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таҳлил ва арзёбӣ мешавад. Хусусиятҳои маблағгузории лоиҳавӣ дар заминаи вижагиҳои инфрасохтори сайёҳӣ, инчунин бартариҳои эҳтимолии он барои ҳавасмандгардонии рушди устувор дар ин соҳа баррасӣ карда мешаванд. Сабабҳои асосии маҳдудкунандаи истифодаи маблағгузории лоиҳавӣ дар мамлакат, аз ҷумла монеаҳои институтсионалӣ ва молиявӣ, инчунин огоҳии нокифояи иштирокчиёни лоиҳаҳо аз имкониятҳои он муайян карда шудаанд. Бартариҳои маблағгузории лоиҳавӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, аз қабили баланд бардоштани устувории молиявии лоиҳаҳо, муносибгардонии хавфҳо ва беҳбуди шароит барои ҷалби сармояи хусусӣ ва давлатӣ арзёбӣ мешаванд.

6. Корбурди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ муайян карда шудааст. Тасдиқ шудааст, ки ин механизм ба бунёди иншооти замонавии инфрасохтори сайёҳӣ самаранок мусоидат намуда, инчунин дар ҳавасмандгардонии рушди ҳамаҷонибаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт нақши муҳим мебозад. Самтҳои ояндадори рушди минбаъдаи шаклҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ муайян карда шуданд, ки ба баланд бардоштани ҷолибияти соҳа барои сармоягузорони хусусӣ ва таъмини ҷалби самараноки сармояи хусусӣ имкон медиҳанд. Тадбирҳо ва механизмҳои мушаххас оид ба такмили амсилаҳои мавҷудаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод карда шудаанд, ки ба суръат бахшидан ба равандҳои таҷдид ва тавсеаи инфрасохтори сайёҳӣ, инчунин афзоиши сармоягузорӣ ба ин соҳа мусоидат мекунанд.

7. Таҳлили ҳамаҷонибаи шаклҳо ва схемаҳои маъмуми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ гузаронида шуд, ки ин барои муайян кардани маҳакҳо ва тартиби интихоби амсилаи муносибтарини маблағгузории лоиҳаҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ имкон медиҳад. Ба таҳияи усулҳои баҳодиҳии дурусти шароити интихоби тарҳи беҳтарини маблағгузорӣ бо назардошти хусусиятхои хоси инфрасохтори сайёҳӣ диққати махсус дода мешавад. Барои баҳодиҳии амиқ ва воқеъбинонаи чунин шароит усулҳои таҳлили молиявии сармоягузориҳо истифода шуданд, ки дақиқтар муайян кардани омилҳоеро, ки ба интихоби тарҳии маблағгузорӣ таъсир мерасонанд, таъмин намуданд. Муҳимии яке аз манбаъҳои дохилии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ – истеҳлок, ки ба ҷамъшавии воситаҳо барои маблағгузории лоиҳаҳои дарозмуҳлат, баланд бардоштани устувории молиявии онҳо ва коҳиш додани вобастагӣ аз манбаъҳои берунии сармоя мусоидат мекунад, тасдиқ карда шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Таҳқиқи муфассали асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологии таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, тафсири муносиби мафҳумҳои марбут ба маблағгузории лоиҳаҳо - «сармоягузорӣ», «фаъолияти

сармоягузорӣ», «лоиҳаи сармоягузорӣ», «таъминоти молиявӣ», «маблағгузорӣ» ва аниқ кардани онҳо дар робита бо мавзуи таҳқиқот. Пешниҳоди таснифоти аниқкардашудаи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, муайян кардани тартиби интихоби манбаъҳои молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар асоси низом ва тарҳи интихобшудаи маблағгузорӣ.

2. Таҳқиқи шароити истифодаи усулҳо ва шаклҳои муосири маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, муайян кардани бартарӣ ва камбудиҳои онҳо дар робита ба маблағгузории лоиҳаҳо дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ. Арзёбии хусусиятҳои таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ дар асоси омӯзиши равандҳои сармоягузорӣ дар мамлакат ва таҳқиқи санадҳои стратегии рушди сайёҳӣ.

3. Ошкор кардани мушкилот ва монеаҳои боздорандаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он дар асоси таҳлили вазъи сармоягузорӣ ба соҳа, таҳлили равандҳои ҷалби манбаъҳои маблағгузорӣ ба иншооти инфрасохтор ва таҳқиқи пойгоҳи техникии иншооти амалкунандаи инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат, муайян кардани роҳҳои бартараф кардани онҳо дар алоқамандӣ бо корбурди механизмҳои муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва пешниҳоди тавсияҳо барои амалисозии онҳо.

4. Таҳлили омилҳои ба маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъсиррасон, арзёбии онҳо вобаста ба вазъи имрӯзаи иншооти инфрасохтори сайёҳӣ. Муайян кардани тадбирҳои зарурӣ барои рушди маблағгузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ аз нуқтаи назари беҳгардонии таъминоти моиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ. Таҳия ва пешниҳоди тарзҳои муносиби ҳавасмандкунии сармоягузории хусусӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ.

5. Таҳлил ва арзёбии имконияти корбурди маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчун механизми самараноки татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ. Муайян кардани омилҳои асосии истифода нашудани механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар мамлакат, арзёбии бартариҳои маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми истифода дар раванди татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ.

6. Муқаррар кардани шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун яке аз механизмҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ. Арзёбии ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки барои ҷалби сармоя ва амалисозии босамараи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ имкон медиҳанд.

7. Таҳлил ва арзёбии тарҳҳои гуногуни маблағгузорӣ барои интихоби амсилаи муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ. Муҳимии истеҳлок ҳамчун яке аз манбаъҳои дохилии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ тасдиқ карда мешавад. Пешниҳодҳо барои корбурди механизми маблағгузории венчурӣ ва амсилаи консессионии маблағгузорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ таҳия карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд дар рушди назария ва методологияи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ саҳми муҳим гузоранд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар истифодаи тавсияҳои пешниҳодгардида аз ҷониби кормандони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти субъектҳои хоҷагидории инфрасохтори сайёҳӣ барои татбиқ дар фаъолияти сармоягузорӣ ифода меёбад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳияшуда дар равандҳои таҳия, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ имкон медиҳад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, эътимоднокии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, гузоришҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалиявӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) иҷро карда шудааст: 1.7. Ҷанбаҳои инфрасохтории низоми молиявӣ, 2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, 3.6. Молияи соҳаҳо, 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидор, проблемаҳои муносибгардонии сохтори сармоя, 3.22. Ташаккули низоми самараноки маблағгузории лоиҳавӣ ва барномавӣ, 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбасткунӣ, банизомдарорӣ ва такмили равишҳои назариявию амалии таъминоти молиявӣ ва рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рушди таъминоти молиявии татбиқи сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ истифода шаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар шакли гузоришҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Иқтисодиёти корхонаҳо, минтақаҳо, мамлакатҳо: масъалаҳои мубрам ва ҷанбаҳои муосир» (Пенза, 2023), «Масъалаҳои идоракунӣ ва иқтисодиёт: вазъи муосир ва мушкилоти мубрам» (Москва, 2022) ва дигарҳо пешниҳод гардида, баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои таҳияшуда дар фаъолияти сармоягузории корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ истифода мешаванд. Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат, ихтисоси «Молия» истифода мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 17 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 7,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 6,4 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт бо 152 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 166 саҳифа дарҷ гардида, 11 расм ва 21 ҷадвалро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

## 1.1. Асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологии таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ

Дар методологияи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ нақши муҳимро механизми молиявӣ иҷро мекунад, ки онро метавон ҳамчун маҷмуи усулҳо ва воситаҳои ташаккули захираҳои молиявӣ, истифодаи оқилонаи онҳо баррасӣ кард. Бо таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи назариявии раванди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавон тасиқ кард, механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ унсурҳои зиёдеро дар бар мегирад, вале онҳо ҳанӯз пажӯҳиши пурраи худро дарёфт накардаанд. Худи раванди маблағгузорӣ, ки аз мафҳуми таъминоти молиявии фаъолияти сармоягузорӣ бармеояд, ба дараҷаи кофӣ баррасӣ ва аз ҷиҳати назариявӣ дуруст муайян карда нашудааст. Яъне масъалаҳои зиёди назариявию методологӣ, пеш аз ҳама мушкилоти марбут ба тафсири мафҳумҳои асосии бо раванди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ алоқаманд таҳқиқи махсуси илмиро талаб мекунанд. Бинобар ин, имрӯз зарур аст, ки раванди маблағгузорӣ ҳамчун унсури муҳими таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба таҳқиқи амиқ фаро гирифта шуда, мафҳумҳои «сармоягузорӣ», «фаъолияти сармоягузорӣ», «лоиҳаи сармоягузорӣ», «таъминоти молиявӣ» ва «маблағгузорӣ» шарҳ дода шуда, муносибати байниҳамдигарии онҳо дар доираи мавзуи таҳқиқот муқаррар карда шавад. Гарчанде масъалаи тафсири мафҳумҳои мазкур дар назари аввал сода намояд ҳам, бо фарогирии бештари адабиёт ва интишороти илмии ба он дахлдор метавон муқаррар кард, ки дар ин масъала нуқтаҳои назари мухталиф вуҷуд доранд ва баррасии онҳо раванди пажӯҳишро душвор гардонида, метавонад бо назардошти омили субъективӣ ба хулосаҳои зиддиятнок низ оварда расонад.

Муҳаққиқон мавҷуд будани ду равишро ба тафсири мафҳумҳои сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ таъкид мекунанд: ҳуқуқӣ ва илмӣ-

иқтисодӣ. Дар ин маврид тафсири ҳуқуқӣ собит ва якранг буда, тафсири илмӣ-иқтисодӣ нуқтаҳои назари гуногунро ифода мекунад. Аммо «устуворӣ ва якрангии тафсири ҳуқуқии моҳияти сармоягузорӣ ва раванди сармоягузорӣ кафолати дурустии он ё имкони истифодаи амалии он дар равандҳои танзими фаъолияти сармоягузорӣ нест. Масалан, агар моҳияти фаъолияти сармоягузорӣ ва иштирокчиёни он ба қадри кофӣ мураттаб нагардида бошад, тамоми ҷонибҳои эҳтимолии ба сармоягузориҳо манфиатдор метавонанд аз доираи танзими давлатӣ хориҷ шаванд» [3, с. 14]. Бинобар ин, мо ҳарду равишро барои тафсири мафҳумҳои «сармоягузорӣ» ва «фаъолияти сармоягузорӣ» баррасӣ мекунем. Ба ин хотир, мо пеш аз ҳама ба муқаррароти қонунгузории амалкунанда таваҷҷуҳ мекунем, зеро фаъолияти сармоягузорӣ ба манфиатҳои иқтисодию молиявии ҷонибҳои гуногун дахолат мекунад ва ба инобат гирифтани онҳо барои давлат масъалаи мубрам буда, ҳалли он дар муайян кардани муҳтавои барномаҳо ва стратегияҳои миллии ба рушди ояндаи иқтисодиёти миллӣ нигаронидашуда нақши ҳалкунанда мебозад.

Дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки марбут ба мавзуи таҳқиқот мебошанд, паҳлуҳои асосии масъалаи таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба таври кифоя баррасӣ шудаанд. Пеш аз ҳама дар онҳо мафҳумҳои асосии «сармоягузорӣ» ва «фаъолияти сармоягузорӣ» шарҳ дода шуда, шароити корбурди онҳо низ муайян карда шудааст. Ҳамин тариқ, қонунгузории миллӣ муайян мекунад, ки сармоягузорӣ – ин гузоштани маблағҳои муайян аз ҷониби сармоягузор дар шакли пул ва дигар дороиҳои моддию ғайримоддӣ ба хотири гирифтани фоида мебошад [64]. Нуктаи муҳиме, ки дар қонунгузорӣ махсус қайд карда шудааст, ин макони сафарбар кардани маблағҳои барои сармоягузорӣ ҷалбшаванда – ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Қонунгузории миллӣ корбурди сармоягузориро барои субъектҳои иқтисодии тамоми соҳаҳои фаъолият иҷозат додааст. Бинобар ин, саҳми сармоягузорӣ дар тавозуни муҳосибии аксари субъектҳои иқтисодӣ метавонад назаррас бошад. Яъне дар ҳисоботи молиявии корхонаҳои соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, ки дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккул меёбад,

сармоягузориҳо ҳамчун дороӣ эътироф карда мешаванд. Зимнан, натиҷаҳои молиявии аз фаъолияти сармоягузорӣ бадастомадаи субъектҳои иқтисодӣ низ назаррас буда, дар ташаккули ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва ҳисобот оид ба гардиши сармоя низ саҳми муҳим доранд. Вобаста ба ин таъқид бояд кард, ки ҳангоми тафсири мафҳумҳои марбут бо сармоягузорӣ корбурди равиши муҳосибӣ хеле муҳим аст. Объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар тавозуни муҳосибӣ инъикос гардида, ба бузургии дороиҳои тавозун бо тарҳи қарздориҳои дебиторӣ баробар мебошанд. Бинобар ин, ба андешаи мо таърифи болозикри сармоягузорӣ, ки марбут ба соҳаи ҳуқуқ мебошад, бо қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мухолифат пайдо мекунад.

Мутобиқи қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ – СБҲМ, аз ҷумла СБҲМ 7, ки масъалаҳои тартибҳии ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулиро баррасӣ мекунад, тамоми фаъолияти хоҷагидории субъектҳои соҳибкорӣ ба се намуд ҷудо мешавад: амалиётӣ (асосӣ, муқаррарӣ), молиявӣ ва сармоягузорӣ [151]. Мувофиқи таснифоти дар стандарт овардашуда, фаъолияти амалиётӣ – ин фаъолияти асосӣ ва дигар фаъолияте мебошад, ки ба корхона даромад меорад ва аз фаъолияти молиявӣ ва сармоягузорӣ фарқ мекунад. Фаъолияти молиявӣ – фаъолиятест, ки ба тағйирёбии ҳаҷм ва таркиби сармояи гузошташуда (сармояи оинномавӣ) ва қарзҳои корхона боис мешавад. Фаъолияти сармоягузорӣ – харид ва хориҷкунии дороиҳои дарозмуҳлат ва дигар сармоягузориҳо, ки унсури пулӣ нестанд, мебошад. Ҷараёнҳои пулии умумие, ки дар натиҷаи ба даст овардан ва аз даст додани назорати корхонаҳои фаръӣ ё дигар корхонаҳо бармеоянд, фаъолияти сармоягузорӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти сармоягузорӣ – фаъолият оид ба харид ва фурӯши дороиҳои дарозмуҳлат ва дороиҳои молиявӣ, аз ҷумла қоғазҳои қиматнок мебошад. Яъне мувофиқи равиши муҳосибӣ, фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи амалиёт бо дороиҳои дарозмуҳлат ва қоғазҳои қиматнок маҳдуд буда, маблағгузорӣ ба объектҳои дигар, аз ҷумла, ба захираҳои молию моддӣ ба фаъолияти амалиётӣ мансуб мебошад, на ба фаъолияти сармоягузорӣ.

Барои дарки дурусти моҳияти сармоягузорӣ ба равишҳои таърихӣ ва мантиқӣ низ таваҷҷуҳ кардан лозим аст, «аз назар гузаронидани якчанд консепсияҳои илмии баҳодиҳандаи моҳият ва нақши сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёт, дар алоқа бо зарурати бунёди асосҳои назариявӣ барои омӯзиши ҳаматарафаи сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун объекти идоракунӣ диққати махсусро тақозо менамояд» [108, с. 244].

Падидаи аввалӣ дар робита ба сармоягузорӣ, ки онро асосгузорони афкори иқтисодӣ таҳқиқ кардаанд, пасандоз мебошад. Пасандоз ҳамчун ҳиссаи истеъмолнашудаи маҳсулоти истеҳсолшуда на барои афзоиши истеҳсоли маҳсулот, балки барои ҳифзи сарват зарур аст. Ин захираи бехатарӣ мебошад, ки барои шароити номусоиди истеҳсолӣ дар оянда барои истеъмол кардан нигоҳ дошта мешавад ва ҳамзамон чун манбаи имконпазири сармоягузорӣ истифода шуда метавонад. Аз нигоҳи таърихӣ ва мантиқӣ маҳз пасандозҳо асоси сармоягузориро ташкил медиҳанд.

А. Смит мафҳуми сармоягузориро қариб дар шакли муосир тафсир карда, вале худи вожаи «сармоягузорӣ»-ро ба кор набурдааст: ҳаҷми маҳсулоти миллии солона комилан аз сармояи ба истеҳсолот гузоштошуда вобаста аст. Зеро ташаккули арзиши маҳсулот пеш аз ҳама аз теъдоди коргарони бевосита дар истеҳсолот машғулбуда, ки пардохти ҳаққи меҳнати онҳо назаррас аст, вобаста мебошад. Шумораи коргарони пурмаҳсул дар натиҷаи зиёд шудани маблағи барои нигоҳубини онҳо сафарбаршуда меафзояд. Иқтидори истеҳсолии ҳамон як шумораи коргарон аз ҳисоби зиёд кардани миқдор ё такмил мошину таҷҳизот, тақсими мақбултари меҳнат меафзояд, «дар ҳарду ҳолат сармояи иловагӣ лозим аст, ки бо ёрии он соҳибкор коргарони худро бо мошинҳои беҳтар таъмин мекунад ё корҳоро дар байни онҳо ба мақсад мувофиқтар тақсим карда метавонад» [112, с. 338]. Барои А. Смит мафҳумҳои пасандоз ва сармоя ҳамчун сармоягузорӣ ба истеҳсолот аслан бо ҳам мувофиқ меоянд. Ҳамин тариқ, масъалаи сармоягузорӣ (бе истифодаи худи вожа) бо ин ё он ҷиҳат дар коркарди мушкилоти андухти сармоя ва сарват (А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс) инъикоси худро ёфтааст.

Пасандоз ҳамчун сармоя, бар хилофи истеъмол, ин ҳамон сармоягузорӣ аст. Тақсимоти минбаъдаи сармоя аз фаҳмиши асосии он бармеояд. Дар асл, сармоягузорӣ тарзи истифодаи маблағ барои истеҳсоли минбаъдаи он мебошад. Истеъмол, бар хилофи сармоягузорӣ, - истифодаи бебозгашти маблағ аз ҷониби соҳиби он мебошад. Сармоя, дар ин маврид - сармоягузории шакли моддӣ гирифта, сармоягузорӣ - манбаи сармоя мебошад. Ҳамин тариқ, сабаб ва оқибат шакли ҳамдигарро қабул карда, раванди муттасилро ташкил медиҳанд. Ин ғоя ба ақидаҳои иқтисодии классикии ба мантиқи диалектикӣ асосёфта комилан мувофиқ аст.

Иқтисоддони дигари классик – Ҷ.Б. Кларк бо ҷудо кардани манбаъҳои алоҳидаи сармоягузорӣ дар дарки мафҳуми сармоягузорӣ пештар рафта, мафҳумҳои «сармоя» ва «сарватҳои сармояро» ҳамчун воситаҳои меҳнат шарҳ додааст [48, с. 129]. Ӯ шаклҳои моддӣ ва арзишии воситаҳои меҳнатро ҷудо карда, нишон дод, ки шакли моддӣ маҳв гардида, бо ҳамин такрористеҳсоли шакли арзиширо таъмин мекунад, манбаи сармояи нав арзиши ҳиссаи маҳвгардида новобаста аз соҳаи истифодаи он мебошад. Ба забони муосир, манбаи сармоя, пеш аз ҳама, маблағи истеҳлок мебошад, ки ҳамчун пасандоз ё андухт дар натиҷаи фарсудашавии воситаҳои асосӣ ташаккул меёбад. Ҷ.Б. Кларк инро ҳамчун манбаи навкунии воситаҳои меҳнат (воситаҳои асосӣ) медонист, на афзоиши сармоя. Барои амалӣ кардани афзоиши сармоя аз ҳисоби пасандоз аз истеъмоли як қисми даромад худдорӣ кардан лозим аст, зеро  пасандоз – ин «талаботи мавқуфгузошташудаи хонавода, яъне худдорӣ кардан аз истеъмоли имрӯза ба хотири афзоиши он дар оянда» [11, с. 118] мебошад.

Ҳамин тариқ, пасандозҳо ва сармоя аслан аз рӯйи шакли арзиш бо сармоягузорӣ якхелаанд, аз рӯйи манбаъҳо – ҳиссаи маҳсулоти ҷамъиятии барои такрористеҳсоли васеъ пешбинишуда мебошанд. Бинобар ин, пасандозҳо на ҳамеша ба сармоягузорӣ мубаддал мегарданд. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табдили захираҳои андухт (дар корхонаҳо – фоида ва истеҳлок, дар аҳолӣ – пасандоз) ба сармоягузорӣ душвор аст, хусусан барои аҳолӣ, ки нигоҳ доштани

пулро дар шакли пасандоз бо асъори хориҷӣ ё амволи ғайриманқул афзалтар медонанд.

Ворид намудани вожаи «сармоягузорӣ» ба меҳвари таҳқиқоти иқтисодӣ бо асарҳои олимон И.Фишер ва Ҷ.М. Кейнс алоқаманд буда, дар солҳои 1930 ба амал омадааст. Он замон И. Фишер ду асари илмии худ – «Назарияи сармоягузорӣ» ва «Назарияи фоиз»-ро ба нашр расонид, ки дар онҳо масъалаи сармоягузорӣ дар доираи мушкилоти ташаккули даромад аз сармоя (фоиз) аз нигоҳи равиши микроиқтисодӣ баррасӣ мешавад. Ташаккули сармоя аз нигоҳи И. Фишер бо худдорӣ кардани инсон аз истеъмолӣ имрӯзаи ҳиссаи сарватҳо ба манфиати пасандоз (сарватҳои оянда) алоқаманд буд. Дар навбати худ, ҳамчун пасандоз нигоҳ доштани ҳиссаи воситаҳо зарурати истифодаи онҳоро дар асоси интихоби байни имконияти гуногуни сармоягузорӣ дар назар дошт. Ақидаҳои назариявии И. Фишер бо методикаи муқоисакунии лоиҳаҳои гуногуни сармоягузорӣ дар асоси ба ченаки ягона бо ҳам овардани даромадҳои давраҳои гуногуни оянда пурра карда шуданд. Методикаи мазкур имкон медод, ки даромаднокии лоиҳаҳои гуногун муқоиса карда шаванд ва то ҳол дар адабиёти назариявии хориҷии соҳаи сармоягузорӣ истифода мешавад.

Умуман, механизми ташаккул ва истифодабарии пасандозҳо ҳамчун манбаи сармоягузорӣ мураккаб ва пуртазод аст. Аз як ҷониб, пасандозҳо (андухт) барои рушди иқтисодии мамлакат заруранд, маблағҳои андухтшуда ба рушди истеҳсолот ва умуман тамоми иқтисодиёт мусоидат мекунанд. Бинобар ин, давлат бояд раванди истеъмолро маҳдуд карда, раванди андухти маблағҳоро барои ташаккули манбаъҳои сармоягузорӣ ҳавасманд гардонад. Вале аз сатҳи муайян зиёд шудани маблағҳои андухт ногузир боиси суст шудани сатҳи рушди истеҳсолот мегардад ва муҳим аз ҳама, ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоиро дар ҷамъият халалдор мекунад. Аз ҷониби дигар, давлат раванди талаботи истеъмолиро, ки ба ҷалби сармоягузорӣ, рушди истеҳсолот ва умуман тамоми иқтисодиёт мусоидат мекунад, бояд ҳавасманд гардонад. Ҳолати мазкур, тавре муҳаққиқ В.Е. Афонина қайд мекунад, дар таҳқиқоти Ҷ.М. Кейнс тасдиқи худро ёфтааст: «Гарчанде маблағи умумии пасандозҳо натиҷаи умумии амали

истеъмолкунандагони алоҳида ва маблағи сармоягузориҳо – натиҷаи умумии амали соҳибкорони алоҳида мебошад, ин ду бузургӣ бояд бо ҳамдигар баробар бошанд, зеро ҳар яке аз онҳо баробар ба барзиёдии даромад аз истеъмол аст» [9, с. 73].

Ҳамин тариқ, таҳқиқи механизми ташаккул ва истифодабарии пасандозҳо ҳамеша яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи молия дар мамлакат мебошад. Хоса «сармоягузорӣ барои рушду тавсеаи равандҳои технологии истеҳсоли маҳсулот бо мақсади гирифтани даромад дар оянда моҳияти иқтисодии сармояро шарҳ медиҳад. Ин раванд бештар ба он алоқаманд аст, ки сармоя яке аз омилҳои рушди иқтисод, дар маҷмуъ таъминкунандаи рушди босуботи он, ба ҳисоб меравад» [136, с. 5]. Ба андешаи муҳаққиқон Д.У. Ӯроқов ва Б.А. Набиев «ҷалби сармоя имконият, сарчашмаҳо, воситаҳое мебошад, ки метавонанд барои расидан ба мақсадҳои муайян ва ҳалли масъалаҳои мушаххас истифода шаванд» [126, с. 36]. Яъне пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ бе таҳия ва амалисозии лоиҳа ғайриимкон аст. Лоиҳа асоснокии молиявии сармоягузориро тасдиқ мекунад.

Дар адабиёт таърифи лоиҳаи сармоягузорӣ бештар ҳамчун маҷмуи корҳои бо пайдарпайии муайян ва дар алоқамандии байниҳамдигарӣ иҷрошаванда, ки барои расидан ба ҳадафи умумии гузошташуда дар давраи муайян нигаронида шудаанд, оварда шудааст. Барои исботи гуфтаи худ, мо равишҳои дар адабиёт маъмули тафсири мафҳуми лоиҳаи сармоягузориро дар ҷадвали 1.1 меорем.

Дар асоси ҷамъбасти равишҳои тафсири мафҳуми лоиҳаи сармоягузорӣ, мо нигоҳи худро ба ин мафҳум изҳор намуда, чунин таърифи онро пешниҳод мекунем: лоиҳаи сармоягузорӣ маҷмуи чорабиниҳои пайваста ва пай дар пай иҷрошаванда мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххаси маблағгузорӣ дар доираи вақти маҳдуд ва буҷети пешакӣ муқарраршуда татбиқ мешавад. Вобаста ба ин, чунин омилҳои асосии муайянкунандаи ҳар як лоиҳаи мушаххаси сармоягузориро метавон ҷудо кард: ҳаҷм (миқёс)-и лоиҳа; муҳлати татбиққунӣ; сифати раванди татбиққунӣ; мавҷуд будани захираҳои зарурӣ барои анҷом додани лоиҳа.

**Ҷадвали 1.1. – Равишҳои маъмули тафсири мафҳуми лоиҳаи сармоягузорӣ**

| Муаллиф | Тафсири мафҳуми «лоиҳаи сармоягузорӣ» |
|---|---|
| Ш.С. Бақоев [12, с. 72] | Маҷмуи чораҳое, ки барои ба даст овардани манфиатҳои минбаъда ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, инфрасохторӣ, муҳити зист ва дигар мушкилот нигаронида шудааст. |
| И.А. Бланк [19, с. 408] | Зуҳуроти ҳуҷҷатии ташаббуси сармоягузории субъекти хоҷагидорӣ, ки гузориши сармояро ба объекти мушаххаси сармоягузории воқеӣ пешбинӣ намуда, барои амалӣ намудани ҳадафҳои муайяни сармоягузории дар вақт муайяншуда ва ба даст овардани натиҷаҳои мушаххаси банақшагирифташуда нигаронида шудааст. |
| Б.М. Гулов [31, с. 295] | Тадбирҳое, ки бо пайгирӣ, тамаркуз барои расидан ба мақсади ниҳоӣ ва номунтазамӣ хос мебошанд ва барои таъмини ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ дар шароити маҳдуди вақт ва захираҳои молиявӣ татбиқ карда мешаванд. |
| В.П. Попков, В.П. Семенов [95, с. 38] | Маҷмуи чорабиниҳои бо ҳам алоқаманд, ки гузоришҳои муайяни сармояро барои муҳлати маҳдуд бо мақсади ба даст овардани даромад дар оянда дар бар мегирад. |
| З.С. Султонов [117, с. 21] | Маҷмуи чорабиниҳо дар доираи лоиҳаи тиҷоратӣ, ки марҳилаи муҳими сармоягузорӣ буда, дар асоси он соҳаҳои мушаххаси иқтисодиёти давлат ё минтақаҳо маблағгузорӣ шуда, рушд меёбанд. |
| Л.З. Юнусова [148, с. 110] | Маҷмуи чораҳо, ғояҳо ва амалҳое, ки барои ноил шудан ба ҳадафи пешбинишуда дар як муддати маҳдуд тавассути идоракунии сармоягузорӣ нигаронида шудаанд. |
| Ақидаи муаллиф | Лоиҳаи сармоягузорӣ маҷмуи чорабиниҳои пайваста ва пай дар пай иҷрошаванда мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххаси маблағгузорӣ дар доираи вақти маҳдуд ва буҷети пешакӣ муқарраршуда татбиқ мешавад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Омӯзиши мо нишон дод, ки қонунгузорӣ мафҳумҳои «таъминоти молиявӣ» ва «маблағгузорӣ»-ро аз нигоҳи ҳуқуқӣ муайян накардааст, бо вуҷуди ин дар илми молия тафсирҳои гуногуни ин ду мафҳум ба назар мерасанд. Ин тақозо мекунад, ки хусусиятҳои асосии онҳо, инчунин муайян кардани робитаи байни лоиҳаи сармоягузорӣ, таъминоти молиявӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳқиқ карда шавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ масъалаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ба таври васеъ баррасӣ гардидаанд. Дар интишороти олимон ва муҳаққиқони ватанӣ И.Р. Иброҳимзода, Б.Ҳ. Каримов, А.А. Қурбонов, Ш.С. Бақоев, А.Р. Рустам, И.Н. Сафаров, Л.Ҳ. Саидмуродов, А.К. Сафоев, Қ.Х. Хушвахтзода паҳлуҳои зиёди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ баррасӣ шудаанд. Дар асарҳои мазкур тасдиқ карда шудааст, ки амалисозии вазифаҳои мубрами иқтисодиёти муосир бе ҷалби ҳаҷмҳои

назарраси сармоягузориҳо имконнопазир аст. Ҳамзамон, бо вуҷуди густариши имконияти маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар мамлакат, аз ҷумла аз ҳисоби манбаъҳои хориҷӣ, норасоии маблағҳои зарурӣ яке аз монеаҳои асосии рушди босуботи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ вожаи «маблағгузорӣ» ҳамчун тахсис додани (ҷудо кардани) миқдори муайяни пул барои коре, таъин кардани маблағ шарҳ дода шудааст [128, с. 766]. Маблағгузории фаъолияти сармоягузориро метавон ба маънои васеъ ва маҳдуд маънидод кард. Ба маънои васеъ ин тартиби рушд ва гузаштани пул аз шакли авалии худ ба шакли молӣ мебошад, ки дар натиҷаи он сармояҳои асосӣ гардон ташаккул меёбанд. Дар фаҳмиши маҳдуд маблағгузорӣ – ин амали ҷойивазкунии маблағҳо аз манбаъҳои гуногун тавассути хароҷоти сармоягузорӣ мебошад.

Ҳадафи асосии амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ ташкили муносиби раванди маблағгузории он мебошад, ки бо иҷрои вазифаҳои дахлдор лоиҳаро бо захираҳои сармоягузорӣ таъмин мекунад. Захираҳои сармоягузорӣ на танҳо пули нақд, инчунин воситаҳои асосӣ ва гардон, дороиҳои ғайримоддӣ, ҳуқуқи моликият, қарзҳо, вомҳо ва гаравҳоро дар бар мегиранд. Маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ ҳамчун як тарзи ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба хотири таъмини аз ҷиҳати молиявӣ иҷрошаванда будани лоиҳа амал мекунад. Барои таъмини аз ҷиҳати молиявӣ иҷрошавии лоиҳаи сармоягузорӣ пеш аз ҳама тарҳи маблағгузориро муайян кардан лозим аст. Дар тарҳи маблағгузорӣ раванд ва тартиби харҷи маблағҳо қадам ба қадам тасвир карда мешавад ва муайян карда мешавад, ки барои ҳар як амалиёт ё давраи маблағгузорӣ дар раванди сармоягузорӣ чӣ қадар маблағ сарф мешавад. Тарҳи маблағгузорӣ унсури муҳими таъмини молиявии лоиҳаи сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Тарҳи маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ пас аз он ки сохтори умумии маблағгузории лоиҳа, сарпарастони лоиҳа ё ташкилоти лоиҳавӣ муайян карда мешаванд, таҳия карда мешавад. Он вазифаҳои стратегии ҳамаи иштирокчиёни раванди амалисозии лоиҳаро инъикос намуда, ба интихоби сармоягузорон ва қарздиҳандагони нисбатан муносиби лоиҳаи сармоягузорӣ нигаронида мешавад.

Таҳқиқи адабиёт як нуктаи муҳимро ифшо кард, ки ба инобат нагирифтани он метавонад ба таҳияи хулоса дар бораи тафсири дурусти мафҳумҳои баррасишаванда таъсири манфӣ расонад. Ҳам дар амалияи сармоягузорӣ, ҳам дар адабиёт мафҳумҳои «маблағгузорӣ» ва «таъминоти молиявӣ» аксаран ҳамчун вожаҳои бо ҳам муродиф баррасӣ мешаванд. Вале дар баъзе интишорот равишҳои дигар ба тафсири ин мафҳумҳо низ ба назар мерасанд, ки дар ҷадвали 1.2 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.2. – Тафсири мафҳумҳои «маблағгузорӣ» ва «таъминоти молиявӣ» дар адабиёт**

| Муаллиф | Тафсири мафҳумҳои «маблағгузорӣ» ва «таъминоти молиявӣ» |
|---|---|
| И. Бернар [14, с. 739] | Таъминоти молиявӣ ин ҷалб ва ҷамъ кардани захираҳои молиявӣ, маблағгузорӣ - истифода ё тақсимоти ин захираҳо мебошад. |
| Ю.Н. Воробьев [28, с. 7] | Маблағгузорӣ раванди таъминоти молиявӣ буда, худи таъминоти молиявӣ - ҷалби аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки манбаъҳои дохилию берунии захираҳои молиявӣ, инчунин манбаъҳои қарзӣ барои маблағгузории муътадили фаъолияти амалиётӣ ва сармоягузорӣ мебошад. |
| А.Г. Грязнова [132, с. 1026] | Таъминоти молиявӣ – низоми чорабиниҳо ба хотири саривақт ва пурра қонеъ гадонидани талабот ба маблағҳо мебошад, ки банақшагирии молиявӣ, маблағгузорӣ, ҷамъоварӣ, гирифтан, нигоҳдорӣ, сарфакорона ва оқилона истифода бурдани маблағҳо, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, назорати молиявӣ, таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидориро дар бар мегирад. |
| Н.Л. Карданская [44, с. 123] | Таъминоти молиявӣ ҳалли масъалаи ҷалби сармояи берунӣ, идоракунии сармояи худӣ, истифодаи сармоя дар раванди истеҳсолот (сармоягузорӣ ва идоракунии гардиши пардохт), инчунин баргардонидани қарз мебошад |
| В.В. Ковалев [49, с. 39] | Маблағгузорӣ раванди сафарбаркунии маблағ барои ноил шудан ба ҳадафҳои молиявии корхона ё лоиҳа, таъминоти молиявӣ - пешниҳоди захираҳои молиявӣ дар ҳаҷми зарурӣ ва бо шартҳои мувофиқ барои татбиқи ҳадафҳо ё лоиҳаҳои мушаххас мебошад. |
| Р.К. Мукасеев [80, с. 38] | Маблағгузорӣ ҳамчун маҷмуи усулҳо ва воситаҳо барои пӯшонидани хароҷот, таъмини хароҷот бо захираҳои молиявии зарурӣ баррасӣ шуда, таъминоти молиявӣ - раванди ҷалбкунӣ, ҷамъоварӣ ва истифодабарии мақсадноки захираҳои молиявӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ мебошад. |
| Л.Н. Павлова [91, с. 110] | таъминоти молиявӣ - маҷмуи шаклҳо ва усулҳо, принсипҳо ва шароити маблағгузории корхонаҳо, ... идоракунии сармоя, фаъолият оид ба ҷалб, ташаккул ва истифодабарии он мебошад. |
| А.Д. Шеремет [141, с. 50] | Маблағгузорӣ раванди ташаккул ва тақсими маблағҳо мебошад, ки барои пӯшонидани хароҷот ҳангоми иҷрои амалиёти гуногуни тиҷоратӣ ё лоиҳаҳои сармоягузорӣ нигаронида шудааст. Таъминоти молиявӣ ин таъмини корхона ё лоиҳа бо воситаҳои молиявӣ ва захираҳои зарурӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мебошад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз таҳлили андешаҳои муҳаққиқон, ки дар ҷадвали 1.2 оварда шудааст, ба хулосае омадан мумкин аст, ки аксари муаллифон таъминоти молиявиро ҳамчун раванди ҷалб ва ҷамъоварии маблағҳо маънидод мекунанд, маблағгузорӣ бошад, истифодаи мақсаднок ё тақсимоти онҳо дар самтҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, сарфи назар аз робитаи байни маблағгузорӣ ва таъминоти молиявӣ, ин равандҳо метавонанд нисбатан мустақилона аз ҳамдигар вуҷуд дошта бошанд. Аммо ташаккули захираҳои молиявӣ ҳамчун асоси маблағгузории мақсаднок хизмат мекунад. Вобаста ба ин, дар баъзе нуқтаҳои назар таъминоти молиявӣ ҳамчун мафҳуми васеътар дониста мешавад, маблағгузорӣ бошад қисми таркибии он ҳисобида мешавад, ки инро ақидаи дар ҷадвал овардашудаи А.Г. Грязнова ифода мекунад.

Бар иловаи ақидаҳои дар ҷадвал овардашуда, мо бо таҳлили адабиёт муайян кардем, ки баъзе иқтисоддонҳо маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро ҳамчун падидаи мушаххасе медонанд, ки раванди таъмини захираҳои заруриро барои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт [96, с. 360], роҳандозӣ намудани чорабиниҳои иҷтимоию фарҳангӣ, мудофиа ва дигар эҳтиёҷоти иҷтимоӣ [16, с. 13], таъмини фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо бо маблағҳо барои пӯшонидани хароҷоти гуногун [55, с. 13] дар бар мегирад. Дигар иқтисоддонҳо маблағгузориро ҳамчун маҷмуи амалҳое медонанд, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои рушди соҳибкорӣ нигаронида шудаанд [10, с. 18].

Хусусиятҳои хоси таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар асоси аломатҳои худи фаъолияти сармоягузорӣ ошкор карда мешаванд, ки муайян кардани ҳаҷми зарурии захираҳои молиявӣ, сохтор ва тартиби истифодаи онҳоро дар асоси нақшаи тақвимии асосноккардашуда дар бар мегиранд. Ба инобат гирифтани ин омилҳо ҳангоми ҷалби маблағҳои зарурӣ шарти муҳимтарини татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар робита ба фаъолияти сармоягузорӣ таъкид намудан зурур аст, ки на танҳо ҷалб ва ҷамъоварии захираҳои молиявӣ, балки инчунин ба мақсадҳои пешбинишуда истифода бурдани онҳо низ муҳим аст. Вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти сармоягузорӣ мафҳуми таъминоти молиявии фаъолияти

сармоягузориро ҳамчун раванди ҷалб намудан, ҷамъоварӣ кардан ва истифодаи ҳадафноки захираҳои молиявӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ фаҳмидан мақбул аст.

Бо вуҷуди ин, қисми зиёди коршиносони соҳаи молия маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро ҳамчун раванде муайян мекунанд, ки метавонад аз як ё якчанд марҳила иборат бошад. Дар робита ба ин, маблағгузорӣ дар Луғати муосири молиявию қарзӣ чунин тафсир шудааст: «раванди дарёфт ё пешниҳоди захираҳои молиявӣ бо шаклҳои гуногун барои соҳибкорӣ» [114, с. 395].

Вобаста ба ин, муҳаққиқон Д.А. Мешеряков ва Ю.А. Мешеряков чунин меҳисобанд, ки маблағгузорӣ ҳамчун раванд се марҳиларо дар бар мегирад [76, с. 350]: 1) муайян кардани манбаъҳои барои лоиҳа дастрас; 2) интихоби манбаъҳои мушаххаси маблағгузорӣ ва 3) харҷи ҳадафноки маблағҳо.

Аз интихоби дурусти манбаъҳои маблағгузорӣ на танҳо рафти муътадили татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ, балки инчунин тақсими даромади ниҳоӣ аз он, самаранокии истифодаи сармояи гузошташуда, устувории молиявии корхонаи сармоягузорикунанда вобаста аст. Аломатҳои асосии дар таснифи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ истифодашаванда ва шаклҳои дахлдори сармоягузорӣ вобаста ба аломатҳои мазкур дар ҷадвали 1.3 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.3. – Таснифи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ**

| Аломати тасниф | Шакли сармоягузорӣ |
|---|---|
| Шакли моликият | маблағҳои буҷети давлатӣ; маблағҳои ташкилотҳои молиявӣ ва соҳибкорони хориҷӣ; маблағҳои худии корхона |
| Сарчашмаи маблағгузорӣ | худмаблағгузорӣ аз ҳисоби фоидаи соф ва истеҳлок; бозори қоғазҳои қиматнок; қарзҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ; буҷети давлатӣ |
| Тарзи ҷалб кардан | манбаъҳои дохилӣ; манбаъҳои берунӣ |
| Сохтори сармоя | воситаҳои таркиби сармояи худӣ; воситаҳои берун аз таркиби сармояи худӣ |
| Муносибат ба корхона | худӣ; ҷалбгардида; қарзӣ |
| Сатҳи тавлиди хавф | Хавфзо; бехавф |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [29; 57; 144]

Маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонад аз як манбаъ ё аз якчанд манбаъ сурат гирад. Ҳангоми интихоби тарзи маблағгузорӣ аломатҳои таснифии

манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои ҳамаҷониба омӯхта шуда, аз шумораи зиёди имконпазири онҳо беҳтаринашон, ки дараҷаи асоснокии нисбатан баландтар доранд, интихоб карда мешаванд.

Давомнокии марҳилаи аввалии раванди маблағгузории лоиҳа аз интихоби маҳз кадом манбаи молиявӣ - худӣ, ҷалбгардида ё қарзӣ вобаста мебошад (расми 1.1).




**Расми 1.1. – Манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар ҳолати кифоя будани захираҳои молиявии худӣ барои маблағгузории лоиҳа давомнокии марҳилаҳои якум ва дуюм кӯтоҳтарин аст. Марҳилаи сеюм хароҷоти хариди ашёи хом ва дигар воситаҳои гардон, харид ва сохтмони воситаҳои асосӣ, пардохти музди меҳнат, фурӯши маҳсулоти дар доираи татбиқи лоиҳа истеҳсолшуда ва дигар масрафҳоро пешбинӣ менамояд.

Раванди интихоби манбаъҳои мушаххаси маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар асоси низом ва тарҳи интихобшудаи маблағгузорӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси лоиҳаи сармоягузорӣ ва фаъолияти корхонаи ташаббускори лоиҳа сурат мегирад. Дар ин маврид пеш аз ҳама имконияти худи корхонаи ташаббускори лоиҳа барои маблағгузорӣ ба инобат гирифта мешавад, сипас дар асоси таҳлили молиявии манбаъҳои берунӣ, имконияти ҷалби онҳо барои амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ арзёбӣ карда шуда, танҳо бо тасдиқи

ҳамаҷонибаи қобили истифода будани ҳар як манбаи баррасишаванда интихобм манбаи мушаххаси маблағгузорӣ сурат мегирад. Дар раванди чунин таҳлил ва арзёбӣ пеш аз ҳама арзиши воситаҳои аз берун ҷалбшаванда ва самаранокии онҳо барои лоиҳа ба инобат гирифта мешавад.

Омӯзиши адабиёт ва шарҳи дар интишорот овардашудаи таҷрибаи хориҷии амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки интихоби манбаъҳои дохилӣ тарзи боэътимодтарини маблағгузории лоиҳаҳо мебошад, вале истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки бештар аз ҳисоби давлат бояд маблағгузорӣ шаванд, мушкил аст. Бо вуҷуди ин, манбаъҳои дохилӣ барои корхонаҳои ташаббускори лоиҳа гарчанде маҳдуд бошанд ҳам, аксаран онҳо дар марҳилаи аввали даври фаъолияти корхона метавонанд дастрас бошанд, хусусан ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории хурд, ки маблағи камро талаб мекунанд. Ҳамагуна густариши стратегии фаъолият ногузир ба ҷалби манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ, хусусан манбаъҳои беруниро талаб мекунад. Бартарӣ ва камбудиҳои истифодаи манбаъҳои дохилӣ дар ҷадвали 1.4 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.4. – Бартарӣ ва камбудиҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо истифодаи манбаъҳои дохилӣ**

| Бартариҳо | Камбудиҳо |
|---|---|
| - сода будани раванди ҷалби маблағҳо ба туфайли набудани расмиёти ҳуқуқӣ, зеро қарорҳоро соҳибмулкон ва роҳбарияти корхона худ мустақилона қабул мекунанд | - маҳдудияти маблағҳо ва имконияти ками густариши фаъолияти амалиётӣ ва сармоягузории корхона |
| - истифодаи маблағҳои дохилӣ, аз ҷумла фоида ва истеҳлок пардохти фоизи қарз ё дивидендро талаб намекунад | - арзиши баланд нисбат ба манбаъҳои дигари ташаккули сармоя, аз ҷумла қарзҳои бонкӣ |
| - устувории молиявӣ ва қобилияти пардохтпазирии тӯлонии корхона<br>- паст будани сатҳи хавфи муфлисшавӣ | - имконияти қобили истифода набудани баландбардории сатҳи даромаднокии сармояи худӣ бо роҳи ҷалби захираҳои ҷалбшаванда |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Корхонае, ки барои татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ танҳо манбаъҳои худиро истифода мебарад, сатҳи баландтарини устувории молиявӣ дорад, аммо суръати

рушди фаъолияти он маҳдуд мешавад, зеро он ҳангоми шароити мусоид ҳаҷми зарурии дороиҳоро, ки фаъолияти муътадил ва даромадорандаро таъмин карда тавонанд, ба даст оварда наметавонад ва дар натиҷа иқтидори зиёд кардани фоидаи худро аз ҳисоби сармоягузорӣ истифода бурда наметавонад.

Қарор дар бораи интихоби манбаъҳои дохилӣ ва берунии маблағгузорӣ марҳилаи асосии раванди татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ буда, ба муваффақият ва самаранокии дарозмуддати он таъсири назаррас мерасонад. Сарчашмаи интихобшуда на танҳо устувории молиявии лоиҳа, балки қобилияти мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи бозор ва омилҳои иқтисодии беруниро низ муайян мекунад. Маблағгузории берунӣ метавонад маблағҳои зуд ва назаррасро таъмин кунад, аммо он бо хавфҳои муайян, ба монанди хароҷоти баланди қарз ё вобастагӣ аз қарздиҳандагони берунӣ боис мешавад. Дар навбати худ, истифодаи манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ боиси пайдо шудани уҳдадориҳо дар назди шахсони дигар намегардад, вале захираҳои он маҳдуд мебошанд, ки ин метавонад ба пардохтпазирии корхона таъсири манфӣ расонад.

Интихоби манбаи муносиби маблағгузорӣ барои лоиҳаи мушаххаси сармоягузорӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки дар ҷадвали 1.5 оварда ва шарҳ дода шудаанд.

Ҳангоми қабули қарор оид ба ҷалби маблағгузории дарозмуҳлат, корхонаҳо пеш аз ҳама афзалиятҳои андозро ба назар мегиранд. Аммо, бо зиёд шудани ҳиссаи қарз хавфи пардохтнотавонӣ, ки аломати возеҳи муфлисшавӣ аст, меафзояд. Дар натиҷа, дар арванди маблағгузории лоиҳа вазъияте ба вуҷуд омада метавонад, ки хароҷот аз фоидаи маблағгузории лоиҳа аз ҳисоби қарз зиёд аст. Маҷмуи чорабиниҳо оид ба интихоби таркиб ва сохтори манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нишондиҳандаҳои ҷараёни пулӣ ҳамчун усули маблағгузорӣ муайян карда мешавад.

**Ҷадвали 1.5. – Омилҳои интихоби манбаъҳои маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ**

| Омил | Шарҳи омил |
|---|---|
| Мавҷудияти захираҳои молиявӣ | Мвҷудияти захираҳои молиявӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии интихоби манбаи маблағгузорӣ, бештар аз қобилияти қарзгир барои қонеъ гардонидани талаботи муайяне, ки ба ӯ барои ворид шудан ба бозори қоғазҳои қиматнок имкон медиҳанд, инчунин аз мавҷудияти гарави боэътимод барои ҷалби маблағҳои қарзӣ вобаста аст. Яъне корхона бояд қобилияти пардохтпазирии молиявӣ ва қобилияти иҷрои уҳдадориҳои худро дар назди сармоягузорон ё қарздиҳандагон нишон диҳад, ки ин бевосита ба қобилияти он барои ҷалби сармояи берунӣ таъсир мерасонад. |
| Хароҷоти ҷалби сармоя | Ҳангоми баҳодиҳии арзиши маблағҳои қарз на танҳо маблағи исмии хароҷот (фоизи қарз), балки хусусиятҳои ҷадвали пардохти қарзро низ ба назар гирифтан лозим аст. Муҳим он аст, мӯҳлат ва ҳаҷми пардохтҳо ба ҷараёни пешбинишудаи пулӣ, ки дар доираи лоиҳаи сармоягузорӣ тавлид мешаванд, мувофиқат кунанд. Яъне ҷадвали пардохтҳо бояд чандир бошад ва тағйирёбии эҳтимолии воридоти пулро ба инобат гирад, то аз мушкилоти молиявӣ дар марҳилаҳои муайяни лоиҳа пешгирӣ карда шавад. Ҳамин тариқ, ҳамоҳангсозии дурусти ин унсурҳо шарти ҳатмӣ барои нигоҳ доштани пардохтпазирӣ ва кам кардани хавфҳои молиявӣ ҳангоми татбиқи лоиҳа мебошад. |
| Чандирии воситаҳои мушаххаси маблағгузорӣ | Дар раванди банақшагирӣ, вақте ки пешакӣ ба инобат гирифтани тамоми тарзҳои имконпазири рушди корхона ғайриимкон аст, омилҳои асосии интихоби манбаи маблағгузорӣ на танҳо мӯҳлати гирифтани захираҳои молиявӣ, балки инчунин танзими аниқи мӯҳлати пардохти уҳдадориҳо мебошад. Ин ҷанбаҳо бевосита аз устувории молиявӣ ва имкониятҳои корхона вобастаанд, ки барои таъмини чандирии идоракунии уҳдадориҳои қарзӣ ва иҷрои саривақтии уҳдадориҳои молиявӣ бояд бодиққат арзёбӣ карда шаванд. |
| Хавфҳои қарзӣ | Дараҷаи хавфи қарзии қабулшуда асосан бо омилҳои берунӣ, аз қабили тағирёбии шароити бозор, тағирёбии нархи нерӯи барқ, тағирёбии қурби асъор ва вазъи кунунии геополитикӣ муайян карда мешавад. Ин тағирёбандаҳо метавонанд ба устувории молиявӣ ва қобилияти қарзгир барои иҷрои уҳдадориҳои худ таъсир расонанд. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳлили манбаъҳои маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ дар таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ яке аз марҳилаҳои муҳимтарин мебошад, ки фаро гирифтани ҷанбаҳои зиёди таҳқиқиро талаб мекунад. Дар ин маврид мутахассисони барои омӯзиш ва таҳқиқи имкониятҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ масъул бояд сатҳи баланди донишҳои дахлдорро дар соҳаҳои молия, баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, таҳлил ва

ояндабинии ҳолатҳои молиявӣ доро бошанд, зеро қарорҳои қабулнамудаи онҳо ба самаранокии татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ таъсири бевосита мерасонад. Онҳо бояд ба арзёбии тарзҳои гуногун ва имконпазири маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ муносибати мутавозин дошта бошанд.

## 1.2. Усулҳо ва шаклҳои муосири таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ

Омӯзиши мо, ки ба таҳқиқи асарҳои илмӣ ва амалияи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ асос ёфтааст, тасдиқ мекунад, ки мафҳумҳои «усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ» ва «шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ» баъзан ҳамчун мафҳумҳои бо ҳам муродиф баррасӣ мешаванд. Бинобар ин, дар бораи усулҳо ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳолатҳои зиёди нофаҳмӣ ва баҳсҳо ба миён меоянд. Барои бартараф намудани ин гуна ҳолатҳо, пеш аз ҳама, мо маънои вожаҳои асосии таркиби ибораҳои «усули маблағгузорӣ» ва «шакли маблағгузорӣ» - усул ва шаклро таҳқиқ мекунем.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ вожаи усул чун тарз, равиш, роҳ, тартиб [129, с. 387] ва вожаи шакл ҳамчун мисл, монанд, назир, қиёфа, шамоил, сурат [129, с. 649] тафсир шудааст. Луғати тафсирии забони русӣ калимаи усул (метод)-ро чун тарзи таҳқиқи назариявӣ ё амалисозии чизе ва калимаи шакл (форма)-ро чун тарзи мавҷудияти муҳтаво, зоҳир тафсир кардааст [85, с. 512].

Акнун барои дарёфти маънои худи ибораҳои «усули маблағгузорӣ» ва «шакли маблағгузорӣ» ба адабиёти илмии соҳаи молия назар мекунем [68; 73; 135; 147]. Дар асоси таҳқиқи адабиёт мо муайян кардем, ки ҳар ду ин ибораҳо бо мафҳуми «манбаъҳои маблағгузорӣ» робитаи зич доранд. Манбаъҳои маблағгузорӣ асосан ҳамчун воситаҳои пулии дорои имконияти истифода ба сифати захираҳои сармоягузорӣ баромад мекунанд ва «усули муайяни маблағгузорӣ метавонад шаклҳои зоҳирии худро дошта бошад. Дар баробари ин шаклҳое, ки дар доираи усули мушаххас муайян карда мешаванд, бо моҳияти

иқтисодии худ муттаҳид шуда, имкон медиҳанд, ки онҳо маҳз ба ҳамин усули маблағгузории сармоягузорӣ мансуб дониста шаванд» [7, с. 128].

Ҳамин тариқ, усулҳо ва шаклҳои маблағгузорӣ тарзҳои ҷалб кардани захираҳои сармоягузориро ифода мекунанд. Ба манбаъҳои маблағузорӣ танҳо воситаҳои пулии барои сармоягузорӣ ҷалбшаванда мансуб мебошанд. Бинобар ин, мо муносибати байниҳамдигарии мафҳумҳои «манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ», «усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ» ва «шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ»-ро дар шакли амсила ифода мекунем (расми 1.2).




**Расми 1.2. – Амсилаи муносибати мафҳумҳои манбаъҳо, усулҳо ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Интихоби шакл ва усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ гуфта, «таъмини лоиҳа бо захираҳои сармоягузорӣ, шароит барои амалисозӣ бо ноилгардии масрафҳо ва хавфҳои камтарин, тавассути истифодаи муносиби манбаъҳои маблағгузорӣ» [123, с. 92] фаҳмида мешавад. Усули муайяни маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад ва ин шаклҳо дар доираи усули мазкур вобаста ба ягонагӣ ё наздикии моҳияти иқтисодии худ муттаҳид мегарданд.

Дар адабиёти иқтисодӣ нуқтаҳои назари гуногун доир ба масъалаи таркиби усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавҷуд аст. Масалан, Л.И. Юзвович чунин усулҳоро номбар кардааст: худмаблағгузорӣ, саҳҳомӣ, қарзӣ, лизинг, маблағгузории венчурӣ, маблағгузории лоиҳавӣ ва маблағгузории давлатӣ [147, с. 209-211]. В.Е. Леонтев низ ҳамин гуна таркибро ҳангоми таҳлили усулҳои муосири маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти воқеӣ истифода бурдааст, лекин ӯ усули маблағгузории давлатиро ҳамчун усули маблағгузории буҷетӣ номбар кардааст [68, с. 42]. В.В. Бочаров ба усулҳои мазкур усули маблағгузории омехтаро низ мансуб медонад [23, с. 18].

Вазифаи муайян кардани усулҳои мушаххаси афзалиятноки маблағгузорӣ барои лоиҳаи мушаххас ва корхонаи мушаххас ба зимаи шахсони барои амалисозии лоиҳа масъул вогузор карда мешавад. Дар ин маврид, барои қабули қарори муносиб ва оқилона ба ҷо овардани таҳқиқи шароити мушаххаси фаъолияти ҳар як субъекти иқтисодӣ зарур аст. Вале, як чиз аниқ аст — маблағгузориҳо бояд дар шаклҳое зоҳир гарданд, ки иқтидори иқтисодии субъекти иқтисодиро барои ноил шудан ба фаъолияти босубот ва рушди истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ва рақобатпазир афзун кунанд. Илова бар ин, бояд сохтори беҳтарини сармоя ва боздеҳии он дар шакли фоидаи гирифташуда, даромаднокӣ, баландшавии устувории молиявӣ ва арзиши бозории корхона таъмин карда шавад.

В.В. Шеремет маблағгузории саҳомӣ, давлатӣ, қарзӣ ва маблағгузории лоиҳавиро ҳамчун шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ баррасӣ кардааст [141, с. 58]. В.Г. Золотогоров низ сармоягузории саҳомӣ, сармоягузории буҷетӣ, лизинг, сармоягузории қарзӣ ва ипотекаро ҷудо кардааст [38, с. 231]. Н.Н. Наточеева шаклҳои анъанавӣ ва муосири маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро ҷудо мекунад. Ӯ ба шаклҳои анъанавии маблағгузорӣ манбаъҳои худӣ, қарзӣ, ҷалбгардида ва марказонидашударо мансуб дониста, ҳамзамон чунин шаклҳои муосири маблағгузориро пешниҳод ва баррасӣ мекунад: «маблағгузории лоиҳавӣ ва маблағгузории венчурӣ, маблағгузорӣ бо истифодаи

хатҳои қарзӣ, қарзи инноватсионӣ, қарзҳои вомбаргии мақсаднок, лизинг ва маблағгузории омехта» [82, с. 40].

Тавре мушоҳида мекунем, аксари муаллифон ҳангоми ҷудо кардани усулҳо ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ як равиши муайянро риоя накардаанд, ҳамон як усули маблағгузории ҷудокардаи як муаллифро муаллифи дигар ҳамчун шакли маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ номбар мекунад. Бинобар ин, мо барои бартараф кардани нофаҳмии мазкур чунин таркиби усулҳо ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро пешниҳод карда, ҳамзамон алоқамандии байни онҳоро тасвир мекунем (расми 1.3).

Аз расми 1.3 дида мешавад, ки худмаблағгузорӣ ҳамчун усули маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо истифодабарии маблағҳои фоида ва истеҳлоки дороиҳои дарозмуҳлат ҳамчун шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ алоқаманд мебошад. Яъне усули худмаблағгузорӣ бо роҳи истифодаи фоида ва истеҳлок амалӣ карда мешавад.

Истифодаи фоида ҳамчун шакли маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳангоми истифодаи усули худмаблағгузорӣ амал мекунад. Дар ин маврид танҳо фоидаи соф (фоидаи баъди андозбандӣ)-и субъекти иқтисодӣ ҳамчун манбаи маблағгузорӣ истифода шуда метавонад. Пас аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ фоидаи соф ба ихтиёри корхона мемонад, ки ҳиссаи он метавонад барои сармоягузорӣ сафарбар карда шавад. Фоидаи софи барои сармоягузорӣ сафарбаршаванда дар фонди андухт ё дар дигар фондҳои дахлдори дар корхона бунёдшаванда ҷамъоварӣ карда мешавад. Пӯёи фонди андухт тағйирёбии вазъи молиявии субъекти иқтисодӣ, зиёдшавии воситаҳои худии онро инъикос мекунад.




**Расми 1.3. - Таркиби усулҳо ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва алоқамандии онҳо**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [41; 147]

Дар расми 1.4 тартиби ташаккул ва истифодаи фонди андухт дар субъекти иқтисодӣ тасвир шудааст.




**Расми 1.4. – Тартиби ташаккули фонди андухт**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Имконияти истифодаи фоидаи софи субъекти иқтисодӣ ҳамчун манбаи воқеии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз бузургии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, аз сиёсати дивидендӣ вобаста аст. Ҳамчунин андозаи барои истеъмол (ҳаргуна пардохтҳҳои ҳавасмандкунӣ ба кормандон) сафарбаршавандаи фоидаи соф ба фоидаи сармоягузоришаванда таъсир мерасонад.

Мо тасдиқ кардем, ки шакли дигари зоҳиршавии худмаблағгузорӣ истифодаи маблағҳои ҷамъшудаи истеҳлок мебошад. Маблағҳои истеҳлок дар натиҷаи мунтазам гузаронидани арзиши дороиҳои дарозмуҳлат ба арзиши аслии маҳсулоти тайёр (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) тавассути тарҳҳои истеҳлок ташаккул меёбанд (ҳангоми ҳисобкунии манбаи андозбандии андоз аз даромади корхона маблағи истеҳлок аз манбаи андозбадӣ тарҳ карда мешавад, бинобар ин маблағҳои истеҳлок инчунин тарҳҳои истеҳлок низ номида мешавад). Ҳадафи асосии тарҳҳои истеҳлок барқарор кардани иқтидори истеҳсолии корхона, ки дар натиҷаи фарсудашавӣ ва кӯҳнашавии воситаҳои асосӣ ба миён меояд, мебошад.

Истифодаи истеҳлок барои дигар мақсадҳо тавсия дода намешавад, зеро дар акси ҳол, ҳангоми зарурати иваз намудани воситаҳои асосии корношоям ва фарсудашуда пайдо намудани захираҳои дастрас барои корхона мушкил аст.

Бухрони тӯлонии иқтисодӣ дар мамлакат ва норасоии доимии маблағ корхонаҳоро маҷбур кард, ки тарҳҳои истеҳлокро дар гардиши хоҷагидории ҷорӣ истифода баранд. Дар ин давра як қисми истеҳлок, масалан, барои пӯшонидани қарздориҳои дебиторӣ, хароҷоти истеҳсолии ҷорӣ, аз ҷумла пардохти меҳнат сарф карда мешуд. Акнун давлат назоратро аз болои такрористеҳсолкунии воситаҳои асосӣ аз даст дод. Аз сабаби нарасидани захираҳои молиявӣ «татбиқи дигаргуниҳои таъхирнопазири иқтисодӣ ва техникӣ пайваста мавқуф гузошта мешуд ва аз ин рӯ маблағи истифодашудаи истеҳлок ҳамчун шакли пинҳонии кӯмаки молиявии сармоягузорони эҳтимолӣ баррасӣ мешуд» [38, с. 250].

Усули саҳомӣ танҳо дар шароити ҷамъиятҳои саҳомӣ ва барои маблағгузориии лоиҳаҳои бузург истифода шуда, тавассути барориши саҳмияҳои оддӣ ва имтиёзнок амалӣ карда мешавад. Тафовути байни саҳмияҳои оддӣ ва саҳмияҳои имтиёзнок дар имконияти иштироки саҳомон дар идоракунии корхона ва тарҳи пардохти дивидендҳо ифода меёбад: дорандагони саҳмияҳои оддӣ дар маҷлиси саҳомон ҳуқуқи овоз доранд, вале ҳангоми набудани фоида дивиденд гирифта наметавонанд; дорандагони саҳмияҳои имтиёзнок ҳуқуқи овоздиҳӣ надоранд, вале бо вуҷуди натиҷаи молиявии манфӣ онҳо дивидендҳои худро дар шакли собит мегиранд.

Барориши саҳмияҳо ҳамчун усули маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳангоми набудани имконият барои истифодаи усули қарзӣ ба кор бурда мешавад. Гарчанде истифодаи барориши иловагии саҳмияҳои оддӣ ҳамчун алтернативаи қарз бо хароҷоти камтар алоқаманд бошад ҳам, дар амал маблағгузории қарзӣ бештар истифода мешавад. Зеро агар саҳмияҳо зуд-зуд баровварда шаванд, як қатор монеаҳо метавонанд ба миён оянд.

Монеаи аввал аз он иборат аст, ки ҷамъияти саҳомӣ захираҳои сармоягузориро танҳо баъди ба анҷом расидани раванди ҷойгиркунии саҳмияҳои баровардашуда мегирад ва ин сарфи вақти зиёдро дар назар дорад. Монеаи дуюм

ин аст, ки саҳмияҳои оддӣ на сармояи қарзӣ, балки сармояи саҳҳомӣ мебошанд ва барориши иловагии онҳо метавонад боиси вайрон шудани ҳиссаҳои мутаносиби иштироки саҳмиядорони қаблӣ дар сармояи оинномавӣ ва кам шудани даромади онҳо гардад. Чунин дурнамо боиси нигаронии саҳмиядорони қаблӣ мегардад ва онҳо метавонанд саҳмияҳои худро низ ба фурӯш гузоранд. Барои роҳ надодан ба чунин ҳолат дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ метавонад ҳуқуқи афзалиятноки хариди саҳмияҳои нав барои саҳмиядорони қаблӣ пешбинӣ карда шавад.

Бартарӣ ва камбудиҳои усули маблағгузории саҳомӣ дар ҷадвали 1.6 ҷамъбаст карда шудаанд.

**Ҷадвали 1.6. – Бартарӣ ва камбудиҳои асосии усули маблағгузории саҳомӣ**

| Бартариҳои усули маблағгузории саҳомӣ | Камбудиҳои усули маблағгузории саҳомӣ |
|---|---|
| Ҳангоми ҳаҷмҳои калони барориш нархи воситаҳои ҷалбгардида паст аст. | Барои корхонаҳои муддати тӯлонӣ фаъолияткунанда барориши иловагии саҳмияҳо метавонад ба қурби саҳмияҳои корхона таъсири манфӣ расонад. |
| Пардохтҳо (дивидендҳо) барои истифодаи захираҳои аз ҳисоби фурӯши саҳмияҳои оддӣ ҷалбгардида, вобаста ба натиҷаи молиявии фаъолияти ҷамъияти саҳомӣ ба ҷо оварда мешаванд. | Корбурди усули мазкур танҳо дар мавриди татбиқи лоиҳаҳои начандон калони сармоягузорӣ босамара аст. |
| Азбаски захираҳо барои маблағгузории лоиҳа дар оғози татбиқи он бунёд мешаванд, пардохти дивидендҳо низ метавонад ба таъхир андохта шавад. Ҳамзамон захираҳои ҷалбгардида бе мухлат мебошанд. | Ҷойгиркунии барориши саҳмияҳо вақт ва хароҷоти зиёдро талаб мекунад мекунад. |
| Маблағгузории лоиҳа аз ҳисоби сармояи худӣ ба баландшавии сатҳи пардохттавонӣ ва бартараф кардани аломатҳои муфлисшавӣ меоварад. | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [41; 73; 123]

Аз муҳтавои ҷадвал мушоҳида мешавад, ки усули саҳҳомии маблағгузорӣ барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мақбул аст, зеро пӯшонидани зарар танҳо аз ҳисоби сармояи худӣ аз вазъи мусоиди молиявии субъекти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад ва ин барои сармоягузорони эҳтимолӣ низ ҷолиб аст.

Истифодаи усули қарзии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ асосан ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармояталабиашон зиёд ва нокифоя будани

манбаъҳои худӣ мақбул аст. Ба ақидаи В.В. Бочаров, ин усули маблағгузорӣ бо ду шакл зоҳир мешавад: «аз ҳисоби истифодаи қарзҳои дарозмуҳлати бонкӣ ва вом (вомбаргҳо)-и дигар субъектҳои иқтисодӣ» [23, с. 58]. В.В. Шеремет шаклҳои маблағгузории бо усули қарзӣ алоқамандро қарзҳои бонкӣ ва лизинг номбар кардааст [141, с. 70]. Вале дар аксари адабиёти дахлдор лизинг ҳамчун усули алоҳидаи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ баррасӣ мешавад, на чун шакли маблағгузорӣ [73; 123; 147]. Ба андешаи мо, лизинг бояд алоҳида, берун аз доираи мафҳуми қарз баррасӣ карда шавад, зеро шакли он аз дарки маъмулии қарзи бонкӣ тафовут дорад. Бинобар ин, мо ҳам дар доираи таҳқиқоти худ лизингро на чун шакли маблағгузорӣ, балки чун усули маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ баррасӣ мекунем. Ҳамин тариқ, усули қарзии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шаклҳои қарзҳои сармоягузории бонкӣ ва баровардани вомбаргҳо сурат мегирад.

Дар доираи қарзи сармоягузорӣ қарздиҳанда (бонк) маблағро ба қарзгир (шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ) бо шартҳои баргардонидан, муҳлатнокӣ ва пардохти фоиз медиҳад. Муҳлати ҷалби он бо муҳлатҳои татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ мувофиқ аст. Шартномаи қарз корбурди муҳлати имтиёзнокро, ки дар давоми он давраи пӯшонидани маблағи асосии қарз ба таъхир мононда мешавад, метавонад пешбинӣ кунад. Чунин шарт хизматрасонии қарзро сабук, вале арзиши онро баланд мекунад, зеро пардохтҳои фоизӣ аз маблағи бақияи қарз ҳисобузам карда мешаванд.

Қарзи сармоягузорӣ ҳамчун қарзи дарозмуҳлат бо хароҷот барои хариди таҷҳизот, сохтмони биноҳо, иншоот, пурра кардани қисми пулии воситаҳои гардон алоқаманд аст. Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2 моддаи 194 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон) муқаррар кардааст, кифоизҳои ин гуна қарзҳо аз доираи андозбандӣ бо андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ берун буда, ба арзиши дороиҳои дарозмуҳлати бо маблағи қарзи мазкур бунёдгардида (сохташуда) зам мегарданд ва тавассути истеҳлок ҷуброн карда мешаванд.

Бояд зикр кард, ки дар мавриди истифодаи қарзи сармоягузорӣ тарҳи (нақшаи) баргардонидани қарз ба самаранокии минбаъдаи лоиҳаи сармоягузории дахлдор таъсири муҳим мерасонад, зеро корхона пеш аз оғози фаъолияти бо лоиҳаи сармоягузорӣ алоқаманд метавонад корро аз пардохти фоизҳои қарз шуруъ накунад, масалан, ҳангоми хариди таҷҳизот – пеш аз ба истифода додани он.

Бартариҳо ва камбудиҳои асосии қарзи сармоягузорӣ дар ҷадвали 1.7 ҷамъбаст карда шудаанд.

**Ҷадвали 1.7. – Бартарӣ ва камбудиҳои асосии қарзи сармоягузорӣ**

| Бартариҳои қарзи сармоягузорӣ | Камбудиҳои қарзи сармоягузорӣ |
|---|---|
| Қарзҳо метавонанд дар мухлатҳои нисбатан кӯтоҳтар гирифта шаванд, ки ин корхонаро аз бадшавии эҳтимолии вазъи бозори сармоя дар амн нигоҳ медорад. | Душворӣ ва мураккабии расмиёти ҷалб ва гирифтан |
| Мавҷудияти имконияти ҷалби қарз бо ҳаҷмҳои назаррас, ки метавонад аз ҳаҷми захираҳои сармоягузории худӣ хеле зиёд бошад. | Зарурати пешниҳод кардани кафолат ё гарави молу мулк |
| Назорати берунии ҷиддии самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ва истифодаи захираҳои дохилии баландбардории он ба ҷо оварда мешавад. | Хавфи бештари қарзҳо нисбат ба фурӯши саҳмияҳо. Мисли дигар манбаъҳои берунӣ, қарзҳо дар сурати пардохт накардан боиси муфлисшавии корхона мегарданд. |
| Аз сабаби ҷой доштани низоми инфиродии муносибатҳои байни қарзгир ва қарздиҳанда бонк омода аст, ки ҳангоми ба мушкилоти молиявӣ дучор шудани корхона муносибати некбинона зоҳир карда, баъзе шартҳои сабуккунандаи қарзро ба кор барад. | Қарзҳои дарозмуҳлат нисбат ба шартҳои баргардонидани худ маҳдудиятҳои қатъӣ доранд ва ҳангоми норасоии маблағ қарздиҳанда ба хотири ҷуброн кардани зарари худ метавонад барориши саҳмияҳоро талаб кунад. |
| Кам шудани манбаи андозбандии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ аз ҳисоби ба арзиши аслии дороиҳои аз ҳисоби қарзи мазкур бунёдшуда зам шудани фоизҳо. | Назорат ва ҳисоботдиҳии иловагӣ ҳам ба бонки қарздиҳанда ва ҳам ба мақомоти назораткунандаи лоиҳаи сармоягузорӣ. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [90; 123; 147]

Шакли дигари маблағгузории қарзӣ барориши вомбаргҳои ҳадафнок мебошад, ки бартарии муҳими он баргардонидани маблағи қарз дар анҷоми муҳлати он мебошад, бинобар ин, қарз аз ҳисоби даромадҳои худи лоиҳа пӯшонида мешавад. Ҳамчунин барои талаб кардани гарав ё кафолати қарз ҳоҷат

пайдо намешавад. Камбудии асосии барориши вомбаргҳои ҳадафнок ин тартиби мураккаби барориши онҳо ва расмиёти зиёди татбиқи он мебошад, ки хароҷоти истифодаи маблағҳои ҷалбшавандаро зиёд мекунад.

Бояд зикр кард, ки истифодаи усули қарзӣ барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бе якҷоягии шаклҳои дигари маблағгузорӣ боиси хавфи баланди аз даст додани устувории сармояи саҳҳомӣ мегардад. Ҳангоми истифодаи қарзҳои вомбаргӣ самаранокии онҳо танҳо бо ҳаҷмҳои зиёд ба даст меояд, ки ин барои корбурд дар дар корхонаҳои ватанӣ на ҳамеша мақбул аст.

Усули маблағгузории лизингӣ дар солҳои охир маъмул гардидааст, ки тибқи қонунгузорӣ он маҷмуи муносибатҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиеро ифода мекунад, ки ба иҷрои шартномаи лизинг вобастаанд [61]. Лизинг бо моҳияти иқтисодии худ хусусиятҳои ҳам сармоягузории истеҳсолӣ ва ҳам қарзро дорад.  Он дар шаклҳои молиявӣ, амалиётӣ ва лизинги бозгашт амалӣ мешавад. Лизинги молиявӣ иҷора бо пардохти пурраи арзиши амвол мебошад. Муҳлати аз рӯйи шартномаи лизинг додани амвол ба муҳлати муқаррарии истифодаи нафъовари амволи бо лизинг гирифташуда наздик ё баробар аст. Дар мавриди лизинги амалиётӣ муҳлати бо шартнома муқарраркардашудаи иҷораи амвол назар ба муҳлати муқаррарии истифодаи нафъовари он кутоҳтар аст. Ин ба лизингдеҳ имкон медиҳад, ки амволро якчанд маротиба ба иҷора диҳад. Дар баробари ин лизинггир аксар вақт ҳуқуқ дорад, ки амволи ба қарз гирифташударо пеш аз муҳлат баргардонад ва бо ҳамин имконият пайдо кунад, ки дар истеҳсолот доимо таҷҳизоти навтаринро истифода барад.

Лизинги бозгашт ҳамчун як намуди лизинги молиявӣ фурӯши таҷҳизот аз ҷониби соҳиб ва тавассути лизинг бозпас гирифтани он аз соҳиби нав мебошад. Яъне, соҳиби аввалӣ аз ташкилоти лизингӣ арзиши пурраи амволро гирифта, ҳуқуқи моликиятро ба амвол нигоҳ медорад ва танҳо барои истифодаи амвол иҷорапулиҳои давравиро пардохт мекунад. Лизинггирон асосан бо мақсади кам кардани ҳаҷми умумии пардохтҳои андозӣ лизинги бозпасро истифода мебаранд.

Бартариҳои усули маблағгузории лизингӣ инҳо мебошанд:

- содагии раванди гирифтани амвол (мавзуи лизинг);

- набудани зарурати дарҳол пардохт кардани уҳдадориҳои шартномавӣ;

- бастани шартномаи лизинг ба арзиши пурраи амвол;

- истифодаи босамараи иқтидорҳои истеҳсолӣ.

Камбудиҳои лизинг чунинанд:

- эҳтимоли фарсуда ва куҳнавшавии амвол;

- пардохтҳои иҷоравӣ то анҷоми муҳлати амали шартнома қатъ намегарданд;

- арзиши сармоягузорӣ барои дороиҳои дарозмуҳлати бо лизинг гирифташуда метавонад аз арзиши қарзи бонкии барои хариди ҳамин гуна дорой гирифташуда ба таври назаррас баландтар бошад, зеро дар амалия баъзан фоизҳои қарзи лизингӣ аз фоизҳои қарзи муқаррарӣ баландтар мебошанд.

Маблағгузории венчурӣ (аз англисӣ venture - хавф) ба гурӯҳи сармоягузориҳои дорои хавфи баланд мансуб буда, сармоягузориро ба сармояи оинномавии корхонаҳои рушдёбанда, ки бо таҳияи лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ машғуланд, ифода мекунад. Усули венчурии маблағгузорӣ барои лоиҳаҳое истифода мешавад, ки татбиқи онҳо аллакай дар марҳилаи аввалии худ бо хавфи баланд алоқаманд буда, ҳамчунин имконияти дар оянда ба таври назаррас зиёд шудани арзиш ва фоиданокии лоиҳа мавҷуд аст. Маблағгузории венчурӣ дар шаклҳои хариди саҳмияҳои корхонаҳои венчурӣ ва пешниҳоди қарз амалӣ карда шуда, асосан бо фаъолияти инноватсионӣ, таҳияи маҳсулот ва технологияҳои нав алоқаманд аст, ки «муваффақият ва самаранокии онҳо танҳо бо гузашти як давраи муайян имконпазир мегардад, зеро дар марҳилаи аввалии лоиҳа онҳо ҷараёнҳои пулии мусбатро тавлид карда наметавонанд» [41, с. 99].

Дар мавриди маблағгузории венчурӣ «сармоягузорони лоиҳаҳо танҳо шаклҳои саҳҳомии маблағгузориро истифода мебаранд. Ҳамаи хавфҳои алоқаманд байни лоиҳаҳо тақсим карда мешаванд» [40, с. 155]. Сармоягузороне, ки ба чунин лоиҳаҳо ворид мешаванд, дар аввал медонанд, ки лоиҳа метавонад фоида ё зарар оварад, аммо ҳангоми ба даст овардани самараи дилхоҳ татбиқи лоиҳа гирифтани фоидаи баландро кафолат медиҳад. Корбурди усули

маблағгузории венчурӣ хусусан дар шароити буҳронӣ метавонад ба пайдо шудани хавфи зиёд боис гардад.

Дар шароити буҳронӣ воситаи босамараи ҷалби маблағҳо барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ усули маблағгузории лоиҳавӣ мебошад. Он дар адабиёт ҳамчун «маблағгузории хароҷоти сармоягузории воҳиди иқтисодӣ (ташкилоти лоиҳавӣ), ки худ хароҷоти истеҳсолиро пардохт мекунад, ҳам пардохти марбут ба пӯшонидани уҳдадории қарзии дарозмуҳлат аз рӯйи маблағҳои ҷалбгардидаро анҷом медиҳад ва дар баробари ин қарздиҳандагон барои ҳисобузам кардани фоизҳо ва бозпас гирифтани маблағҳои ҷалбгардида пеш аз ҳама ба пардохтпазирии иловагии интизорӣ ва хароҷоти пешбинишудаи лоиҳа такя менамоянд» [143, с. 60], шарҳ дода мешавад. Дар ин маврид, «кафолати таъмини бозпас гардонидани маблағҳои қарзӣ даромадҳои дар натиҷаи амалисозии лоиҳа гирифташаванда мебошанд. ... Хусусияти асосии ин шакли маблағгузорӣ мақсаднокии истифодаи сарватҳои молиявӣ ва сатҳи нанчандон баланди хавф мебошад» [137, с. 9] . Ҳангоми корбурди усули маблағгузории лоиҳавӣ «на ҷараёнҳои пулии озоди лоиҳа сарчашмаи воситаҳои пулӣ барои бозпас гирифтани маблағи гирифташуда мебошанд, балки таъмини маблағгузорӣ тамоми дороиҳои корхонаи ташаббускор мебошанд» [113, с. 115].

Тавре муҳаққиқон арз мекунанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корбурди маблағгузории лоиҳавӣ «дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, заминаҳои амалисозии он фаъолияти сармоягузории лоиҳаҳои афзалиятноки миллӣ ва пеш аз ҳама лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ мавҷуд мебошанд. Таҷрибаи ҷаҳонии амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ самаранокии ин намуди маблағгузориро аллакай собит кардааст» [101, с. 185].

Бартарӣ ва камбудиҳои асосии усули маблағгузории лоиҳавӣ дар ҷадвали 1.8 ҷамъбаст карда шудаанд.

Маблағгузории давлатӣ яке аз усулҳои маъмули татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад, ки бо истифодаи аз воситаҳои буҷети давлатӣ (буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) амалӣ карда мешавад. Бе истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои истеҳсолии ҳаётан муҳими

иқтисодиёти миллӣ ғайриимкон аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш менамояд, ки ҳаҷмҳои назарраси сармоягузориҳоро барои дастгирии давлатии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иҷтимоию иқтисодӣ сафарбар кунад. Дар ин мавриди танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ, дастгирии давлатии лоиҳаҳои сармоягузорӣ асосан тавассути сафарбар кардани захираҳои молиявии давлатӣ ба иҷрои барномаҳои ҳадафноки давлатӣ ва дигар эҳтиёҷоти давлатӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд, роҳандозӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 1.8. – Бартарӣ ва камбудиҳои асосии усули маблағгузории лоиҳавӣ**

| Бартариҳои усули маблағгузории лоиҳавӣ | Камбудиҳои усули маблағгузории лоиҳавӣ |
|---|---|
| Мавҷудияти бизнес-нақшаи қаблан таҳияшуда ва стратегияи тасдиқшуда, ки дар марҳилаи баррасии лоиҳа бо сармоягузор мувофиқа шудаанд. | Хароҷоти зиёди корҳои пешазлоиҳавӣ (тартиб додани бизнеш-нақша). Давраи тӯлонии баррасии ариза барои лоиҳа. |
| Тақсимоти мутавозини хавфҳо дар байни ҳамаи иштирокчиёни лоиҳа. | Назорати қатъӣ ва пурзӯри сармоягузорон аз болои раванди татбиқи лоиҳа дар ҳамаи марҳилаҳои раванди сармоягузорӣ. |
| Таъмини лоиҳа бо манбаъҳои худии маблағгузорӣ. | Хавфи талаф додани мустақилияти ташаббускори лоиҳа. |
| Даромаднокии нисбатан баланд | Сармоягузор метавонад ғайричашмдошт аз лоиҳа даст кашад. |
| Имконияти татбиқи лоиҳаҳои навкор (аввалин бор бо маблағгузории лоиҳа сарукор доштан) | Душвории пайдо кардани сармоягузори асосӣ, зарурати барои он ҷудо кардани дастаи назоратии саҳмияҳои корхонаи нав, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳа бунёд мешавад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [15; 110; 113]

Маблағгузории давлатии лоиҳаҳои сармоягузорӣ асосан дар шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳо дар доираи фармоишҳои давлатӣ, маблағгузории лоиҳаҳо дар доираи барномаҳои ҳадафноки давлатӣ ва қарзи давлатии берунӣ сурат мегирад.

Маблағгузорӣ дар доираи фармоишҳои давлатӣ асосан аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои амалисозии лоиҳаҳои ҳадафнок таъмин карда мешавад. Иҷрои лоиҳаҳои ҳадафнок аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ва фондҳои махсус маблағгузорӣ карда мешавад. Дар асоси қарзҳои давлатии берунии уҳдадориҳои давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қарзгирандаи

захираҳои молиявӣ ё кафили баргардонидани чунин қарзҳо, ки аз ҷониби дигар қарзгирандагон ба миён меоянд, иҷро карда мешаванд.

Давлат ба сармоягузорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт манфиатдор аст, аз ин рӯ, барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок чунин ду тадбирро роҳандозӣ мекунад: фароҳам овардани шароити мусоид барои онҳо ва иштироки бевосита дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шаклҳои гуногун.

Фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок такмили низоми андоз, ҳифзи манфиатҳои сармоягузорон, пешниҳод имтиёзҳо ба иштирокчиёни лоиҳаҳои сармоягузорӣ, тадбирҳои зиддиинҳисорӣ ва дигар амалҳоро пешбинӣ менамояд. Иштироки бевоситаи давлат дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок аз ҷумла бо чунин роҳҳо сурат мегирад: банақшагирӣ, таҳия ва тасдиқи лоиҳаҳо; маблағгузории лоиҳаҳо; дар асоси озмун пешниҳод намудани кафолатҳои давлатӣ барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ; ҳифзи манфиатҳои иқтисодии иштирокчиёни лоиҳаҳои сармоягузорӣ.

Усули омехтаи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамзамон истифодаи якчанд усулҳои маблағгузориро пешбинӣ менамояд, масалан, истифодаи якҷояи худмаблағгузорӣ ва дигар шаклҳо; истифодаи якҷояи маблағгузории саҳомӣ ва қарзӣ.

Ҳар яке аз усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ афзалият ва камбудиҳои муайяни худро доранд ва интихоби онҳо дар асоси муқоисаи тарҳҳо ва шаклҳои гуногуни маблағгузорӣ сурат мегирад. Ҳамин тариқ, маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ яке аз намудҳои асосии фаъолияти сармоягузорӣ мебошад, ки ҳамеша бо хавф алоқаманд аст. Фазои номусоиди сармоягузорӣ ва пойгоҳи қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба талаботи амалияи ҷаҳонии идоракунии лоиҳаҳо ҷавобгӯ нест, сабабҳои воқеъбинонае мебошанд, ки раванди татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузориро халалдор мекунанд. Ҳалли мушкилоти мураккаби муътадилсозӣ ва ҳадафмандона аз буҳрон баровардани мамлакат бо дигар кардани сиёсати сармоягузорӣ ва бозсозии куллии тамоми соҳаи сармоягузорӣ алоқаманд аст.

### 1.3. Хусусиятҳои таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ

Соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ботадриҷ ба як бахши алоҳида ва даромадорандаи иқтисодиёт табдил меёбад. Гарчанде ҳиссаи сайёҳӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и мамлакат чандон зиёд нест (аниқтараш, муайян нашудааст, зеро чунин маълумот аз боиси набудани методологияи мукаммали ҳисобкунии нишондиҳандаи мазкур дар омори расмӣ оварда намешавад), таҳлили маълумоти мавҷуда имкон медиҳад, ки сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ баррасӣ карда шавад. Барои рушди соҳаи сайёҳӣ пеш аз ҳама мавҷуд будани инфрасохтори муносиб зарур аст, ки он маҷмуи иншоот ва шабакаҳои таъиноти истеҳсолию техникӣ, фароғатию солимгардонӣ ва бехатариро, ки барои татбиқи ангезаҳои сайёҳӣ ва ноилгардии ҳадафҳои сайёҳон дар мавзеъҳои сайёҳӣ шароит фароҳам меоранд, ифода мекунад.

Таҳлили адабиёт ва санадҳои меъёрии соҳа нишон медиҳад, ки инфрасохтори сайёҳӣ аз ҷониби муҳаққиқони алоҳида ҳар хел шарҳ дода мешавад. Беш аз ҳама дар адабиёт сухан дар бораи инфрасохтори итсеҳсолии сайёҳӣ меравад. Дар муҳтавои мафҳуми инфрасохтори сайёҳӣ танҳо ҷиҳатҳои моддӣ ба инобат гирифта шудаанд, вале ҷиҳатҳои иҷтимоӣ, экологӣ ва дигар унсурҳо, аз ҷумла унсурҳои ғайримоддӣ дохил карда нашудаанд. Ба андешаи мо, бояд ҳангоми муайян кардани таърифи мафҳуми инфрасохтори сайёҳӣ, дар тафовут аз инфрасохтори соҳаҳои дигари иқтисодиёт, равиши васеътар ба кор бурда шавад, зеро инфрасохтори сайёҳӣ унсурҳои махсусеро дар бар мегирад, ки танҳо ба соҳаи сайёҳӣ мансуб буда метавонанд. Ба ин зумра унсурҳо дар баробари аломатҳои табиию иқлимӣ, аз ҷумла ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, урфу одати аҳолии маҳалли ҷойгиршавии иншооти инфрасохтор мисол шуда метавонанд, ки ҷолибияти мавзеи сайёҳиро таҳким медиҳанд. Бинобар ин, мо чунин таърифи нисбатан пурратари мафҳуми инфрасохтори сайёҳиро пешниҳод мекунем: инфрасохтори сайёҳӣ – маҷмуи иншооти таъиноти истеҳсолию

хизматрасонӣ, техникию бехатарӣ, иҷтимоию солимгардонӣ ва таърихию фарҳангӣ мебошад, ки барои татбиқи ангезаҳои сайёҳӣ ва ноилгардии ҳадафҳои сайёҳон дар мавзеъҳои сайёҳӣ шароит фароҳам меоранд.

Барои роҳандозӣ намудани намудҳои мушаххаси сайёҳӣ унсурҳои муайяни инфрасохтор, аз ҷумла инфрасохтори умумӣ ва махсус зарур аст. Инфрасохтори умумӣ барои ҳамаи намудҳои сайёҳӣ чунин унсурҳои маъмулро дар бар мегирад: нақлиёт, меҳмонхонаҳо, ошхонаю тарабхона ва дигар муассисаҳои хуроки умумӣ, муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ ва ғайра. Инфрасохтори махсус барои намуди муайяни сайёҳӣ зарур аст. Масалан, сайёҳии фароғатию солимгардонӣ бидуни мавҷудияти маҷмааҳои фароғатию солимгардонӣ, шароити муносиби табиию иқлимӣ ва иншооти дигари фароғатию солимгардонӣ ғайриимкон аст. Барои ҳар як намуди сайёҳӣ унсурҳои дахлдори инфрасохтори махсуси сайёҳиро, ки эҳтиёҷоти асосии намуди алоҳидаи сайёҳиро таъмин мекунанд, муқаррар бояд кард. Онҳо заминаи асосӣ барои ташаккули маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошанд. Маҳз унсурҳои инфрасохтори махсус барои сайёҳон ҷолибият ва ангезаҳои навро таъмин мекунанд.

Инфрасохтори сайёҳӣ такондиҳандаи рушди сайёҳӣ мебошад, зеро он асоси амалисозии хизматрасониҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Рӯйхати иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад» (аз 12 апрели соли 2018, № 189) муайян карда шудааст, асосан инҳоро дар бар мегирад: «меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, фароғатгоҳҳо, маҷмааҳои сайёҳӣ, нуқтаҳои хизматрасонии сарироҳӣ, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, осорхонаҳо, зиёратгоҳҳо, иншооти таърихӣ, марказҳои истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ, маҷмааҳои сайёҳию лижаронӣ ва дигарҳо» [59]. Мувофиқи маълумоти охирин (аввали соли 2023), дар мамлакат 230 ширкати сайёҳӣ (туроператорҳо ва агентиҳои сайёҳӣ) фаъолият доранд, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе – 106, Вилояти

Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 49, вилояти Суғд – 39, вилояти Хатлон – 18 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ -18 адад [89].

Омӯзиши вазъи корхонаҳо ва иншооти амалкунандаи соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он нишон дод, ки имрӯз дар фаъолияти онҳо мушкилоти зиёде мавҷуд мебошанд, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ монеа месозанд. Дар корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ба мизоҷон хизматрасонии касбӣ бо сатҳи мувофиқ ба талаботи имрӯзаи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ расонида намешавад. Меҳмонхонаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои сатҳи баланд ба сайёҳони хориҷӣ асосан дар шаҳри Душанбе ҷойгир шудаанд. Қабули сайёҳони хориҷӣ дар меҳмонхонаҳои дорои сатҳи нисбатан баландтари хизматрасонӣ ҳамчунин дар шаҳрҳои калон – Хоруғ, Бохтар, Хуҷанд ва Кӯлоб низ имкон дорад. Дар меҳмонхонаҳое, ки нархи иҷораи ҳуҷраҳо дар як шабонарӯз  аз 300 сомонӣ (муродифи 30 доллари ИМА) кам аст, дастрасӣ бо оби гарм аксаран маҳдуд аст. Мушкилоти вобаста ба шароити санитарию гигиенӣ ва ҳифзи беҳдошт дар меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо ва фароғатгоҳҳо пеш аз ҳама сайёҳонеро, ки бароҳатиро қадр мекунанд, нигарон мекунад.

Доштани кормандони баландихтисос низ барои корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ яке аз омилҳои асосии рушди сайёҳӣ мебошад. То ҳол дар мамлакат фарҳанги муносиби соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ намерасад. Асоси барори кор дар соҳаи сайёҳӣ сатҳи баланди касбият, муносибати дӯстона, меҳрубонии кормандон дар робита бо сайёҳон, фарҳанги хизматрасонӣ, ҳисси баланди масъулиятшиносӣ барои кори худ мебошад. Вақте ки дар корхонаи сайёҳӣ фарҳанги баланди хизматрасонӣ ва муомила бо мизоҷон ба роҳ монда шудааст, кормандон кӯшиш менамоянд, ки онҳоро беш аз пеш таҳким диҳанд, кормандони нав ба кор даромада аз кормандони собиқадор ибрат мегиранд, рафтори ҳар як корманд аз нигоҳи мизоҷон ба таври муносиб баҳодиҳӣ карда мешавад. Ҳар як мизоҷи ба корхона ташрифоварда бо худ таассуроти ғанӣ мебарад ва дар байни дӯстон, ҳамкорон ва ҳамсуҳбатҳои худ муносибати кормандони ин корхонаро муаррифӣ ва тарғиб мекунад. Ин ҳама амалҳои кормандон тарзи рафтори онҳоро

бо мизоҷон муайян мекунад ва дар онҳо ҳисси барор ва комёбӣ дар фаъолияти худ ва ноил шудан ба ҳадафҳо пайдо мешавад.

Ҳамчунин ба рушди фаъолияти сайёҳӣ омили дар минтақаҳои душворгузари кӯҳӣ ҷойгир будани аксари иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, ки рафтуомад ба онҳо душвор аст, таъсир мерасонад. Масалан, арзиши сафари ҳавоӣ дар масири Москва-Душанбе-Москва барои сайёҳон беш аз 500 доллари ИМА аст ва дар мавсимҳои алоҳида то ба 800-1000 доллар мерасад. Дар ҳамин ҳол, як парвози мушобеҳ аз Бишкек (Ҷумҳурии Қирғизистон) ба Москва ва бозгашт ҳудуди то 200 доллари ИМА арзиш дорад ва вобаста аз мавсим тағйир намеёбад. Албатта, ин вазъ натиҷаи мавқеи имтиёзноки шумораи ками ширкатҳои ҳавопаймоии маҳаллӣ (монополияи ниҳонӣ) дар бозори мусофиркашонии ҳавоии мамлакат мебошад.

Ҳамсояҳои наздики Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон бо фароҳам овардани шароити мусоид барои воруди шаҳрвандони хориҷӣ ба қаламрави худ ва муқаррар намудани нархҳои пасти рафтуомади ҳавоӣ мавқеъҳои худро дар соҳаи сайёҳӣ ба маротиб баланд бардоштаанд. Ғайр аз ин, онҳо ба рақобати нисбатан шаффофтар дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ имкон дода, ба бозор ширкатҳои ҳавоии навро роҳ додаанд, ки ин бешубҳа ба паст шудани арзиши рафтуомади ҳавоӣ овардааст.

Инфрасохтори сайёҳӣ дар қиёс бо дигар соҳаҳои соҳибкорӣ дорои хусусиятҳои фарққунанда мебошад. Аз ҷумла, метавон таъқид кард, ки дар фаъолияти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ афзалиятҳои мизоҷон хусусияти фарққунандаи худро доранд. Ин хусусият ба устувории бозори сайёҳӣ ва майли мизоҷони доимӣ ба ҳамон як иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ё ширкати сайёҳӣ таъсир мерасонад.

Ҳоло дар маҳаллҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзеъҳои зиёде мавҷуданд, ки дар ҳудуди онҳо ба роҳ мондани фаъолияти чунин иншооти инфрасохтор имконпазир аст: осоишгоҳҳ, меҳмонхонаҳо, истироҳатгоҳҳои хурд ва муассисаҳо дар соҳаи ташкили хизматрасониҳои фароғатию солимгардонӣ ба сайёҳон фаъолияткунанда.

Барои ҳарчи пурратар истифода бурдани иқтидори захиравии рушди сайёҳӣ дар мамлакат маблағҳои муайяни сармоя лозим мебошанд. Дар адабиёти илмӣ таърифи аз ҷониби аксари муҳаққиқон қабулшудаи мафҳуми сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун «гузориши маблағҳо ба муҳлати дароз барои сохтани иншооти сайёҳии нав ва таҷдиди иншооти амалкунанда, инчунин зиёд кардани истифодаи онҳо ба хотири афзоиши сармоя» [74, с. 25] оварда шудааст. Хусусияти асосии сармоягузориҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ дар давраи нисбатан тӯлонии истифодаи иншоот ифода меёбад, вале бештари иншооти инфрасохтори сайёҳӣ аз «сифр» сохта мешаванд. Боздеҳии нисбатан зуди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ бо даромаднокии нисбатан паст нисбат ба дигар соҳаҳои сармоягузорӣ ҳамрадиф аст. Дар мамлакатҳои хориҷӣ бештари лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ бо ҷалби маблағгузорӣ тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ҷо оварда мешавад, вале бо вуҷуди рушди назрраси он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин механизми маблағгузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ нисбат ба дигар соҳаҳо кам истифода мешавад.

Фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҷалби сармояи хусусӣ барои таъсис ва таҷдиди осоишгоҳҳо, маҷмааҳои варзишию фароғатӣ, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ зарур аст. Дар шароити кунунии паёмадҳои буҳрони молиявӣ, ки бештари ширкатҳои туроператорӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ба захираҳои молиявии иловагӣ ниёз доранд, ба онҳо фароҳам овардани имконияти иловагӣ ва шароити имтиёзнок барои ҷалби қарзи бонкӣ шарти муҳим барои пешкаш намудани хизматрасониҳо ва маҳсулоти нави таъиноти сайёҳӣ, омодасозии кормандони баландихтисос, бунёди роҳҳои нақлиётӣ ба мавзеъҳои сайёҳӣ, маконҳои қабул, ҷойгиркунӣ ва хизматрасонии сайёҳон мебошад.

Сабаби асосии камбудиҳое, ки барои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд, пеш аз ҳама нарасидани маблағҳои зарурӣ барои сармоягузорӣ ба бунёди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Маҳз ба

ҳамин хотир имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мубрам аст.

Сармоягузориҳо ҳамчун фишанги асосии идоракунии рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ арзёбӣ мешаванд. Аз ҳаҷм ва сохтори сармоягузориҳо суръатҳои рушди соҳа ва нишондиҳандаҳои молиявӣ-иқтисодии кори он дар оянда тӯлонӣ, хусусиятҳои сифатии иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, ғунҷоиши онҳо, мутаносибии сохтории рушди соҳа «дар асоси якҷоягии корхонаҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ (ҳамбастагии рушди меҳмонхонаҳо, нақлиёт, шабакаҳои хӯроки омма, алоқа ва ғ.), вазъи умумии талабот ва пешниҳодоти сайёҳӣ (муҳити рақобат) вобаста мебошанд» [94, с. 40] . Бинобар ин, сармоягузориҳо барои корхонаҳо ва иншооти алоҳидаи инфрасохтори сайёҳӣ «гузоришҳои молиявиро ба муҳлати муайян дар ташкил ё тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ ифода менамоянд, дар ин маврид ҳам маблағҳои худӣ ва ҳам маблағҳои қарзӣ истифода шуда метавонанд» [120, с. 345].

Барои амалӣ сохтани тадбирҳо ва ба даст овардани натиҷаҳои хуб дар фаъолияти амалиётии иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ҳалли мушкилоти зиёди эҷодкунандаи монеаҳо ба рушди сайёҳӣ, чун ташаккули намои ҷолиби мавзеъҳои сайёҳӣ, бартараф намудани рушди нобаробари иншооти инфрасохтор, кам кардани ҳиссаи хароҷоти нақлиётӣ дар арзиши маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасониҳои касбӣ, омӯзиш ва омодасозии кормандон, идоракунии сифат ва рушди босубот зарур аст. Ҳалли масъалаҳои мазкур қатъиян зиёд кардани ҳаҷм ва густариши манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳиро талаб менамояд.

Ҳукумати мамлакат ба рушди сайёҳӣ ва иншооти инфрасохтори он таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, барои пайдо намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдошта самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузориҳоро муайян мекунад. Ҳамзамон давлат барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он имтиёзҳои созгор, ки метавонанд ба рушди соҳа такон бахшанд, муқаррар менамояд.

Самтҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ, ки дар Стратегия рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муқаррар гардидаанд, инҳо мебошанд: «сайёҳии экологӣ; сайёҳии фароғатию солимгардонӣ; саёҳати сайругаштӣ; сайёҳии таърихию фарҳангӣ; сайёҳии кӯҳнавардӣ ва шикор» [116].

Бояд зикр кард, марҳилаҳои татбиқи Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 бо чунин пайдарпайӣ муқаррар карда шудаанд: «рушди босуръат (солҳои 2019-2022); ба анҷом расонидани саноатикунонии босуръат (солҳои 2023-2026); марҳилаи ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо (солҳои 2027-2030)» [116].

То имрӯз Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ барои солҳои 2019-2022 ба анҷом расидааст. Дар доираи иҷрои нақшаи мазкур дар мамлакат тадбирҳои муҳим дар самти ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ роҳандозӣ карда шудаанд. Дар марҳилаи мазкур дар мамлакат барои ҳавасманд гардонидани бахши хусусӣ ҷиҳати сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ ва беҳгардонии фаъолияти мавзеъҳои сайёҳӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, заминаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ омода карда шуданд. Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, мавзеъҳои мазкур пас аз гузаштани муҳлати 3-5 сол ба манбаи муҳими воридшавии асъори хориҷӣ табдил хоҳанд ёфт. Дар давраи солҳои 2019-2022 ба мамлакат зиёда аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла 1 миллион нафар сайёҳон дар соли 2022 ворид гардидаанд. Дар ин давра барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо зиёда аз 600 адад иншооти инфрасохтори сайёҳӣ (аз ҷумла 100 адад дар соли 2022) мавриди истифода қарор дода шуданд.

29 декабри соли 2022 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2023-2026 тасдиқ гардид ва раванди иҷрои он бо ҷалби маблағгузории бахши хусусӣ, шарикони рушд ва сармояи мустақими хориҷӣ идома дорад. Акнун корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ барои рушди худ ва амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ имконияти истифодаи чунин партави механизмҳо ва усулҳои маблағгузориро доро мебошанд:

худмаблағгузорӣ, ҷалби сармояи саҳомӣ, маблағгузории қарзӣ, лизинг, маблағгузории лоиҳавӣ, маблағгузории давлатӣ, маблағгузории омехта.

Сохтори манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ аз хусусиятҳои муносибатҳои молиявии бо соҳаи фаъолияти корхона алоқаманд вобаста мебошад. Барои корхонаҳо – ташкилотҳои сайёҳӣ (ташкилкунандагони хизматрасониҳои сайёҳӣ), танзимгарони сайёҳӣ (туроператорҳо) ва хусусан агентиҳои сайёҳӣ (турагентҳо) бештар сатҳи пасти дороиҳои ғайригардон (дарозмуҳлат), бартарӣ доштани маблағҳои ҷалбгардида дар сохтори манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ хос аст. Раванди ҳамгироии амудии корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, тавзеаи тиҷорат (сохтмони иншооти сайёҳӣ, хариди воситаҳои нақлиёт) дар соҳа талабот ба ҷалби маблағҳои қарзӣ ва маблағгузории лизингиро афзун мекунад.

Истифодаи маблағгузории саҳомӣ бо роҳи ҷалби сармояи саҳомӣ бар асари ҳаҷмҳои фаъолияти начандон калони аксари корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ маҳдуд мебошад. Бинобар ин, шаклҳои асосии манбаъҳои дохилии маблағгузории корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ фоидаи соф (тақсимнашуда) ва истеҳлок мебошанд. Бар асари меъёрҳои баланди фоизи қарз, ки қобилияти қарзбаргардонии корхонаҳои инфрасохтори сайёҳиро паст мекунад, корбурди олоти молиявии қарзи бонкӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ маҳдуд аст.

Ба андешаи мо, барои ҷалби манбаъҳои муносиби маблағгузории сармоягузориҳо ба хотири рушди корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат ба равандҳои ташкилию иқтисодии ба ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ мусоидаткунанда диққати муҳим ҷудо намудан зарур аст. Самар аз истифода ва татбиқи механизмҳои созанда дар фаъолияти сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ тавассути корбурди воситаҳои давлатии ба дастгирии барномаҳои саёҳӣ нигаронидашуда, таъмини сатҳи муносиби ҷолибияти сармоягузории иншооти инфрасохтори сайёҳӣ барои сармоягузони дохилӣ ва хориҷӣ, мусоидат ба ҳамгироии маблағҳои сармоягузорон аз ҷониби ниҳодҳо ва

муассисаҳои молиявӣ-қарзӣ ба даст меоянд. Вобаста ба ин, самаранокии рушди инфрасохтори сайёҳӣ ба сатҳи дастгирии давлатии он мутаносиб мебошад.

Барои беҳгардонии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва ҷалби бештари маблағҳои сафарбаршаванда ба ин соҳаи афзалиятнок дар мамлакат таъсиси агентиҳои махсус доир ба рушди сайёҳӣ ва ҷалби сармоягузориҳо, инчунин ташкили инфрасохтори махсуси рушди сайёҳию солимгардонӣ тавсия дода мешавад. Барои такмили механизмҳои муносиби ҷалби сармоягузориҳо барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ истифодаи воситаҳои ҳавасмандсозии сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ зарур аст (расми 1.5).




**Расми 1.5. - Воситаҳои ҳавасмандсозии сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, фаъолияти сармоягузорӣ ва равандҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳиро таҳқиқ намуда, метавон тасдиқ кард, ки сайёҳӣ имрӯз яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси тасдиқ ва иҷрои барномаҳои давлатии рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат стратегияи амиқи рушди соҳаи сайёҳӣ роҳандозӣ карда мешавад. Давлат намои муносиби сайёҳии мамлакатро ташаккул медиҳад, самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳиро муайян мекунад, барои рушди сайёҳӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Вазифаи калидии идоракунии раванди татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дар корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ташкили маблағгузории он ва пеш аз ҳама - интихоби шакл ва усулҳои маблағгузорӣ мебошад. Интихоби шакл ва усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ гуфта, «таъмини лоиҳа бо захираҳои сармоягузорӣ, шароит барои амалисозӣ бо ноилгардии масрафҳо ва хавфҳои камтарин, тавассути истифодаи муносиби манбаъҳои маблағгузорӣ» [123, с. 92] фаҳмида мешавад.

Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар амалияи ҷаҳонӣ ба шаклҳо ва усулҳои пешқадами маблағгузорӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳаҳои амалисозии ин лоиҳаҳо такя менамояд. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он омӯзиши амиқро талаб менамоянд, зеро ҷанбаҳои илмию методӣ ва таҷрибаи амалии татбиқи ин гуна лоиҳаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дар марҳилаи ташаккули худ қарор доранд.

Солҳои охир барои татбиқи босамараи барномаҳои миёнамуҳлати рушди сайёҳӣ дар мамлакат тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Ин барномаҳо дар баланд бардоштани ҷолибияти маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ саҳми сазовор гузошта, барои таҳкими рақобатпазирии соҳаи сайёҳӣ, ки дар оянда ҳамчун яке аз бахшҳои сердаромади иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ ва пешбинӣ мешавад, заминаҳои муҳим мегузоранд.

Барои идоракунии босамараи фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ вобаста ба гуногуншаклии манбаъҳо ва усулҳои маблағгузории он

роҳбарияти корхонаҳо бояд манбаъҳои нисбатан фоиданокро интихоб кунанд. Бо вуҷуди он, ки маблағҳои худӣ манбаи арзон ва боэътимодтарини маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошанд, истифодаи онҳо метавонад бо ҳаҷми нокифояи маблағҳои худӣ ва зарурати истифодаи онҳо барои дигар ҳадафҳои ҷорӣи корхона маҳдуд гардад. Бинобар ин, раванди таҳия намудани сохтори муносиби ин манбаъҳо «барои ҳар як корхонаи инфрасохтори сайёҳӣ масъалаи душвор маҳсуб меёбад, ки ҳалли он аз сабаби мавҷудияти номуайянӣ ва хавфи зиёд боз ҳам мушкил мегардад. Дар ин гуна шароит маблағгузории лоиҳавӣ воситаи муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад» [100, с. 81].

Вобаста ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат масъалаи интихоби сохтори муносиби манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар мадди аввал меистад. Аз ҳалли муносиби ин масъала самаранокӣ ва амнияти иқтисодии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ вобаста мебошад. Аҳаммияти калидии қабули қарорҳои асоснок оид ба ташаккули сохтори манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо таъсири назарраси ин омил ба рушди корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ дар чунин самтҳо вобаста аст:

- ҳангоми сохтори ғайримуносиби манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ корхонаи инфрасохтори сайёҳӣ фаъолияти худро бо талаботи баландтари даромаднокӣ ба роҳ мемонад, аз ин рӯ, бояд маҳакҳои нисбатан қатъии интихоби лоиҳаҳои сармоягузориро муқаррар кунад, зеро на ҳама самтҳои имконпазири ҷалби сармоягузорӣ талаботи афзояндаи даромаднокии маблағҳои сармоягузоришударо қонеъ мекунанд;

- агар маҳдудиятҳои иловагӣ барои имконияти сармоягузорӣ ба миён оянд, корхонаи инфрасохтори сайёҳӣ наметавонад ба андозаи зарурӣ пӯёи нишондиҳадаҳои молиявии фаъолияти худро идора кунад. Хароҷоти зиёди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамчун монеа барои вокуниши чандир ва муассир нишон додан ба тағйирёбии шароити бозор ва нигоҳ доштани рақобатпазирӣ хоҳад буд;

- номутаносибии сохтори сармояи гузошташуда боиси ба вуҷуд омадани низоъҳои миёнаравӣ ва ихтилофи манфиатҳои соҳибмулкон ва менеҷменти корхона мегардад. Дар ин маврид, низоъҳои миёнаравӣ метавонанд дар рафтори мухолифонаи роҳбарият, табдили ангезаҳои он, қабули қарорҳои сармоягузорӣ, ки боиси татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории бесамар ва дорои хавф мегарданд, зоҳир шаванд;

- агар ҳиссаи сармояи қарзӣ дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ зиёд бошад, муносибати ҷонибҳои манфиатдор ба корхона метавонад тағйир ёбад ва онҳо ба ҷустуҷӯи имконоти дигари ҳамкорӣ шуруъ кунанд, ки боиси бад шудани робитаҳои хоҷагидорӣ ва муносибатҳои шартномавӣ, кам шудани ҳаҷми фурӯш, коҳиш ёфтани даромад ва ҷараёнҳои пулӣ мегардад.

Муқоиса кардани бузургиҳои сармояи худӣ ва қарзӣ дар назария ва амалияи методикаи таҳлили молиявӣ усули анъанавӣ буда, натиҷаи он ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои устувории молиявии корхона истифода мешавад. Ин самти таҳқиқи сохтори сармояи корхона аз ҷиҳати назариявӣ ба андозаи кифоя коркард шуда, дар методикаҳои амалии арзёбии вазъи молиявии корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ татбиқ мешавад. Вай ба маълумоти ҳисоботи молиявии корхонаҳо асос ёфта равиши муҳосибиро ба таҳқиқи сохтори сармоя инъикос мекунад. Масъалаи муносибгардонии сохтори сармоя дар доираи равиши мазкур ҳамчун таъмини чунон таносуби байни сармояи худӣ ва қарзиро пешбинӣ менамояд, ки дар мавриди он қиматҳои мақбули коэффисиентҳои молиявӣ (фишанги молиявӣ, фоида бар як саҳмия, даромаднокии сармояи худӣ) ва дигар нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи вазъи молиявӣ ва устувории молиявии корхона ба даст меоянд. Ба ғайр аз ҳисобкунии коэффисиентҳои молиявии муқаррарӣ ҳамчунин усули муайян кардани нуқтаҳои мувозинат низ истифода мешавад, ки барои муқоиса кардани тарзҳои дигари маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ имкон медиҳад.

Таҳлили равишҳои асосии дарёфти сохтори муносиби сармоя бо назардошти мутобиқшавии онҳо ба мушкилоти ташаккули сохтори муносиби

манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ имкон медиҳад, ки чунин муқаррароти асосиро нишон диҳем:

- сохтори сармоя нишондиҳандаи муҳими стратегӣ ва воситаи асосноккунии қарорҳои идоракунӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии ташаккули манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ нигаронида шудааст. Аз як ҷониб, ҳиссаи хеле пасти сармояи қарзӣ воқеан маънои кам истифода бурдани ин манбаи маблағгузориро дорад, ки эҳтимолан аз сармояи саҳҳомӣ арзонтар аст;

- рушди таҳаввули назарияҳои сохтори сармоя бо асоснокии муносибати он бо арзиши бозории корхона алоқаманд аст. Сохтори сармоя метавонад тасодуфӣ ё натиҷаи интихоби дидаю дониста бошад. Раванди ташаккули сохтори муносиби сармоя ба муқаррар намудани таносуби мақбули сармояи худӣ ва маблағҳои қарзӣ нигаронида шудааст, ки барои ноил гардидани ба маҳаки муносибгардонии он имкон медиҳад.

Ҳамин тариқ, ҷалби захираҳои молиявӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ масъалаи мураккабест, ки барои ҳалли он бояд корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, сохторҳои давлатии идоракунии соҳа ва ҳам ташкилотҳои молиявӣ фаро гирифта шаванд. Муҳимӣ ва мубрамии масъала дар он ифода меёбад, ки имрӯз дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири омилҳо, чун паёмадҳои буҳрони молиявӣ, касри буҷет, мувофиқат накардани шаклҳо ва амалияи қарздиҳии шахсони ҳуқуқӣ ба шароити муосири хоҷагидорӣ, дар маҷмуъ дар раванди ҷалби сармоя ба фаъолияти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ монеа эҷод менамоянд ва рушди сайёҳиро дар мамлакат боз медоранд.

Имрӯз самтҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ бояд маблағгузориҳо ба технологияҳои босамараи соҳаи сайёҳӣ – ташаккули маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳии барои рақобатпазирии онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ кафолатдиҳанда бошанд. Вобаста ба ин, бояд механизмҳои ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ роҳандозӣ карда шаванд.

Ҳоло дар мамлакат зарурати ташаккули механизми идоракунии раванди маблағгузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ, ки ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташудаи тарҳрезии сармоягузориро ҳам дар ҷанбаи стратегӣ ва ҳам дар ояндаи наздик таъмин менамояд, ба миён омадааст. Илова бар ин, самаранокии низоми идоракунии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ метавонад тавассути истифодаи механизмҳои дастгирии давлатии барномаҳои сайёҳӣ, қарздиҳии имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкории инфрасохтори сайёҳӣ, мусоидат намудан ба ғункунии маблағҳои саҳмгузорони хурд дар ташкилотҳои қарзӣ баланд бардошта шавад. Муваффақияти рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он низ бевосита аз сатҳи дастгирии давлат вобаста аст.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ

## 2.1. Таҳқиқи вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва манбаъҳои маблағгузории он

Авҷи фаъолияти сармоягузорӣ, густариши захираҳои сармоягузорӣ ва имконияти ҷалби онҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт имрӯз аз ҷумлаи самтҳои асосии сиёсати сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Сиёсати дурусти сармоягузорӣ масъалаи ҷалби маблағҳо ва сафарбар намудани онҳоро ба соҳаҳои афзалиятнок дар мақоми аввал мегузорад. Дар ин маврид интихоби соҳаҳои афзалиятнок дар асоси таҳлили вазъи рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва арзёбии самаранокии боздеҳии сармоягузориҳои ба рушди онҳо сафарбаршуда ба ҷо оварда мешавад.

Омӯзиш ва таҳлили имконияти рушди иқтисодиёти миллӣ дар солҳои охир собит менамояд, ки имрӯз яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва даромадовар барои сафарбар намудани захираҳои сармоягузорӣ инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Дар соҳаи инфрасохтори марбут ба сайёҳӣ сармоягузорӣ истифодаи маблағҳоро дар шакли гузоришҳои дарозмуҳлат ба хотири ба даст овардани фоида ифода мекунад. Ба туфайли «шароити хуби иқлим ва табиат дар мамлакат мавзеъҳои зиёди табиие ҳастанд, ки барои ба роҳ мондани хизматрасониҳои сайёҳӣ созгор буда, таъсиси иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар онҳо метавонад ба рушди бобарори намудҳои гуногуни сайёҳӣ мусоидат кунад. Метавон тахмин кард, ки иқтидори рушди корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, ки дар мамлакат мавҷуд аст, барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар ин соҳаи афзалиятнок шароити мусоид фароҳам меорад ва барои ташаккули фазои муайяни сармоягузорӣ имкон медиҳад. Гузашта аз ин, дар мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд» [46].

Вобаста ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 таъкид намуданд, ки «бояд ба масъалаҳои самаранок ва бо сифати баланд татбиқ намудани лоиҳаҳои сармоягузории соҳа, идома додани бунёди инфрасохтори сайёҳии ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй, баланд бардоштани мавқеи байналмилалии кишвар, ... диққати ҷиддӣ дода шавад» [92].

Дар баробари намояндагони ҳукумати мамлакат ба рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он «ҳамчунин доираҳои соҳибкорон ва сармоягузорон, аҳли илми иқтисодии кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Зеро имрӯз хизматрасонии сайёҳӣ дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои сердаромади соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, соҳибкории сайёҳӣ ба доираи фаъолияти худ субъектҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт – нақлиёт, алоқа, хӯроки омма, муассисаҳои табобатӣ, фарҳангию фароғатӣ, варзишию солимгардонӣ, осоишгоҳҳо, тарабхонаҳо, агентиҳои таблиғотӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳои инфрасохтори сайёҳиро ҷалб мекунад» [46]. Аммо сарфи назар аз тадбирҳои назарраси дар солҳои охир барои рушди сайёҳӣ роҳандозишуда сатҳи зарурии суръати рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат мушоҳида намешавад. Маълумоти омори расмӣ гувоҳӣ медиҳад, ки шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар мамлакат тадриҷан афзоиш меёбад, вале нишондиҳандаи асосии молиявӣ - даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ назаррас нест (ҷадвали 2.1).

Аз ҷадвали 2.1 ба назар мерасад, ки аз соли 2018 то соли 2022 ҳамасола шумораи ширкатҳои сайёҳӣ зиёд шудааст. Нишондиҳандаи даромаднокӣ аз хизматрасониҳои сайёҳӣ ба ҳисоби миёна барои ҳар як ширкати сайёҳӣ дар соли 2015 маблағи 116,9 ҳазор сомонӣ, дар соли 2019 - 152,2 ҳазор сомонӣ, дар соли 2020 - 34,3 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2022 маблағи 94,3 ҳазор сомониро ташкил додааст. Дар соли 2020 сатҳи пасттарини нишондиҳандаи мазкур дар тамоми давраи таҳлилӣ мушоҳида мешавад (34,3 ҳазор сомонӣ). Албатта, паст будани нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи натиҷаҳои молиявии ширкатҳои сайёҳӣ аз фаъолияти номуносиби корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ вобастагии муҳим

дорад. Вале сабаби асосии хеле паст шудани даромади ширкатҳои сайёҳӣ дар соли 2020 ин маҳз хуруҷи пандемияи ковид-19 мебошад.

**Ҷадвали 2.1. - Нишондиҳандаҳои асосии сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳанда | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад | 82 | 118 | 91 | 146 | 161 | 224 | 235 | 242 |
| Даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ, бе андоз аз арзиши иловашуда, ҳаз. сомонӣ | 9583 | 8422 | 9076 | 16928 | 24498 | 7677 | 12790 | 22819 |
| Даромад ба ҳисоби миёна барои як ширкати сайёҳӣ, ҳаз. сомонӣ | 117 | 71,4 | 99,7 | 115,9 | 152,2 | 34,3 | 54,4 | 94,3 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [88, с. 185]

Бояд қайд кард, ки «рушди ҳар як соҳаи соҳибкорӣ ва саҳми он дар рушди иқтисодиёти миллӣ на бо теъдоди субъектҳои дар соҳаи мазкур фаъолияткунанда, балки бо сатҳи даромаднокии онҳо арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин, нишондиҳандаҳои воқеии даромаднокии ширкатҳои сайёҳӣ барои ҳамчун қаноатбахш арзёбӣ кардани рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат имкон намедиҳанд. Барои афзун кардани даромаднокии фаъолияти сайёҳӣ ҷолибияти хизматрасониҳои сайёҳиро барои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ тавассути бо сифати беҳтар пешниҳод кардани онҳо ва таъсис додани иншооти инфрасохтори сайёҳии аз ҷиҳати хизматрасонӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ баланд бардоштан мумкин аст. Албатта, ин танҳо дар сурате ба даст меояд, ки барои бунёди иншооти инфрасохтори сайёҳии ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ маблағҳои зарурии сармоягузорӣ ҷалб карда шаванд» [46].

Шароити фаъолияти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, ки имрӯз дар мамлакат пойдор шудааст, аз онҳо тақозо мекунад, ки миқдори ҳарчӣ бештари иқтидорҳои истеҳсолӣ ва захираҳоро ба гардиши ҷорӣ ҷалб карда, раванди истифодаи самараноки онҳоро ҳамаҷониба назорат ва идора кунанд. Вобаста ба ин, «саноатикунонии истеҳсолот амиқтар шуда, пешрафти илмию техникӣ,

равандҳои ба шаҳрҳо майл кардани аҳолӣ суръат мегиранд, ки ҳамаи ин боиси сарбории доимии истеҳсолӣ ва равонии одамон мегардад ва дар ниҳоят ба бадшавии саломатии онҳо меоварад. Одам хастагии ҷисмонӣ ва рӯҳиро эҳсос мекунад. Дар баробари ин дар ҷомеа тамоюли дарки аҳаммияти тарзи ҳаёти солим мушоҳида мешавад. Одамон мехоҳанд ҳолат ва фаъолияти хуби ҷисмонии худро нигоҳ доранд, ки ин тавассути қабули хизматрасониҳои фароғатию солимгардонӣ имконпазир аст. Маҳз иншооти муҳими инфрасохтори сайёҳӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои фароғатию солимгардонӣ ва фароғатию варзишӣ ба мизоҷон имконият фароҳам меоваранд» [5, с. 44]. Ташкили дурусти фаъолияти иншоот ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ, фароғатӣ ва варзишӣ ҳамчунин ба болоравии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва афзоиши шумораи аҳолии дорои шуғл мусоидат мекунад.

Ба хотири арзёбии иқтидори рушди инфрасохтори сайёҳӣ ба давраи начандон тӯлонии фаъолияти иншоот ва корхонаҳои дахлдор дар мамлакат назар меафканем. Маҷмуи муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ бунёд гардида буд, дар амалияи ҷаҳонӣ ҳамто надошт. Давлат сиёсати ягонаи рушди маҷмуи фароғатию солимгардониро, ки барои истифодаи оммавӣ пешбинӣ шуда буд, роҳандозӣ мекард. Маблағгузории фаъолият ва рушди иншооти фароғатию солимгардонӣ ва табобатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, фонди ҳифзи иҷтимоӣ ва фондҳои махсуси корхонаҳо, ки ҳамагӣ тобеи давлат буданд, сурат мегирифт.

Сохтори идоракунии иншооти фароғатию солимгардонӣ (санаторияҳо, курортҳо) бо назардошти мавҷудияти бозори умумидавлатии хизматрасониҳои фароғатию солимгардонӣ ташаккул меёфт. Низоми беназири марказонидашудаи фурӯши роҳхатҳо бо усули нақшавию маъмурӣ амал мекард, ки бо шарофати он фаъолияти беист ва пурраи иншооти фароғатию солимгардонӣ доимо таъмин мегардид.

Хусусияти фарқкунандаи муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ «пойгоҳи пуриқтидори тиббии онҳо буд, ки дар нимаи дуюми асри XX ташаккул ёфта, то

имрӯз боқӣ мондааст. Аммо минбаъд бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ маблағгузории онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва фонди ҳифзи иҷтимоӣ қатъ гардид, аксари иншооти сайёҳии фароғатию солимгардонӣ ғайридавлатӣ гардонида шуда, ба ҷамъиятҳои саҳомӣ табдил ёфтанд» [6, с. 125]. Акнун фаъолияти онҳо дар асоси принсипи худмаблағгузорӣ роҳандозӣ мешуд, ки ин албатта ба коҳиш ёфтани пойгоҳи моддию техникӣ ва тиббии иншооти фароғатию солимгардонӣ боис шуд. Ҳамчунин «бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ барои фаъолияти иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, хусусан муассисаҳои фароғатию солимгардонии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи аз ҷиҳати молиявӣ душвор фаро расид. Шумораи мизоҷоне, ки ба курорту пансионатҳо, санаторияҳо ва дигар муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ ташриф меоварданд, хеле кам шуд. Коҳиш ёфтани фаъолияти корхона ва муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ асосан бо паст шудани сатҳи даромади аҳолӣ ва маблағгузории нокифояи худи онҳо вобаста буд» [6, с. 127]. Гузашта аз ин, ислоҳоти иқтисодии дар мамлакат роҳандозишуда, ки тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллиро фарогир шуда буд, боиси табдили густурдаи шаклҳои ташкилию ҳуқуқии моликият дар корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ гардид. Рушди муносибатҳои бозорӣ тамоми субъектҳои иқтисодии дар соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ фаъолияткунандаро водор намуд, ки самти молиявии фаъолияти кории худро вобаста ба талаботи бозор тағйир диҳанд. Ҳамчунин муносибатҳои нави иқтисодии дар мамлакат пойдоршуда бозбинии муносибати давлатро ба ташкил ва танзими инфрасохтори сайёҳӣ ва дурнамои рушди он тақозо мекарданд.

Омӯзиши нишон дод, ки низоми мавҷудаи идоракунии инфрасохтори сайёҳӣ ба мантиқи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии дар мамлакат роҳандозишуда мухолифат мекард. Мақомоти идоракунии давлатӣ ба рушди иншооти фароғатию солимгардонӣ ва дигар корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ таваҷҷуҳ намекарданд. Набудани консепсияи рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат, коркарди нокифояи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа аз ин шаҳодат медод.

Таҳқиқи фаъолияти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ ва варзишию кӯҳнавардӣ дар солҳои охир нишон дод, ки «на ҳама иншооти мазкур дар вазъи бади моддию техникӣ қарор доранд» [58]. Ҳамин тариқ, соли 2011 маҷмааи осоишгоҳи «Баҳористон», ки дар вилояти Суғд ҷойгир аст, ба истифода дода шуд. Дар ин ҷо 5 бинои фароғатию солимгардонӣ ва дигар иншоот сохта шуданд, ки ба ободонӣ ва рушди осоишгоҳ мусоидат мекунанд. Соли 2012 осоишгоҳи «Хоҷа-Обигарм» аз тобеияти иттифоқҳои касаба ба ихтиёри Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашт ва дар он аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ таъмири асосӣ аныом дода шуд. Соли 2015 ягона пойгоҳи лижаронии Сафед-Дара (собиқ Сафедорак) дар минтақаи Варзоб низ хусусӣ карда шуд. Бозсозии пойгоҳи лижаронӣ бо харҷи маблағи муродиф ба 2,5 миллион доллари ИМА аз ҷониби сармоягузори хусусӣ анҷом дода шудааст. Ин ҳама гувоҳӣ медиҳад, ки дар мамлакат имконияти сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ зиёд аст. Инчунин қайд бояд кард, ки шумораи зиёди шаҳрвандони хориҷӣ сарфи назар аз хатарҳо ва омилҳои бесуботӣ дар қаламравҳои муайян ҳоло ҳам ба сайругашти сайёҳӣ ба минтақаҳои нисбатан амн, аз қабили Ҷумҳурии Тоҷикистон майли бештар доранд.

Ҳоло талабот ба муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ, ки сифати баланди хизматрасониро пешниҳод мекунанд, бештар аст. Дар ин гуна муассисаҳо агар шароит барои гузаронидани ҳар гуна ҳамоиш ва вохӯриҳо муҳайё бошад, фароғатгоҳҳо ва майдончаҳои варзишӣ барои гурӯҳҳои гуногуни мизоҷон (кӯдакон, калонсолон, маъюбон), толорҳои SPA (табобати обӣ) мавҷуд бошанд, ҷолибияти сайёҳии онҳо боз ҳам бештар мешавад. Барои ҷалби бештари сайёҳон, «мавзеъҳои сайёҳӣ бояд ба афзалиятҳои мизоҷон ҷиҳати нархи хизматрасониҳо, шароити мусоид ва имконияти истироҳатию фароғатӣ, машғул шудан ба тиҷорат ва гузаронидани вохӯриҳою ҳамоишҳои тиҷоратӣ, имконияти тамошои диданиҳои маҳал, иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ мувофиқат кунанд. Сайёҳон низ ба мисли мизоҷони дигар пешниҳодкунандагони хизматрасониҳо нархҳо, хусусиятҳо ва афзалияти мавзеъҳои сайёҳӣ, инчунин масрафҳои вақт ва

сарфаи маблағро ба инобат мегиранд. Онҳо инчунин ба давомнокӣ ва шароити мусоиди роҳ аз фурудгоҳ то ба мавзеи сайёҳӣ, набудани монеаҳои лафзӣ ва муоширот, тозагӣ ва шароити беҳдоштӣ, дастрасӣ ба маконҳои ҷолиби диданӣ, имконияти якҷоя кардани барномаҳои фарҳангӣ бо тиҷорат, бехатарӣ (набудани бетартибиҳо, носуботии сиёсӣ), инчунин имконияти қонеъ гардонидани талаботи махсуси гурӯҳҳои муайяни мизоҷон (кӯдакон, калонсолон, маъюбон, зарурати истеъмоли хӯроки махсус, хизматрасониҳои тиббӣ), мавҷудияти воситаҳои иртиботӣ ва интернет, кирояи автомобилҳо ва дигар воситаҳои нақлиёт, лавозимоти варзишӣ ва кӯҳнавардӣ, толорҳои маҷлисӣ ва дигар шароити барои худ зарурӣ диққат медиҳанд» [45, с. 240].

Яке аз чунин муассисаҳо осоишгоҳи «Шоҳамбарӣ» мебошад, ки дар ҳудуди шаҳри Ҳисор ҷойгир буда, соли 2016 хусусӣ гардонида шудааст. Пас аз маблағгузории лозимӣ ва бозсозии техникии аз ҷониби соҳибмулки нав анҷомдодашуда дар осоишгоҳ мизоҷон дар баробари солимгардонӣ ва фароғат, ки самти асосии фаъолияти осоишгоҳ мебошад, метавонанд дар варзишгоҳ бо намудҳои гуногуни варзиш машғул шаванд. Бинои амфитеатр ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳар гуна чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ, шабҳои эҷодӣ ва дигар маъракаҳоро баргузор намоянд. Инчунин дар осоишгоҳ гузаронидани ҳар гуна конференсияҳои илмӣ ва дигар ҳамоишҳо имкон дорад.

Равандҳои таҷдид ва навсозии иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, аз қабили осоишгоҳҳо ва маҷмааҳои варзишию солимгардонӣ, ки мо дар боло баррасӣ кардем, гувоҳӣ медиҳад, ки дар мамлакат шароити хуб барои иҷрои ин ҳадаф мавҷуд аст. Барои таҳкими иқтидори техникии инфрасохтори сайёҳӣ барномаҳои махсуси давлатии сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорону сармоягузорони хусусӣ зарур аст. Бо фаъолияти муътадили иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, «махсусан осоишгоҳҳо, маҷмааҳои варзишию солимгардонӣ, меҳмонхонаҳо ва фазои мусоиди сармоягузорӣ дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ метавонад як нерӯи пешбарандаи афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодии мамлакат гардад. Барои ба даст овардани мавқеи намоёни худ дар бозорҳои дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар навбати

аввал шароити мусоидро барои пешниҳоди хизматрасониҳои муосири рақобатпазир ба сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар самтҳои солимгардонӣ, фароғатӣ, варзишӣ, куҳнавардӣ ва сайругашт фароҳам оварад» [45, с. 240].

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамагӣ чанд сол пеш, масалан, дар аввали солҳои 2000-ум дурнамои сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ барои аксари соҳибкорони хусусӣ ҳаросонкунанда буд, хусусан вақте ки дар бораи сохтмони иншооти асосӣ, ки маблағҳои назарраси аввалиро талаб мекарданд ва боздеҳии онҳо пас аз гузашти солҳои тӯлонӣ оғоз мегардид, сухан мерафт. Вале пас аз таваҷҷуҳи хосаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳангоми ироаи паёмҳои ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамоишҳо, вохӯриҳо бо соҳибкорони мамлакат ва намояндагони сармоягузорони хориҷӣ ва дигар чорабиниҳо оид ба муҳимии масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он пешниҳод мешуданд, фазои сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Дар солҳои охир давлат барои дастгирии сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он корҳои зиёдеро ба сомон расонид, барои соҳибкорон дар мавриди оғози тиҷорат ва тиҷорати идомаёбандаи онҳо дар соҳаи сайёҳӣ имтиёзҳо ва кафолатҳои гуногун, аз ҷумла имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ пешниҳод карда шудаанд. Вале бояд қайд кард, ки «бо вуҷуди имтиёзҳо ва кафолатҳои мазкур сармоягузории бахши хусусӣ асосан ба барқарорсозии иншооти мавҷудбудаи бекорхобида ва таҷдиди иншооти амалкунандаи инфрасохтори сайёҳӣ равона мегардад. Зеро ба кор андохтани иншооти нави инфрасохтори сайёҳӣ хароҷоти аввалии назаррасро барои иткишоф ва асосноккунии техникию иқтисодии мавзеъҳои сайёҳӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавию созандагӣ, пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ ва санҷишӣ талаб мекунад. Бинобар ин, роҳи осон ва камхавфи сармоягузорӣ таҷдид ва барқарорсозии иншооти инфрасохтори сайёҳии мавҷуда мебошад. Гузашта аз ин, арзиши хусусигардонии иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, ки қаблан дар тавозуни давлатӣ буданд, хеле паст муқаррар карда мешавад ва барои сармоягузор гаронии зиёдро пеш намеорад. Вобаста ба ин, ҳоло номбар кардани ҳатто

шумораи ками иншооти нави инфрасохтори сайёҳӣ, ки аз оғоз бо истифодаи маблағҳои сармоягузорони хусусӣ сохта шуда бошанд, душвор аст» [45, с. 241].

Дарвоқеъ, дар мавриди истифодабарии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва босамараи иқтидори мавҷудаи табиию иқлимӣ ва ҷуғрофӣ, инчунин осори фарҳангию таърихӣ, «бо ба ҳисоб гирифтани анъанаҳои миллӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ ширкатҳои сайёҳӣ ва муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ метавонанд талаботи сайёҳони хориҷӣ ва ватаниро дар сатҳи қаноатбахш қонеъ гардонанд» [45, с. 241]. Ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он маблағгузориҳое лозим мебошанд, ки «дар марҳилаи аввалӣ бояд дар шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ҷо оварда шаванд. Пас аз он ки бахши соҳибкорӣ миқёс ва сатҳи шарикии давлат ва бахши хусусиро мусбат арзёбӣ мекунад, сармоягузорони хусусӣ сармоягузориро ба ин соҳаи иқтисодиёт фаъолтар мекунанд» [145, с. 107].

Сарфи назар аз он, ки фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ яке аз манбаъҳои асосии маблағгузории он ба ҳисоб меравад, хусусиятҳои арзёбии ҳамаҷонибаи сармоягузорӣ ба рушди муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун як низоми ягонаи иҷтимоию иқтисодӣ, пурра омӯхта нашудаанд. Дар баробари ин, «соҳаи сайёҳӣ, ки ҳамчун омили муҳими рушди тамаддун давлатҳо ва қитъаҳои оламро муттаҳид мекунад, ба идоракунии асоснок, касбӣ ва самарабахши сармоягузорӣ ниёз дорад» [120, с. 344]. Донистани усулҳои муосири арзёбии иқтисодии қарорҳои идоракунии қабулшаванда бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолият ва рушди муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ барои таҳияи сиёсати дурусти сармоягузорӣ дар ин самт зарур аст.

Дар интихоби объекти сармоягузорӣ ҷолибияти сармоягузорӣ омили муайянкунанда мебошад. Ҳангоми изҳор намудани хоҳиш аз ҷониби субъектҳои бозор барои ҷалби сармоягузорӣ мавҷуд будани талаботи воқеии онҳо ба маблағҳои иловагӣ, имконият ва майли сармоягузории маблағҳои муваққатан озоди субъектҳои дигари бозор ҳангоми бастани аҳд дар байни онҳо ҷолибияти сармоягузорӣ бояд ҳамчун мафҳум ва омили асосӣ ба инобат гирифта шавад.

Барои ба сатҳи байналмилалӣ расонидани хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ва муассисаҳои инфрасохтори он дар баробари сармоягузорони хусусии

ватанӣ ҳамчунин ҷалби сармоягузорони хориҷӣ лозим аст. Барои ҷалби сармоягузорони хусусии хориҷӣ ба соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб гирифтани чунин ҷиҳатҳо муҳим мебошад [94, с. 41]:

- фаъолнокии ҳокимияти маҳаллӣ дар самти корҳои таблиғию иттилоотӣ (таблиғи иқтидори сайёҳию рекреатсионии маҳал);

- сиёсати озоди маъмурию андозии ҳокимияти маҳаллӣ ва ҳам ҳокимияти давлатӣ, ки ташаббусҳои сармоягузории хусусиро ҳавасманд мекунад;

- сиёсати самарабахши зиддиинҳисорӣ ва зиддиҷиноятии ҳукуматдорони маҳаллӣ, ки ба дастгирии фазои рақобати солим дар байни ширкатҳои сайёҳӣ нигаронида шудааст.

Дар соли 2021 ба соҳаи сайёҳӣ дар ҳаҷми «28,5 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақими хориҷӣ равона гардидааст, ки ин 8,3%-и маблағи умумии сармоягузориҳои хориҷии ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшударо ташкил медиҳад» [75]. Ин ва дигар маълумоти оид ба ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисодии мамлакат дар диаграммаи дар расми 2.1 овардашуда тасвир карда шудааст.




**Расми 2.1. - Ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [87]

Мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «ҳоло 65%-и осоишгоҳҳо ва иншооти сайёҳии мамлакат барқарор карда шудаанд, зиёда аз 300 мавзеъҳои истироҳатии сайёҳии хусусӣ ва 74 санаторияҳо ба кор дароварда шудаанд» [87], ки ин барои рушди сайёҳии байналмилалӣ фазои мусоид фароҳам оварда, ҳамчунин ҷалби сармояи хориҷӣ ва шуғли самараноки аҳолии мамлакатро таъмин мекунад. Самтҳои ояндадори рушди сайёҳӣ – сайёҳии таърихӣ, маърифатӣ ва этнографӣ, табобати санаторию осоишгоҳӣ, сайёҳии экологӣ, сайри варзишии дарёҳои кӯҳӣ ва завракронӣ, лижаронӣ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки дар солҳои 2020-2022 бо сабаби пандемияи ковид-19 фаъолияти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ коҳиш ёфт. Тибқи арзёбии Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (СУС), дар соли аввали оғози пандемия - соли 2020 нисбат ба соли пешин шумораи ташрифовариҳои байналмилалӣ дар ҷаҳон ба андозаи 1 миллиард нафар ё 74% коҳиш ёфт. Дар натиҷаи ин афзалиятҳои сайёҳони хориҷӣ ба ҷониби самтҳои нисбатан амн ва камодам майл мекунанд, мамлакатҳо стратегияҳо ва нақшаҳои худро дар самти сайёҳӣ дигар мекунанд, то ки таваҷҷуҳ ба сайёҳии дохилӣ ва минтақавӣ бештар шавад. Ба ҳолати пеш аз оғози пандемия, яъне соли 2019 «шумораи шахсони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 1319200 нафарро ташкил додааст, ки аз онҳо 1257300 нафар чун сайёҳ ба қаламрави мамлакат ворид шудаанд. Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2020 ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 355500 нафар ворид шудаанд, аз онҳо 317200 нафар сайёҳон мебошанд, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли пешин 63,2% кам мебошад» [86].

Ба хотири рушди инфрасохтори сайёҳӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳоро бо ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ густариш медиҳад. Ба ҳолати имрӯз дар мамлакат ду лоиҳаи бузурги сармоягузорӣ – «Рушди иқтисодиёти деҳот» ва «Рушди сайёҳӣ» амалӣ шуда истодааст, ки аз ҳисоби ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ маблағгузорӣ мешаванд. Инчунин мувофиқи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025 «боз се лоиҳаи дигар пешбинӣ шудааст, ки тибқи маълумоти сомонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои

Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар замимаи он номгӯйи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои солҳои 2021-2025 оварда шудааст» [84] вале барои онҳо манбаи маблағгузорӣ муайян нашудааст:

- бунёди Маркази таълимӣ, сайёҳӣ, хизматрасонӣ ва дастгирии ҳунарҳои мардумӣ дар қитъаи шоҳроҳи Душанбе - Кӯлоб - Ш. Шоҳин - Хоруғи минтақаи ноҳияи Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон;

- бунёди маҷмааи таълимӣ-сайёҳӣ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон;

- сохтмони базаи хурди сайёҳӣ дар деҳаи Колхозободи Ҷамоати деҳоти Сучони ноҳияи Шуғнони ВМКБ.

Барои татбиқи лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» «аз ҳисоби Бонки Ҷаҳонӣ 30 млн. доллари ИМА (аз ҷумла, 15,7 млн. доллари ИМА барои рушди сайёҳӣ) ва барои татбиқи лоиҳаи «Рушди сайёҳӣ» аз ҳисоби Бонки Осиёии Рушд (БОР) 10 млн. доллари ИМА маблағгузорӣ шудааст. Ҳамчунин барои татбиқи лоиҳаи «Рушди сайёҳӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи 1 млн. доллари ИМА саҳм мегузорад» [84].

Маблағҳои барои амалисозии лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ сармоягузоришуда барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла барои ба сатҳи ҷаҳонӣ расонидани мавзеъҳои таърихию табиии «Чилучорчашма» ва мадрасаи «Хоҷа Машҳад» (ноҳияи Шаҳритус, вилояти Хатлон), мамнуъгоҳҳои «Қалъаи Ҳулбук» (ноҳияи Восеъ, вилояти Хатлон) ва «Қалъаи Ямчун» (ноҳияи Ишкошим, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон), сохтмони меҳмонхонаҳои хурд, ҳуҷраҳои қабули сайёҳон, дӯконҳои фурӯши армуғон ва дигар иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар атрофи мавзеъҳои сайёҳии вилояти Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сафарбар карда шудаанд.

Маблағҳои аз ҷониби БОР барои амалисозии лоиҳаи «Рушди сайёҳӣ» ҷудогардида ба рушди инфрасохтори роҳу пулҳои мавзеъҳои сайёҳӣ, таъмини барқ ва алоқа, беҳтар намудани омори соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла таҳия ва такмили методологияи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои омори сайёҳӣ, чун аниқ муайян

кардани саҳми сайёҳӣ дар ММД, таъсиси ҷойҳои корӣ, саҳми сайёҳӣ дар соҳаҳои нақлиёт, хӯроки умумӣ ва савдои чакана, дигар ҷанбаҳои мукаммалсозии оморӣ сайёҳӣ сафарбар карда мешаванд.

Дар давоми солҳои 2016-2020 ба маблағи 24236,8 ҳазор. доллари ИМА сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба меҳмонхона ва тарабхонаҳо, ки иншооти муҳими инфрасохтори сайёҳӣ мебошанд, ворид гардидаанд. Дар ин маврид суръати афзоиши воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо тағйирёбанда мебошад (расми 2.2).




**Расми 2.2. - Воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [150]

Аз диаграммаи дар расми 2.2 овардашуда ба назар мерасад, ки ҳиссаи бештари сармоягузориҳо ба меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо ба солҳои 2017-2018 рост меояд (мувофиқан 33,6% ва 48,7%-и ҳаҷми умумии воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар давраи таҳлилӣ). Ҳаҷми воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо дар соли 2019 якбора паст шуда, 16,8%- соли пешинро ташкил додааст. Қимати

нишондиҳандаи мазкур дар соли 2020 баланд шуда, ба 110%-и соли пешин расидааст.

Иншооти муҳими дигари инфрасохтори сайёҳӣ осоишгоҳҳои табобатӣ, истироҳатгоҳҳо ва фароғатгоҳҳо мебошанд. Дар бораи воридшавии сармоягузориҳои мустақим ба ин гурӯҳи иншооти инфрасохтори сайёҳӣ маълумоти омори расмӣ дастрас нест.

Мувофиқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳолати 1 июни соли 2023 дар мамлакат 295 адад иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла 187 адад меҳмонхонаҳо, 52 осоишгоҳ, 29 ҳостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо, 8 хонаҳои истироҳатӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 6 осоишгоҳ ва лагерҳои солимгардонии кӯдакона, 5 базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ ва 1 пансионат амал мекард (расми 2.3).




**Расми 2.3. - Шумора ва сохтори иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар санаи 1 июни соли 2023**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [149]

Яке аз масъалаҳои ҳалталаби рушди инфрасохтори сайёҳӣ ин таъмини дастрасии сайёҳон ба мавзеъҳои сайёҳӣ мебошад. Ба ин хотир, шохаҳои нави роҳҳои нақлиётӣ ва воситаҳои нақлиёт, таҷдиди фурудгоҳҳо ва сохтмони терминалҳои нави мусофирӣ зарур аст, «зеро ҷараёни мусофиркашӣ дар соли 2021 дар мамлакат 746,8 миллион нафарро ташкил додааст, ки аз ҷумла 726,8 миллион нафар (97,32%) ба нақлиёти автомобилӣ ва 400 ҳазор нафар (0,053%) ба нақлиёти ҳавоӣ рост меояд» [88, с. 298]. Афзоиши мусофиркашонӣ аз ҳисоби рушди сайёҳӣ, хусусан дар роҳҳои автомобилии кӯҳӣ метавонад боиси мушкилот гардад.

Бояд зикр кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи он мамлакатҳое мебошад, ки барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ иқтидори назаррас доранд. Ҳангоми истифодаи дуруст ва оқилонаи табиати мафтункунанда ва захираҳои зиёди обҳои табобатӣ ташаккули инфрасохтори муносиби сайёҳӣ метавонад на танҳо талаботи сайёҳони дохилӣ, балки инчунин талаботи аҳолии мамлакатҳои ҳамсояро ба хизматрасониҳои фароғатию солимгардонӣ қонеъ гардонад. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон собит менамояд, ки дастгирӣ ва рушди сайёҳӣ тавассути рушди инфрасохторим уносиб барои иқтисодиёти миллӣ аҳаммияти муҳим дорад. Бо ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, «ки дорои иқтидори баланди рушди намудҳои зиёди саёҳӣ буда, ҳамзамон аз ҷониби таҳлилгарони байналмилалӣ ҳамчун мамлакати нисбатан амн арзёбӣ шудааст, метавонад дар солҳои наздик дар фазои ҷаҳонии сайёҳӣ мавқеи сазоворро ишғол кунад» [5, с. 44].

Фазои мусоиди сармоягузорӣ муҳити инфрасохтори сайёҳиро, ки дар он равандҳои сармоягузорӣ ҷараён мегиранд, тавсиф медиҳад. Ба фазои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, ки шароити фаъолияти сармоягузориро дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он, инчунин дараҷаи хавфи фаъолияти сармоягузории инфрасохтори сайёҳиро муайян мекунанд. Ба инобат гирифтани омилҳои таъсиррасон ба фазои сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки он ҳамчун мусоид ё номусоид арзёбӣ гардида, дар натиҷа оид ба ҷолибияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ баҳо дода

шавад. Фазои мусоиди сармоягузорӣ шиддатнокии ҷалби сармоягузориҳоро ба инфрасохтори сайёҳӣ муайян мекунад ва имкон медиҳад, ки ноилгардии ҳадафҳои сармоягузор ба амал ояд, ҳамчунин он талаботи пардохтпазирро барои сармоягузорӣ ташаккул медиҳад. Таъсири номатлуб бо мафҳуми «хавфи сармоягузорӣ» ҳамрадиф аст ва он «эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳоеро дар назар дорад, ки бевосита ё бавосита ба ҷараёни мусоиди фаъолияти сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, - аз ҷумла зараровар будани лоиҳа ё хавфи имконияти истифоданашуда» [119, с. 302].

Барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва доираҳои соҳибкорӣ, «ки ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва сармоягузорӣ ба ин соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ манфиатдор ҳастанд, ҳамчунин барои намояндагони ширкатҳои таблиғотӣ, воситаҳои ахбори омма ва аҳли илми иқтисодӣ хеле муҳим ва зарур аст, то мамлакатро ҳамчун макони мусоид барои фаъолияти сайёҳӣ ва майдони фарохи ҳамкорӣ дар самти сармоягузорӣ ва соҳибкории сайёҳӣ муаррифӣ кунанд» [5, с. 48].

Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ ҳамчун омили зарурии пешбарандаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он, ташаккули як соҳаи муҳим ва рақобатпазири иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мешавад, ки имконияти васеъро барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолии мамлакат ва шаҳрвандони хориҷӣ ба хизматрасониҳои сатҳи баланди сайёҳӣ пешниҳод мекунад.

## 2.2. Таҳлили омилҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди сайёҳӣ аз имконияти воқеие, ки бо шароити табиию ҷуғрофӣ ва манзараҳои нотакрор, мавҷудияти ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ муайян мегарданд, ба таври назаррас ақиб мондааст. Раванди истифодаи самараноки иқтидори сайёҳии мамлакатро як қатор душвориҳо ва мушкилоти дорои хусусияти ташкилӣ, меъёрию ҳуқуқӣ, илмию техникӣ, истеҳсолӣ ва молиявӣ халалдор мекунанд, ки ҳалли ҳарчи зудтари онҳо барои

рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он зарур аст. Нишонаҳои муҳими тасдиққунандаи ҳолати номуътадили инфрасохтори сайёҳӣ аз ҷумла инҳо мебошанд: сатҳи нокифояи маҷмааҳои меҳмонхонаҳо ва дигар иншооти ҷойгиркунонии сайёҳон, сатҳи нисбатан сусти хизматрасониҳои нақлиётӣ ба сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ (нисбат ба меъёрҳои ҷаҳонӣ), ҳолати ғайриқаноатбахши шумораи зиёди объектҳое, ки сайёҳон ҳангоми ташриф овардан ба иншооти сайёҳӣ ва ҳангоми дар роҳ будан аз онҳо истифода мебаранд (аз ҷумла, ташнобҳо ва ҳоҷатхонаҳои сарироҳӣ).

Бинобар ин, «рушди босуботи соҳаи сайёҳӣ бе ҳалли мушкилоти инфрасохтори сайёҳӣ, ки аломатҳои асосии он фарсудашавии назарраси пойгоҳи моддию техникии мавҷудаи иншооти асосии инфрасохторӣ мебошад, ғайриимкон аст» [46]. Ҳамаи ин захираҳои молиявии зиёд, аз ҷумла таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузориро талаб мекунад. Бояд унсури таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди ташаккул ва рушди сайёҳии рақобатпазир дар асоси таҳкими иқтидори амалкунандаи иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёт нақши ҳалкунанда дошта бошад.

Тавре таҷрибаи хориҷӣ, инчунин таҷрибаи солҳои охири Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, давлат сармоягузориҳои хусусиро дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла истифодаи манбаъҳои хориҷиро тавассути таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ), таъсиси корхонаҳои муштарак (КМ), хариди иншооти инфрасохтор ва дигар амволи ғайриманқул аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ ҳавасманд мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорон маҷмуи имтиёзҳо ва афзалиятҳоро муқаррар мекунад, аз қабили содагардонии раводид, пешниҳоди қарзҳои дастрас, шароити имтиёзнок барои истифодаи замин ва захираҳои табиӣ, имтиёзҳои андозӣ ва таътилҳои андозӣ.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари кафолатҳо ва тадбирҳои умумии ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон ва дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ кафолат ва тадбирҳои иловагии ҳимоя ва дастгирии сармоягузориро муқаррар кардааст. Аз ҷумла, тибқи муқаррароти моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» ин гуна кафолатҳо ва тадбирҳо ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, «ки ҳаҷми умумии маблағгузории онҳо на кам аз маблағи муродифи панҷ миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ҷорӣ карда мешаванд». Кафолат ва тадбирҳои иловагии мазкур дар доираи созишнома ва шартномаҳои дахлдор дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо», «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот», «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва дигар ва санадҳои меъёрию қонунгузорӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои машваратӣ оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ фаъолият мекунад, ки дар он масъалаҳои муҳимтарини муколаммаи байни давлат ва бахши хусусӣ вобаста ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат баррасӣ мешаванд. Дар ҷаласаҳои шурои мазкур масъалаҳои бо рушди сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ алоқаманд низ баррасӣ мешаванд. Аз ҷумла, дар ҷаласаи шуро аз 18 декабри соли 2013, № 1С/12.2-8 муаррифии натиҷаҳои таҳлил ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ баргузор гардида, дар натиҷаи баррасии масъалаҳои мубрами рушди инфрасохтори сайёҳӣ қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Тадбирҳои минбаъд дар доираи иҷрои қарорҳои мазкур дар мамлакат роҳандозишуда ба рушди сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат карданд.

Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд тадбирҳоро вобаста ба пешниҳод намудани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ба корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ роҳандозӣ намудааст. Аз ҷумла, субъектҳои иқтисодии дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда тибқи муқаррароти банди 7, қисми 2, моддаи 189 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, «дар давоми панҷ сол аз санаи

бақайдгирии давлатии худ, дар сурати доштани иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти сайёҳӣ  аз супоридани андоз озод карда шудаанд» [51]. Инчунин тибқи муқаррароти моддаи 251 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, «воридоти таҷҳизоту техника, масолеҳи сохтмонӣ ва маводи дигар барои таъмини эҳтиёҷоти иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳҳо, марказҳои сайёҳӣ), ба истиснои молҳои дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда аз супоридани андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудаанд» [51]. Воридоти мазкур ҳамчунин тибқи муқаррароти қисми 13, моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз супоридани боҷи гумрукӣ низ озод аст.

Имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат мекунанд, вале онҳо ба ҷалб ва истифодаи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дахолат намекунанд. Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои рушди воқеии инфрасохтори сайёҳӣ тадбирҳое зарур мебошанд, ки ба дастгирии молиявии рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат кунанд. Яке аз чунин тадбирҳо ҷорӣ намудани имтиёзҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла барои иштироки бонкҳо дар сармояи субъектҳои иқтисодӣ, инчунин пешниҳоди имтиёзҳои қарзӣ, ки метавонанд дар доираи ҳам маблағгузории буҷетӣ ва ҳам маблағгузории бонкӣ роҳандозӣ шаванд, мебошад.

Омори сармоягузории бонкӣ нишон медиҳад, ки бонкҳо барои дастгирии рушди инфрасохтори сайёҳӣ тавассути иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳои инфрасохторӣ тамоман саҳм намегузоранд. Барои тақвият бахшидани гуфтаҳои худ маълумотро дар бораи сармоягузориҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корхонаҳо пешниҳод мекунем (ҷадвали 2.2).

Аз ҷадвали 2.2 ба назар мерасад, ки бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар самтҳои лизинг ва суғурта фаъолияти сармоягузориро тавассути иштирок дар сармояи субъектҳои иқтисодӣ анҷом медиҳанд.

**Ҷадвали 2.2. – Саҳми бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сармояи субъектҳои иқтисодӣ, ба ҳолати 30 июни соли 2023**

| Бонк | Субъектҳое, ки саҳми бонк дар сармояи онҳо зиёда аз 25% мебошад | Ҳиссаи бонк дар сармояи субъектҳои иқтисодӣ, % | Соҳаи фаъолияти корхона |
|---|---|---|---|
| Ориёнбонк | Ориён-Лизинг | 100 | Лизинг |
| КВД БА ҶТ Амонатбонк | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| Бонки Эсхата | Эсхата Лизинг | 100 | Лизинг |
| Аввалин бонки молиявии хурд | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| Бонки Рушди Тоҷикистон | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| Филиали бонки Тиҷорати ҶИЭ дар ш. Душанбе | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| Халиқ Бонк Тоҷикистон | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| Душанбе Сити Бонк | ДС суғурта | 70 | Суғурта |
| Тавҳидбонк | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| Спитамен Бонк | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| Бонки байналмилалии Тоҷикистон | Ташкилоти иҷораи молиявии хурди Стандарт-иҷора | 100 | Лизинг |
| | Халик Бонк Тоҷикистон | 100 | Фаъолияти бонкӣ |
| | Суғуртаи асри 21 | 100 | Суғурта |
| | Маркази Технологияҳои Муосир | 25 | Протсессинг |
| Коммерсбонки Тоҷикистон | Маркази Технологияҳои Муосир | 25 | Протсессинг |
| КВД БССТ Саноатсодиротбонк | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| ҶСП «Бонки Арванд» | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| ҶСК «Алиф Бонк» | Сармоягузорӣ надорад | - | - |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [104]

Самти дигари дастгирии бонкии фаъолияти сармоягузорӣ пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, яъне қарзҳо бо фоизҳои паст ба корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Вале омори қарзҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки дар мамлакат низоми қарзҳои имтиёзнок барои ягон соҳаи афзалиятнок, «аз ҷумла барои субъектҳои иқтисодии дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он фаъолияткунанда вуҷуд надорад, меъёрҳои фоизҳои қарзҳои пешниҳодшаванда баланд мебошанд, ки барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат намекунанд» [26, с. 72]. Барои тасдиқи ин маълумот дар ҷадвали 2.3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3. – Меъёри фоизҳои қарз дар соли 2023**

| Қарзҳо | янв. | фев. | мар. | апр. | май | июн | июл | авг. | сен. | окт. | ноя. | дек. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| бо пули миллӣ | 22,33 | 22,71 | 22,93 | 23,13 | 23,29 | 23,10 | 23,23 | 23,22 | 23,27 | 23,35 | 23,29 | 23,2 |
| бо асъори хориҷӣ | 12,78 | 11,83 | 11,98 | 12,30 | 12,21 | 12,18 | 12,09 | 12,05 | 12,00 | 11,98 | 11,94 | 11,81 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [26, с. 72]

Тавре аз ҷадвали 2.3 дида мешавад, меъёри миёнаи фоизҳо дар соли 2023 барои қарзҳо бо пули миллӣ 23,09% ва барои қарзҳо бо асъори хориҷӣ 12,1%-ро ташкил додааст. Меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ бо асъори хориҷӣ нисбатан паст аст, лекин бо сабаби сатҳи баланди таваррум на ҳама субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ба гирифтани қарз бо асъори хориҷӣ ҷуръат мекунанд. Инчунин маблағи қарзҳое, ки бонкҳо бо асъори хориҷӣ медиҳанд, аксаран маҳдуд аст. Тибқи маълумоти омори бонкӣ, субъектҳои иқтисодии дар инфрасохтори сайёҳӣ фаъолияткунанда барои гирифтани қарзҳои бонкӣ муроҷиат намекунанд, ки албатта сабаби асосии ин баланд будани фоизи қарз аст. Аз ин рӯ, дар омори қарзҳои бонкҳо, ки ба субъектҳои соҳаҳои иқтисодиёт пешниҳод карда шудаанд, ҳиссаи маблағҳои қарзҳои ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он додашуда нишон дода намешавад (ҷадвали 2.4).

Ин вазъ, ки аз ҷадвали 2.4 дида мешавад, имкон намедиҳад, ки муҳаққиқон ва шахсони масъули мақомоти давлатӣ, ки ба идоракунии равандҳои маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ машғул мебошанд, вазъи таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузориро дар инфрасохтори сайёҳӣ дуруст арзёбӣ кунанд. Қарзҳои бонкӣ бештар ба соҳаҳои истеъмолот, саноат, сохтмон ва савдои хориҷӣ пешниҳод карда шудаанд. Мо бо ҳисобкуниҳои дахлдор муайян кардем, ки ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2023 ба соҳаҳои истеъмолот – 13001 млн. сомонӣ, саноат – 4689,5 млн. сомонӣ, сохтмон – 1085,4 млн. сомонӣ ва савдои хориҷӣ – 3808 млн. сомонӣ қарзҳои худро пешниҳод кардаанд. Ҳиссаи камтари қарзҳои бонкии дар соли 2023 ба иқтисодиёти миллӣ додашуда ба соҳаҳои хӯроки омма ва миёнаравии молиявӣ рост меояд.

**Ҷадвали 2.4. – Қарзҳои додашудаи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи соҳаҳо дар соли 2023, ҳазор сомонӣ**

| | январ | феврал | март | апрел | май | июн | июл | август | сентябр | октябр | ноябр | декабр |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 1063645 | 978338 | 1009908 | 1596202 | 1266623 | 1072495 | 1047286 | 1106874 | 1142607 | 1023412 | 16899048 | 1610818 |
| Кишоварзӣ | 75689 | 156317 | 159130 | 139916 | 125495 | 65463 | 53418 | 73872 | 128377 | 99756 | 2467589 | 113305 |
| Саноат | 250777 | 63339 | 85983 | 388883 | 269956 | 145147 | 127303 | 67203 | 220026 | 118087 | 2481542 | 171260 |
| Сохтмон | 107369 | 12284 | 59152 | 31950 | 32383 | 28632 | 60389 | 29660 | 6872 | 18141 | 648792 | 49871 |
| Нақлиёт | 4112 | 5486 | 8665 | 8486 | 5979 | 6818 | 4005 | 8655 | 3954 | 5500 | 114315 | 11618 |
| Хӯроки ома | 790 | 166 | 60 | 450 | - | 155 | 385 | 514 | 760 | 1581 | 22210 | 973 |
| Хизматрасонӣ | 62857 | 46487 | 58986 | 42824 | 68994 | 50955 | 53421 | 103222 | 80696 | 50210 | 1233179 | 67582 |
| Савдои хориҷӣ | 129857 | 122149 | 156914 | 168153 | 194371 | 156553 | 176023 | 183428 | 174762 | 132982 | 1948124 | 264687 |
| Миёнаравии молиявӣ | - | 800 | 3100 | 4100 | 2157 | - | 1500 | - | - | 7905 | 14956 | 45 |
| Истеъмолот | 421022 | 475002 | 439612 | 472454 | 478357 | 589829 | 534847 | 622588 | 479308 | 499523 | 7357881 | 630631 |
| Дигар соҳаҳо | 11172 | 26308 | 38306 | 38983 | 95930 | 28943 | 35995 | 17732 | 47851 | 89726 | 610461 | 300846 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [26, с. 43]

Дар асоси таҳлили маълумот оид ба қарзҳои ба соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ додашуда ва хулосабарориҳои мантиқии муайян метавон зикр кард, ки корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ маблағҳои қарзҳои бонкиро асосан барои сохтмони иншооти дахлдор ва хариди таҷҳизот истифода мебаранд, бинобар ин, гумон меравад, ки дар омори бонкӣ онҳо дар таркиби қарзҳои ба соҳаҳои сохтмон ва савдои хориҷӣ додашуда дохил карда шуда бошанд. Ҳамчунин баъзе хизматрасониҳои хӯроки омма ва дигар соҳаҳоеро, ки ба онҳо дар соли 2023 қарзҳои бонкӣ сафарбар карда шудаанд, агар таҳлили амиқ кунем, маълум шуда метавонад, ки ҳиссаи онҳо маҳз ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он рост меояд.

Дар шароити муосир рушди инфрасохтори сайёҳӣ бо ҷустуҷӯ ва дарёфти манбаъҳо, роҳҳо ва усулҳои нави маблағгузорӣ ҳамбастагӣ дорад. Дар умум, соҳаи сайёҳӣ якҷоя бо инфрасохтори худ ба фаъолияти наздики 50 соҳаҳои бо ҳам алоқаманд таъсир расонида, дар онҳо ҷойҳои нави корӣ фароҳам меорад. Ба ҳисоби миёна, як сайёҳ тақрибан 10 нафарро бо ҷойи кор таъмин мекунад. Ташкили як ҷойи корӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ бо корхонаҳои инфрасохтори он нисбат ба соҳаи саноат 20 маротиба арзонтар аст [71, с. 9]. Дар чунин шароит омили муҳими рушди инфрасохтори сайёҳӣ фаъолияти сармоягузорӣ бо роҳи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва таъминоти молиявии онҳо ба хотири беҳгардонии шароити хизматрасонӣ ба сайёҳон ва таҷдиди пойгоҳи моддию техникии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ мебошад.

Воқеияти иқтисодии имрӯза, ки дар афзоиши бошиддати аҳаммияти омили маблағгузорӣ дар амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат ифода меёбад, шарти муҳимтарин ва ҳатмии татбиқи онро ҳамчун муайян намудани эҳтиёҷоти аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ муқаррар мекунад. Бинобар ин, таҳлил ва ҷамъбасткунии таъминоти захиравии дахлдор ва маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дар ин асос таҳия намудани тавсияҳои методӣ ва дастурҳои амалии дахлдор, муайян кардани равишҳо ба беҳгардонии фазои сармоягузорӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои

сармоягузорӣ ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ бо назардошти вазъи имрӯза ва пешомадҳои рушди он дар мамлакат вазифаҳои аввалиндараҷа барои рушди муносиби инфрасохтори сайёҳӣ мебошанд.

Ҳангоми таҳия ва ташаккули сиёсати сармоягузорӣ дар мамлакат диққати махсус бояд ба ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ равона карда шавад. Ба мусоидии фазои сармоягузорӣ дар мамлакат омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки онҳоро сармоягузор бояд ба инобат гирад. Дар ин маврид фазои сармоягузорӣ на чун вазифаи махсуси ҳукумати мамлакат, балки ҳамчун натиҷаи сиёсати иҷтимоию иқтисодии пешгирифтаи ҳукумат баррасӣ карда мешавад.

Тавре муҳаққиқи украинӣ М.М. Скопен қайд мекунад, «Бонки Ҷаҳонӣ омилҳоеро муайян кардааст, ки ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсир мерасонанд: суст иҷро шудани конунҳо; фасод; пули миллии ноустувор; дигаргуниҳои бошиддат дар соҳаҳои иҷтимоӣ, вазъи равандҳои сиёсӣ, муноқишаҳои ҳарбӣ» [111, с. 279]. Ҳамчунин, пандемияи ковид-19 собит кард, ки вазъи эпидемологӣ низ яке аз омилҳое мебошад, ки ба маблағгузорӣ дар тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонад, вале таъсири он аз ҷумла дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ манфӣ мебошад.

Фазои сармоягузорӣ аз иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузорӣ вобаста аст. Ташкили фазои мусоид ва устувор барои ҷалби манбаъҳои сармоягузорӣ дар мамлакат барои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ шарти зарурии коҳиш додани хавфҳо, махсусан хавфҳои молиявӣ мебошад, ки дар навбати худ ба самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсир мерасонад.

Таҳияи механизми самарабахши фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси фароҳам овардани шароити мусоид барои табдили пасандозҳо ба захираҳои сармоягузорӣ, инчунин фаъолгардии ҷалби манбаъҳои берунии сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ мегардад. Дар баробари ин, афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо, ки ба иншооти муҳими инфрасохтори сайёҳӣ равона карда

мешаванд, дар навбати худ, барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки танҳо омода намудани фазои мусоиди сармоягузорӣ бе таъсиси пойгоҳи техникии муносиб барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ натиҷаҳои самарабахш намедиҳад. Гузаронидани таҳқиқоти дахлдори таҳлилӣ бидуни таҳияи равишҳои асосии методологӣ барои таҳлили ҳамаҷонибаи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, ки барои муайян кардани ҷанбаҳои асосии таҳқиқотҳои таҳлилии дахлдор имкон медиҳад, имконнопазир аст.

Мо ин ҷо ақидаи Л.Г. Булгаковаро ҷонибдорӣ мекунем, ки «бояд таҳлили манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба таври амудӣ гузаронида шавад: аз таҳқиқи иқтидори макроиқтисодии мамлакат барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ то шаклҳои мушаххаси захираҳои сармоягузорӣ, ки метавонанд барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ истифода шаванд» [24, с. 75]. Ғайр аз ин, ҳангоми таҳияи равишҳои методӣ бояд чунин самтҳои ҳадафноки таҳлили манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба инобат гирифта шаванд:

- таҳлили умумии таркиби манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ – ҳама манбаъҳои аз ҷиҳати назариявӣ мавҷудаи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- таҳлили манбаъҳои имконпазири маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ – ҳиссаи таркиби умумии манбаъҳои маблағгузорӣ, ки воқеан метавонанд барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ истифода шаванд (аз ҷумла, манбаъҳои воқеан истифодашаванда ва ҳам манбаъҳое, ки бо сабабҳои субъективӣ истифода намешаванд);

- таҳлили манбаъҳои маблағгузории воқеан истифодашавандаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ.

Чунин таҳлили манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки доираи умумии онҳо муайян ва ҳудудҳои воқеъбинонаи иқтидори

мавҷудаи онҳо (ҳам истифодашаванда ва ҳам истифоданашаванда) муқаррар карда шавад. Ғайр аз ин, ошкор кардан, таҳлил ва муқоисакунии ҳиссаҳои истифодашаванда ва истифоданашавандаи иқтидори захиравии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба таҳияи механизми амалисозӣ ва рушди манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат хоҳад кард.

Барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ, ки омили муҳимтарини рушди умумии соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат мебошад, истифода бурдани иқтидори захиравии манбаъҳои маблағгузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии онҳо тавсия дода мешавад. Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дар мамлакат татбиқи 188 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодию иҷтимоии мамлакат идома дорад, ки аз ин шумора танҳо ду лоиҳа ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он марбут аст: «Рушди иқтисодиёти деҳот» (бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ – 15,7 млн. доллари ИМА) ва «Рушди сайёҳӣ» (бо маблағгузории БОР – 10 млн. доллари ИМА ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 млн. доллари ИМА) [130].

Дар доираи татбиқи лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушди Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ маблағи 15,7 млн. доллари ИМА маблағ гирифтааст, ки барои беҳгардонии манбаъҳои даромад ва зиндагии аҳолии ВМКБ ва вилояти Хатлон тавассути рушди соҳаҳои сайёҳӣ ва агробизнес сафарбар карда мешаванд. Лоиҳа аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (гурӯҳи татбиқи лоиҳа) дар ҳамоҳангӣ бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (гурӯҳи ҳамоҳангсози лоиҳа) татбиқ карда мешавад.

Лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» аз чор қисмати сохторӣ иборат аст, ки иҷрои чунин ҳадафҳои асосиро дар бар мегиранд: «беҳтар намудани инфрасохтори ҷамъиятӣ барои рушди соҳаҳои агробизнес ва сайёҳӣ (грантҳо ба ҷамоатҳои деҳот, мақомоти иҷроияи маҳаллии давлатӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ барои беҳтаргардонии инфрасохтори сайёҳӣ ва агробизнес,

инчунин рушди ҷозибаҳои сайёҳии маҳаллӣ); дастгирии молиявии корхонаҳои хурд ва миёна, инчунин соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаҳои агробизнес ва сайёҳӣ тавассути пешниҳоди грантҳои дахлдор (грантҳои ҳиссавӣ ба корхонаҳои хурду миёна ва соҳибкорон» [69]. Ин дастгирӣ асосан барои беҳтаргардонии инфрасохтори сайёҳӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ, инчунин барои таҳким ва рушди ҷозибаҳои сайёҳии маҳаллӣ амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин, ба хотири ба корхонаҳо ва соҳибкорон додани имконият барои амалисозии ҳадафҳои номбаршуда баланд бардоштани дониш ва малакаҳои касбӣ, рушди соҳибкорӣ ва хизматрасониҳо оид ба таҳкими тиҷорат дар доираи лоиҳа, таъмини ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи лоиҳа, идоракунии лоиҳа ва маъмурикунонии грантҳо талаб карда мешавад. Сохтори маблағгузории лоиҳа аз ҳисоби грантҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар ҷадвали 2.5 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.5. – Сохтори маблағгузории лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот»**

| Шакли маблағгузорӣ | Маблағ, доллари ИМА |
|---|---|
| Грантҳо ба ҷамоатҳо, мақомоти маҳаллӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ барои беҳтар намудани инфрасохтори соҳаҳои сайёҳӣ ва агробизнес ва рушди ҷойҳои ҷолиби сайёҳии маҳаллӣ | 2400000 |
| Грантҳои ҳиссавӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, деҳқонон ва корхонаҳои хурд ва миёна дар соҳаи агробизнес барои дастгирии нигоҳдорӣ пас аз ҷамъоварии ҳосил ва коркарди он | 2600000 |
| Грантҳои ҳиссавӣ барои деҳқонон ва коркардкунандагон дар ду занҷираи соҳаи агробизнес | 2600000 |
| Грантҳои ҳиссавӣ ба корхонаҳои хурд ва миёнаи дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда барои беҳтар кардани хизматрасониҳо ва пешниҳодҳо | 3000000 |
| Ҳамагӣ, маблағгузориҳо барои лоиҳа | 10600000 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [69]

Аз ҷадвали 2.5 дида мешавад, ки аз 10600000 доллари ИМА, ки барои маблағгузорӣ дар доираи татбиқи лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» ҷудо карда шудааст, маблағи 3000000 доллари ИМА (28,3%) ба маблағгузорӣ ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он рост меояд, вале «манбаъҳои маблағгузорӣ дар шакли грантҳо барои рушди соҳаи сайёҳии деҳот ва инфрасохтори сайёҳии деҳот истифода мешаванд» [69], аз ҷумла барои: барқарорсозии иншооти фароғатии

деҳот (театрҳо, боғҳо, осорхонаҳо); беҳгардонии роҳҳои пиёдагарди сайругашт ва масирҳои фароғатӣ; ташкили ярмаркаҳои маҳаллӣ ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ. Грантҳои ҳиссавӣ «барои дастгирии корхонаҳои хурду миёна ва соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаи сайёҳии деҳот ба чунин самтҳо сафарбар карда мешаванд: рушди хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳои хурд, мотелҳо, хобгоҳҳо, ҳомстейҳо дар деҳот; ташкили иншооти хӯроки умумӣ ва ғайра» [69].

Маблағҳои дар доираи лоиҳа ҷудогардида барои «таҳкими омодасозии лоиҳаҳои нав дар соҳаи сайёҳӣ, асосноккунии техникию иқтисодӣ ва дарёфти механизми маблағгузории онҳо, инчунин барои омода намудани суратҳисоби ёрирасон ва нақшаи рушди сайёҳӣ, гузаронидани пурсишҳо, муайян кардани рӯйхати сармоягузориҳо сафарбар карда мешаванд» [46].

Дар асоси таҳқиқоти худ муқаррар кардем, ки муҳаққиқони самти таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба масъалаи омӯзиш ва таҳлили омилҳои ба рушди манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиррасон диққати зарурӣ ҷудо намекунанд, ки ин раванди ҳамкориҳои мунтазами ҳамаи субъектҳои манфиатдори татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро душвор мегардонад. Дар натиҷа ҷалби маблағҳои сармоягузорон ба иншооти инфрасохтори сайёҳӣ коҳиш меёбад, ки ин ба рушди самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ монеъ мешавад. Дар баробари ин, мавҷуд набудани рӯйхати ҳамаҷониба ва пурраи омилҳое, ки ба рушди сармоягузориҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсир мерасонанд, барои кормандони масъул ва мутахассисони лоиҳаҳои сармоягузорӣ щангоми омода кардани иттилооти зарурии саривақтӣ ва боэътимод барои сармоягузорони хусусӣ, аз ҷумла сармоягузорони хориҷӣ мушкилот эҷод мекунад. Бинобар ин, мо рӯйхати омилҳои асосии ба рушди манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиррасонро тартиб дода, сатҳи таъсири ҳар як омилро муайян мекунем (ҷадвали 2.6).

**Ҷадвали 2.6. – Омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиррасон**

| Омил | Тавсифи мухтасари таъсир | Дараҷаи таъсир |
|---|---|---|
| Хавфи сармоягузорӣ | Сармоягузорон паёмадҳои маблағгузории худро ҳамаҷониба таҳлил ва арзёбӣ мекунанд. Дар ин маврид онҳо бештар ба мавҷудияти хавфҳои сармоягузорӣ аҳаммият медиҳанд. | Баланд |
| Сатҳи таваррум | Таваррум ба сатҳи даромаднокии сармоягузориҳо дар давраи тӯлонӣ таъсир мерасонад. Вале сатҳи баланди даромаднокии корхона таъсири таваррумро метавонад ҷуброн кунад. | Миёна |
| Иқтидори захиравии сармоягузорӣ | Омили аз ҳама муҳими ба маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъсиррасон, ки пеш аз ҳама таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузориро муайян мекунад ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ ташаккул меёбад. | Баланд |
| Вазъи роҳҳои нақлиётӣ | Маҳз ба ҳамин омил дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Зеро ҳолати роҳҳои расидан ба бештари иншооти инфрасохтори сайёҳӣ қаноатбахш нест. | Баланд |
| Вазъи меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои хӯроки омма | Аз сатҳи хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои хӯроки омма сатҳи қонеъгардии аксари эҳтиёҷоти сайёҳон, хусусан сайёҳони хориҷӣ вобаста аст. | Баланд |
| Вазъи муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ | Ҳадафи аксари сайёҳони дохилӣ маҳз хизматрасониҳои фароғатию солимгардонӣ мебошад. Бинобар ин, рушди иншооти фароғатию солимгардонӣ омили асосии рушди сайёҳии дохилӣ мебошад. | Миёна |
| Вазъи инфрасохтори сайёҳии деҳот, иншооти сарироҳӣ | Аксари иншооти инфрасохтори сайёҳӣ (осоишгоҳҳо, фароғатгоҳҳо ва ғайра) дар маҳаллҳои деҳот ҷойгир мебошанд. Бинобар ин, рушди инфрасохтори деҳот ва иншооти сарироҳӣ ба рушди умумии инфрасохтори сайёҳӣ таъсири муҳим мерасонад. | Миёна |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [34; 42; 99] ва маълумоти оморӣ

Қобили зикр аст, ки омилҳои мазкур дар асоси омӯзиши адабиёти илмии хориҷӣ ва маълумоти омори расмии аз манбаъҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда муайян карда шудаанд. Дар раванди таҳқиқ ва ошкоркунии таъсири омилҳо санадҳои меъёрию қонунгузории танзимкунандаи соҳаи сармоягузорӣ ва сайёҳӣ ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

Ҳангоми ташаккули таркиби миқдории рӯйхати омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиррасон принсипҳои илмии зерин ба инобат гирифта шудаанд:

- рӯйхат бояд танҳо омилҳои муҳимро дар бар гирифта, вобаста ба шумораи онҳо муносиб бошад, то ки менеҷерҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва шахсони масъули онҳо вазъ, сатҳи зоҳиршавӣ ва таъсири онҳоро ҳамаҷониба ва дуруст арзёбӣ карда тавонанд;

- дараҷаи таъсири ҳар як омиле, ки дар рӯйхат оварда шудааст, ба нишондиҳандаи натиҷавӣ (рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ) ба таври мухтасар дар алоҳидагӣ муайян карда шавад (бо сатҳи таъсири паст, миёна, баланд);

- таркиби омилҳои таъсиррасон бо пайдо шудани шароити нав бозбинӣ карда шуда, омилҳои воқеан таъсиррасон ва қобили таваҷҷуҳ ба хотири баланд бардоштани таъсири мусбати онҳо ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба рӯйхат илова карда шаванд.

Натиҷанокии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ метавонад аз ҳисоби сафарбар намудани маблағҳои буҷетии барои дастгирии барномаҳои рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он ҷудошаванда, афзорҳои қарздиҳии имтиёзнок ба субъектҳои иқтисодӣ – истифодабарандагони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, таъмини сатҳи баланди ҷолибияти сармоягузории онҳо барои сармоягузорони хусусии дохилӣ ва хориҷӣ, мусоидати ташкилотҳои молиявию қарзӣ ба ҷамъоварии маблағҳои сармоягузорони хурд ва аҳолӣ баланд бардошта шавад. Инчунин рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ бевосита аз

дастгирии давлатии сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ вобаста аст.

## 2.3. Арзёбии вазъи инфрасохтори сайёҳӣ барои маблағгузории самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидор ва захираҳои бузург барои рушди сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ мебошад. Ин ҷо захираҳои табиию шароити иқлимӣ, мавзеъҳои ҷуғрофӣ ва ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ бо ҳам рост омадаанд. Азбаски сарзамини Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз минтақаҳои кӯҳӣ иборат аст (93%-и ҳудуди мамлакатро маҳаллҳои кӯҳӣ ишғол намудаанд), маҳз онҳо барои сайёҳон ҷолиб мебошанд.

Бо истифодаи захираҳои табиию иқлимии барои рушди сайёҳӣ созгор ва тавассути роҳандозӣ намудани фаъолияти муносиби корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ метавон ба сайёҳони дохилию хориҷӣ маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳиро бо сифати баланд ва нархи дастрас пешниҳод карда, дар ин асос рақобатпазирии онҳоро то андозае баланд бардошт. Барои ин, пеш аз ҳама манбаъҳои молиявӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории сершумор дар инфрасохтори сайёҳӣ зарур аст, ки инро мо дар қисматҳои пешини таҳқиқот тасдиқ кардем.

Мусаллам аст, ки «маҳз кӯҳистон будани маҳалл пояҳои ҷойгиршавӣ ва рушди марказҳои сайёҳии ҷаҳониро муайян менамояд. Бешак, кӯҳҳои овозадори олам, чун Алп, Карпат, Қрим ва Кавказ маконҳои ҷуғрофии сербинандатарин ва серташрифи сайёҳии ҷаҳонии муосир мебошанд» [5, с. 43]. Кӯҳҳои Тоҷикистон «бо иқтидори нодир ва нотакрори сайёҳии худ ба ин мавзеъҳои ҷуғрофии олам баробар шуда, метавонанд яке аз маконҳои ҷолибе барои ҷаҳонгардӣ ва сайёҳии ҷаҳонӣ бошанд» [6, с. 124].

Бо мақсади ҷалби ҳарчӣ бештари сайёҳони хориҷӣ дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои дахлдор роҳандозӣ карда мешаванд,

маҷмааҳои варзишӣ (асосан кӯҳию варзишӣ), осоишгоҳҳо, фароғатгоҳҳо ва дигар иншооти мавҷудбуда навсозӣ карда шуда, инчунин иншооти нав сохта мешаванд.

Дар солҳои охир зиёда аз 150 меҳмонхонаҳои мутобиқ ба талаботи муосир ва стандартҳои байналмилалӣ сохта ё бозсозӣ ва муҷаҳҳаз карда шудаанд, ҳолати иншооти инфрасохтори амалкунандаи сайёҳӣ беҳинасозӣ карда шудаанд. Мувофиқи маълумоти омории Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дар мамлакат (ба ҳолати 31 декабри соли 2023) 191 адад меҳмонхонаҳо, 26 адад ҳостелҳо ва мотелҳо, 53 адад осоишгоҳҳо ва дигар иншооти инфрасохтори сайёҳӣ фаъолият мекунанд, ки аз хизматрасониҳои онҳо сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ истифода мебаранд. Дар баробари ин, дар мамлакат иншооти зиёди инфрасохтори сайёҳӣ мавҷуд мебошанд, ки бо сабаби сатҳи пасти таъминоти моддию техникӣ ва фарсудашавии воситаҳои асосӣ аз фаъолият бозмондаанд. Барои барқарор кардани онҳо ва роҳандозӣ намудани хизматрасониҳои рақобатпазир ба сайёҳони дохилию хориҷӣ манбаъҳои дахлдори молиявӣ зарур мебошанд, ки «онҳоро метавон тавассути таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷалб намуда, бо корбурди усулҳо ва шаклҳои гуногуни маблағгузорӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ сафарбар кард» [46].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ бояд лоиҳаҳои муҳимтарини сармоягузориро дар инфрасохтори сайёҳӣ, мавзеъҳои ҷолиби сайёҳӣ ва иншооти хизматрасонии сайёҳӣ худ маблағгузорӣ намояд. Маблағгузорӣ ба иншооти муҳими инфрасохтори сайёҳӣ, чун энергетика, обтаъминкунӣ, гармигузаронӣ, рушди фурӯдгоҳҳо ва роҳҳои нақлиётӣ сарфшуда метавонад тавассути пардохтҳо барои истифодабарии онҳо ба давлат баргарданд.

Тамоюли нав дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ ин истифодабарии тарҳи «build-own-operate-transfer» (сохтан-ихтиёрдорӣ-истифодабарӣ-интиқол) мебошад. Дар ин маврид сармоягузори хусусӣ сохтмони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ва истифодаи онҳоро дар муддати муайяни (тӯлонии) вақт ба ҷо оварда, минбаъд ин иншоотҳоро ба моликияти давлат месупорад. Сармоягузор бояд аз

маблағгузории худ фоида ба даст орад ва аксаран аз ҷониби давлат ба вай чун «туҳфа» ҳуқуқи истифодабарии дарозмуҳлати қитъаҳои замин пешкаш карда мешавад.

Сиёсати сармоягузорӣ оид ба ҷалб намудани сармояи хусусӣ ба рушди меҳмонхонаҳо, маҷмааҳои варзишию сайёҳӣ, корхонаҳои хизматрасонӣ ва дигар иншоот ва корхонаҳои тиҷоратӣ аз вазъ дар маҳаллҳо вобаста мебошад. Асосан дар ин гуна маврид мушкилот ба миён намеояд, агар манбаъҳои муҳими сармоягузории хусусӣ мавҷуд бошанд. Мисоли возеҳи бобарор амалӣ намудани сармоягузории хусусии дохилӣ ин татбиқи лоиҳаи сармоягузории «Сафед-Дара» барои бунёди маҷмааи варзишию сайёҳию лижаронии кӯҳии Сафед-Дара мебошад.

Барои бозсозии куллии мавзеи лижаронии кӯҳии Сафедорак ва сохтмони иншооти нави инфрасохтори сайёҳӣ дар ҳудуди он сармоягузори хусусии дохилӣ – ҶДММ «Сафед-Дара» дар давраи оғози лоиҳа дар соли 2015 маблағи зиёда аз 80 миллион сомонӣ харҷ намуд. Минбаъд, барои васеъ кардани иқтидори маҷмаа, сохтмони иншооти иловагӣ маблағҳои зиёдтар харҷ карда шуданд.

Сохтмони маҷмааи Сафед-Дара имкон дод, ки дар баробари фаъолияти муътадил ва даромадовари худи маҷмааи сайёҳию варзишӣ, инчунин дигар иншооти иҷтимоию иқтисодии барои рушди минтақаи Такоби ноҳияи Варзоб зарурӣ бозсозӣ ва муҷаҳҳазонӣ карда шаванд. Ҳамин тариқ, сармоягузор роҳҳои автомобилии маҳаллии ба Сафед-Дара оварандаро таъмири куллӣ намуд, ки дар натиҷа сифати ин роҳҳо ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздик гардид. Инчунин дар доираи татбиқи лоиҳа нерӯгоҳи барқи обии Такоб бозсозӣ ва иқтидори он зиёд карда шуд, ки дар натиҷа на танҳо худи маҷмааи сайёҳию варзишии Сафед-Дара, инчунин аҳолии шаҳраки Такоб ва иншооти иҷтимоии он бо нерӯи барқ таъмин карда мешаванд.

Татбиқи лоиҳаи Сафед-Дара ба зиёдшавии ҷойҳои корӣ овард. Ҳоло дар маҷмаа зиёда аз 300 нафар аҳолии маҳаллии шаҳраки Такоб бо кори доимӣ таъмин гардидааст. Ҳамчунин «маҷмааи Сафед-Дара ва мизоҷони он аз аҳолии маҳаллӣ маҳсулоти кишоварзӣ, молҳои истеҳсолнамудаи ҳунармандони маҳаллӣ

ва дигар маҳсулотро харидорӣ менамоянд, ки ин ба сатҳи некӯаҳволии аҳолии маҳаллӣ таъсири мусбат мерасонад» [5, с. 44].

Агар манбаъҳои молиявӣ барои рушди сайёҳӣ дар маҳаллҳо маҳдуд бошанд ва ба онҳо ба ғайр аз сайёҳӣ инчунин дигар соҳаҳои иқтисодиёт майл дошта бошанд, зарурияти ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ ба миён меояд.

Сармоягузори хориҷӣ метавонад маблағгузории пурра ё қисмани онро тавассути ташкили корхонаҳои муштараки бо иштироки соҳибкорони маҳаллӣ таъсисдодашуда ба ҷо орад. Дар ин маврид нақши муҳимро баҳодиҳии амиқи ҷонибҳои дар таъсиси корхонаҳои муштарак иштироккунанда мебозад. Сармоягузорони хориҷӣ асосан он масъалаеро меомӯзанд, ки шарикони маҳаллӣ манбаъҳои пулии худро чӣ гуна ба даст овардаанд. Албатта, онҳо намехоҳанд, ки дар аҳдҳои номатлуб иштирок карда, симои худро дар бозори сармоягузорӣ ба таври манфӣ намоён кунанд. Барои ба даст овардани манфиатҳои муайян аз амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ корбурди тариқаи нисбатан афзалиятноки татбиқи ин гуна лоиҳаҳо таъсиси корхонаҳои муштарак мебошад.

Аксаран барои ҷалб намудани сармоя аз бахши хусусӣ ҳавасманд намудани сармоягузорон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Мо ин ҷо якчанд тарзҳои ҳавасмандкунии сармоягузории хусусиро пешниҳод менамоем, ки метавонанд дар якҷоягӣ бо ҳам ё дар алоҳидагӣ ба кор бурда шаванд:

- ба таври ройгон ё бо арзиши паст ҷудо ва пешкаш намудани иншооти амалкунанда ё бекорхобидаи инфрасохтор, ба иҷораи дарозмуҳлат додани қитъаҳои замин барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он;

- дар баробари озод кардани корхонаҳои дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ фаъолияткунанда аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ дар муддати аввали оғози фаъолият (ки ин алакай амалӣ гардидааст), озод намудани

ин гуна корхонаҳо аз андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул, инчунин муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ дар мавриди истеҳлок;

- дастгирии молиявӣ – пешкаш намудани қарзҳо бо меъёрҳои фоизи паст, тамдиди муҳлатҳои баргардонидани қарз, пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ барои гирифтани қарз аз бахши хусусӣ ё ташкилотҳои молиявии хориҷӣ, роҳандозӣ намудани кӯмакҳои молиявии мустақим (субсидияҳои пулӣ);

- пешкаш намудани кафолат барои минбаъд милликунонӣ нашудани иншооти инфрасохтори сайёҳӣ.

Дар ин маврид муҳим аст, ки ҳавасмандкунӣ танҳо ба он лоиҳаҳои сармоягузорие равона карда шавад, ки аз ҷониби ҳукумат мувофиқа шудаанд, дар нақша ва барномаҳои рушди маҳалл дохил шудаанд ва ба таври муносиб таҳия гардидаанд. Дастгирии сармоягузорӣ метавонад фақат ба он самтҳои рушд паҳн гардад, ки ҳукумат онҳоро мехоҳад дастгирӣ намояд, масалан, меҳмонхонаҳои дорои сатҳи муайяни сифати хизматрасонӣ, иншооти мувофиқ барои баъзе намудҳои хизматрасонӣ, чун фаъолият оид ба ташкили сайёҳӣ дар маҳаллҳои дурдаст. Тарзҳои пешниҳодшудаи ҳавасмандкунии сармоягузориҳо бояд мунтазам бозбинӣ карда шаванд ва мутобиқи эҳтиёҷоти ҷории лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳрир карда шаванд. Тарзҳои дастгирии соҳибкорӣ, «ки дар марҳилаҳои аввалии рушд пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар марҳилаҳои минбаъда рӯзмаррагии худро гум кунанд ва ё таҳрирталаб шаванд, то ки ба талаботи ҷории рушд ва воқеияти рушди маҳалл мувофиқ бошанд» [99, с. 57]. Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дарозмуҳлати рушди ҳамаҷонибаи инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд амсилаҳои сармоягузории мушаххас муайян карда шаванд, ки барои азхудкунии зуд ва миёнамуҳлат дар назар дошта шуда бошанд.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонии сармоягузорӣ нишон медиҳад, «ҳукуматҳои мамлакатҳо барои соҳибкорони ватанӣ ва хориҷие, ки дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт иштирок мекунанд, имтиёз ва афзалиятҳоро муайян мекунанд» [98, с. 23]. Дар ин маврид сармоягузорони хориҷӣ «метавонанд даромади аз фаъолияти сармоягузорӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон бадастовардаи худро пас аз супоридани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо салоҳдиди худ истифода баранд» [66]. Ба онҳо ҳуқуқи аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун баровардани маблағи даромади худ дар шакли асъори хориҷӣ кафолат дода мешавад.

Дар амалияи ҷаҳонӣ яке аз тарзҳои босамараи ҷалби маблағҳо барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии сайёҳию рекреатсионӣ (МОИСР) мебошад. МОИСР ҳамчун воситаи сармоягузорӣ «на танҳо ба сармоягузорон имкон медиҳад, ки инфрасохтори тайёри муҳандисию иқтисодиро бо имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва истеҳлокӣ ба даст оранд, балки инчунин барои ба таври назаррас коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ низ мусоидат мекунад» [34, с. 197].

Таҷрибаи хориҷии фаъолияти МОИСР нишон медиҳад, ки ниҳоди мазкур ҳамчун пайвандгари байни давлат ва бахши соҳибкории хусусӣ воситаи муҳими ҷалби сармоягузорон ба инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Ҳамин тариқ, «минтақаҳои сайёҳию рекреатсионӣ, ки дар онҳо тамоми иншооти зарурии инфрасохтори сайёҳӣ фароҳам оварда шудааст, метавонанд ба марказҳои сайёҳии муташаккил, пешниҳоди хизматрасонии босифат ва механизми ҳифзи ландшафтҳои табиӣ табдил ёбанд» [72, с. 108].

Асоси фаъолияти МОИСР механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии сайёҳию рекреатсионӣ пешакӣ тамоми иншооти инфрасохтори умумии иқтисодӣ сохта мешавад. Сармоягузорони хусусии дохилӣ аз ҳисоби маблағҳои худ барои роҳандозӣ намудани намудҳои гуногуни сайёҳӣ, хусусан сайёҳии фароғатию солимгардонӣ иншооти дахлдори инфрасохтори сайёҳиро месозанд.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, «минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) – қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраркардашуда, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст» [63]. Аз ин бармеояд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис

додани минтақаҳои озоди иқтисодии сайёҳию рекреатсионӣ ба ҳадафҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ мувофиқ буда, барои истифодаи самараноки захираҳои сайёҳӣ ва ҷалби манбаъҳои маблағгузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ имконияти хуб фароҳам меорад. Вобаста ба ин, моддаи 5, қисми 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ муайян кардааст, ки яке аз намудҳои МОИ – минтақаи озоди иқтисодии хизматрасонӣ буда, «дар ҳудуди он корхонаю ташкилотҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонии сайёҳӣ, табобатӣ ва муоличавӣ, машваратӣ (консалтингӣ), муҳандисӣ-техникӣ (инжинирингӣ), миёнаравӣ, молиявӣ ва қарзӣ, аудиторӣ, суғуртавӣ ва дигар хизматрасониҳо ҷойгир шудаанд» [63].

Ба ҳолати имрӯз, дар мамлакат 5 МОИ ба қайд гирифта шудааст: Панҷ, Данғара, Суғд, Ишкошим ва Кӯлоб. Минтақаҳои озоди иқтисодии мазкур дар соҳаи саноат, савдо (тиҷорат) ва баъзе намудҳои хизматрасонӣ фаъолият мекунанд. Ҳоло дар ягон МОИ-и мамлакат хизматрасониҳои сайёҳӣ ба роҳ монда нашудаанд. Бинобар ин, имрӯз таъсиси МОИСР дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар минтақаҳои Варзоб, Ромит, Истаравшан, Исфара, Балҷувон, Рашт (Лахш, Обигарм) ва Ишкошим, ки дорои захираҳои баланди табиию рекреатсионӣ мебошанд, аҳаммияти иқтисодию иҷтимоии бузург дорад. Ба ин хотир таҳия намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он ва пешниҳод кардани онҳо барои ворид кардан ба феҳристи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод оид ба лоиҳаи сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдорӣ давлатӣ - Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар мувофиқа вазорату идораҳои дахлдор, аз ҷумла бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда мешавад» [66]. Пешниҳоди лоиҳа тибқи номгӯйи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ, инчунин дар ҳолати зарурӣ берун аз доираи номгӯи мазкур бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда мешавад. Ҳамчунин сармоягузори хусусии

барои татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дар доираи созишномаи сармоягузорӣ ҳавасманд метавонад пешниҳод оид ба лоиҳаи сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ омода намуда, онро ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман пешниҳод кунад.

Лоиҳаҳои омодашуда ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд ва он ҷо дар асоси пешниҳоди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти имконияти молиявӣ ва мутобиқи созишномаҳои дуҷониба ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сармоягузориҳои давлатӣ ва нишондиҳандаҳои маблағгузориҳои асосии марказонидашуда барои давраи миёнамуҳлат ҳангоми таҳияи буҷети давлатӣ ба ҳисоб мегирад.

Захираҳои сайёҳии истифодашаванда ва имконпазир, ки қариб дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд, метавонанд таваҷҷуҳи сармоягузорони хусусиро ба худ ҷалб кунанд. Аксари чунин захираҳо дар минтақаҳои кӯҳии мамлакат, дар маҳаллҳои деҳот ҷойгир мебошанд. Вобаста ба ин, дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таъқид карда шудааст, ки «ба рушди сайёҳии дохилӣ дар заминаи имконияти васеи табобатию рекреатсионӣ (фароғатию солимгардонӣ), кӯҳнавардию шикор, сайёҳии экологӣ дар маҳаллҳо, истеъмоли таомҳои миллӣ, омӯзиши урфу одат ва ҳунарҳои мардумӣ, тамошои ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва динӣ дар мамлакат, таваҷҷуҳи бештар дода шавад» [13].

Дар мавзеъҳои сайёҳӣ, ки дорои захираҳои бой барои рушди сайёҳии фароғатию солимгардонӣ мебошанд, бо истифодаи моликияти давлатӣ ва маблағгузории иловагии сармоягузорони маҳаллӣ иншооти нисбатан муосир сохта шудааст, чун Оби Зайрон (дараи Ромити шаҳри Ваҳдат), Обигарм (шаҳри Роғун), Лойқаи шифобахши Танобчӣ (ноҳияи Темурмалик), чашмаҳои Авҷ ва Биби Фотимаи Заҳро (ноҳияи Ишкошим) ва дигарҳо.

Яке аз падидаҳои хуб барои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат ҳамкории ташкилоти муассисаҳои давлатӣ бо соҳибкорони хусусӣ мебошад. Мисоли ин гуна ҳамкорӣ

аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул донистани пешниҳоди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) ва ҶДММ «Зайрон» мебошад. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2010, № 201 дар асоси пешниҳоди якҷояи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶДММ «Зайрон» дар пояи озмоишгоҳи илмию табобатии «Оби шифоии Зайрон»-и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар мавзеи дараи Ромити шаҳри Ваҳдат ҶСК «Осоишгоҳи Зайрон» таъсис дода шуд. Бо қарори мазкур ҳамчун муассисони ҶСК «Осоишгоҳи Зайрон» муассисаи давлатӣ - Академияи милли илмҳои Тоҷикистон (бо ҳиссаи 51 фоиз дар сармояи саҳомии ҷамъият) ва ҶДММ «Зайрон» (бо ҳиссаи 49 фоиз дар сармояи саҳомии ҷамъият) муайян карда шудаанд. Дар ин маврид ҳамчун пардохти ҳиссаи давлат ба сармояи саҳомии ҶСК «Осоишгоҳи Зайрон» арзиши амволи мавҷудаи озмоишгоҳи илмию табобатии «Оби шифоии Зайрон», ки Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, гузошта шуд. Ҳиссаи бахши хусусӣ дар сармояи саҳомии ҶСК «Осоишгоҳи Зайрон» барои таҷдид ва рушди пойгоҳи табобатӣ ва сохтмони иншооти нави инфрасохтори Осоишгоҳи Зайрон истифода равона карда шудааст. Ҳоло осоишгоҳи Зайрон тавассути татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ бо иштироки давлат ва бахши хусусӣ ба яке аз муассисаҳои фароғатию солимгардонии номдори мамлакат табдил ёфтааст.

Дар мавзеъҳои дигари сайёҳӣ, ки дорои захираҳои табиию рекреатсионӣ (чашмаҳои оби гарм, лойҳои шифобахш) мебошанд аҳолии маҳаллии деҳот аллакай бо ҷалби маблағҳои пасандозҳои худ иншооти содаи инфрасохтори сайёҳиро бунёд карда, ба иқтисодиёти маҳаллҳои худ ва шароити зиндагии аҳолии онҳо таъсири мусбат мерасонанд. Масалан, имрӯз Осоишгоҳи Тандикул бо истифодаи оби гарми шифобахши чашмаи ҳамноми Тандикул дар байни аҳолии мамлакат ва берун аз он маъмул шудааст. Мавқеи ҷойгиршавии осоишгоҳ бо чашмаи оби гарми шифобахш ва ҳам рӯди хунуку обаш муссафо, ки дар масофаи ду метр аз ҳам ҷойгир мебошанд, барои сайёҳони дохилию хориҷӣ дилкаш аст.

Бояд зикр кард, ки осоишгоҳи Тандикул дар маҳалле ҷойгир аст, ки аз он сайёҳони хориҷӣ, ки ба хотири кӯҳнавардӣ ва фатҳи қуллаи Исмоили Сомонӣ (баландиаш 7465 метр) ташриф меоранд, ҳангоми сафар ва бозгашт он ҷо ҳатман таваққуф мекунанд ва «ҳангоми таваққуф албатта онҳо аз хизматрасонии сокинони деҳоти гирду атрофи осоишгоҳ истифода мебаранд. Вале, тавре мушоҳида мешавад, сокинони деҳоти мазкур ба ҷиҳатҳои санитарию гигиенӣ ҳангоми хизматрасонӣ ба сайёҳон диққати муҳим намедиҳанд» [97, с. 174]. Дар воқеъ, ҳолатҳои риоя нашудани талаботи санитарию гигиенӣ қариб дар тамоми мавзеъҳои сайёҳии фароғатию солимгардонӣ, ки бо истифода аз чашмаҳои оби гарм ва лойҳои шифобах фаъолият мекунанд, мушоҳида мешавад. Бо аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ пешниҳод намудани лоиҳаҳои хурди сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва ҷалби маблағгузории онҳо барои татбиқи ин лоиҳаҳо метавон камбудиҳои мазкурро бартараф карда, осоишгоҳҳо ва фароғатгоҳҳои ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои байналмилалиро ба кор андохт.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзеъҳои сайёҳӣ, ки барои сармоягузорон ҷолиб буда, захираи имконпазирро барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ташкил медиҳанд, зиёд мебошанд (ҷадвали 2.7), «... хусусиятҳои маҳаллҳои кӯҳӣ ва маҳдудиятҳои мавҷудаи заминҳои водӣ дар Тоҷикистон барои ташкил ва пешбурди фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ имконияти калон фароҳам меоранд» [7, с. 55].

Дар рӯйхати мавзеъҳои сайёҳие, ки дар ҷадвали 2.7 оварда шудаанд, мавзеъҳои сайёҳии на ҳама минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд. Ин ҷо танҳо он мавзеъҳое пешниҳод шудаанд, ки дар маҳаллҳои ҷойгиршавии онҳо иншооти рушдёфтаи сайёҳию рекреатсионӣ вуҷуд надорад, бинобар ин, мавзеъҳои мазкур бештар барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ниёз доранд.

**Ҷадвали 2.7. – Мавзеъҳои барои сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷолиб дар инфрасохтори сайёҳӣ**

| Минтақа | Самти рушди сайҳӣ | Мавзеи сайёҳӣ ва таснифи онҳо вобаста ба ҷолибияти сармоягузорӣ |
|---|---|---|
| Минтақаи Бадахшон | Кӯҳнавардӣ | Қуллаи Исмоили Сомонӣ (7495 м), қуллаи Озодӣ (7105 м) |
| | Шикор | Гӯсфанди куҳии Марко-Поло, бузи пармашох (морхур) |
| | Фароғатию солимгардонӣ | 72 адад чашмаҳои оби шифобахши Авҷ, Ямчун (Биби Фотимаи Заҳро), Ҷелондеҳ, Андаро, Баршор, Вездара, Вранг, Ширгин, Даршай |
| Минтақаи Рашт | Сайёҳии экологӣ | Дараҳои Камароб, Сангикар, Тагоба, Қалъанак, Ҷафр, Ясманд, Ҳоит, Кӯли Кабуд, Кӯли Шамар |
| | Фароғатию солимгардонӣ | Чашмаҳои обҳои гарми Обигарм, Тандикул, Ҷиллисӯ, Хоҷаачкон, Бӯйинак, Обисафед, Ямонқирич, Калайзанку |
| Минтақаи Зарафшон | Сайёҳии экологӣ ва кӯҳнавардӣ | Кӯлҳои Искандаркӯл, Ҳафткӯл (Марғзор), Кӯли Калон, Аловиддин, лагери кӯҳнавардии Артуч |
| Минтақаи Ашт | Фароғатию солимгардонӣ | Чашмаҳои Олтинтопкан, Консой, Кафтархона, Истиқлол, Адрасмон, Чашма (кӯҳи Мевағул), Суффатоғ, Қарокон, Караваран, Бахча, кӯли Оқсуқон |
| Минтақаи Кӯлоб | Сайёҳии экологӣ | Шаршараи Сарихосор, кӯҳи Чилдухтарон |
| | Фароғатию солимгардонӣ | Лойҳои шифобахши Танобчӣ, Оқсуқон, Тосқалъа |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2; 81]

Ҳамчунин, мо ин ҷо дар бораи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ низ маълумот наовардем, гарчанде дар минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон мавзеъҳои дорои ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ зиёд мебошанд. Барои ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ҳамасола маблағҳои муайяни буҷети давлатӣ ҷудо карда мешаванд, чунки онҳо объекти соҳибкорӣ нестанд. Ҳадафи сафарбаркунии манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, ки мо дар таҳқиқоти худ баррасӣ мекунем, маҳз соҳибкорӣ мебошад. Бинобар ин, иқтидори сайёҳию рекреатсионии маҳаллҳои мамлакат бояд барои ҳадафҳои соҳибкорӣ истифода шавад. «Ҳувияти фарҳангӣ бо ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ, интиқоли он ба наслҳои оянда робитаи ногусастанӣ дорад, ки ин тавассути ҷалби он ба низоми сайёҳӣ имконпазир аст» [79, с. 44]. Дар корҳои илмӣ истифодаи мероси фарҳангии ғайримоддӣ дар сайёҳӣ аз нуқтаи назари

рушди устувори сайёҳӣ баррасӣ шуда, таъкид шудааст, ки мероси фарҳангии ғайримоддӣ дороии сайёҳӣ мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки мероси фарҳангии ғайримоддӣ ҳар қадар амиқтар ба соҳаи фаъолияти сайёҳӣ ворид шавад, ҳамон қадар он аз гумшавӣ ва фаромӯшӣ ҳифз мешавад. Аз ин нуқтаи назар, фаҳмидани он ки намудҳои сайёҳӣ дар асоси истифодаи мероси ғайримоддии фарҳангӣ дар мамлакат чӣ гуна рушд кардаанд ва нақши он дар татбиқи фаъолияти сайёҳӣ чӣ гуна аст, муҳим аст. Мероси ғайримоддии фарҳангӣ барои намудҳои сайёҳӣ, аз қабили сайёҳии этникӣ, мазҳабӣ, фарҳангӣ, гастрономӣ ва ғайра асос мебошад.

Вазъи иқтидори сайёҳию рекреатсионӣ барои равандҳои сармоягузорӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳии маҳаллҳои мамлакат ба баланд бардоштани сатҳи истифодаи иқтидори сайёҳию рекреатсионӣ барои гирифтани натиҷаи иқтисодии дахлдор (даромад) равона гардидааст. Имконияти зиёд кардани боздеҳии иқтисодии истифодабарии захираҳои сайёҳию рекреатсионии маҳалл омили асосие мебошад, ки ҳавасмандии сармоягузориро ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳии он муайян мекунад, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар навбати худ ҳаҷмҳои зарурии сармоягузориҳо, сохтор, манбаъҳо ва тарзҳои маблағгузории онҳоро муайян мекунанд.

Самтҳои асосии ташаккули шароит барои ҷалби сармоягузориҳо ба пойгоҳи моддию техникӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ аз ҷумла инҳо мебошанд:

- ташкили фазои воқеан мусоиди сармоягузорӣ барои ҷалби сармоягузорони дохилию хориҷӣ, хусусан сармоягузорони хусусӣ;

- баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории худи иншооти инфрасохтори сайёҳӣ;

- самаранокӣ ва зудии қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимият ва идоракунии давлатӣ доир ба масъалаҳои пешниҳоди қитъаҳои замин, шароити техникию ҳуқуқӣ ва таъмини пайвасткунии иншооти сохташаванда ва истифодашаванда ба шабакаҳои муҳандисӣ, хатҳои барқ ва инфрасохтори нақлиёт ва алоқа, муайян кардани тартиби истифодабарии

сарватҳои табиӣ, додани иҷозатномаҳо барои сохтмон ва истифодабарии иншооти инфрасохтор;

- рушди пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии барои ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мусоидаткунанда.

Бо иҷрои тадбирҳои номбаршуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон пояҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии равандҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳиро фароҳам овард.

# БОБИ 3. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ

## 3.1. Дурнамои истифодаи маблағгузории лоиҳавӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи стратегияҳо, барномаҳо, нақшаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои банақшагирӣ, идоракунӣ ва маъмурии соҳаи сайёҳӣ чунин самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳиро муайян намудааст: сайёҳии экологӣ, фароғатию солимгардонӣ, куҳнавардӣ, шикор, саёҳат ва сайругашт, таърихию фарҳангӣ. Бо саъю кӯшиши соҳибкорон ва бахши давлатии иқтисодиёт солҳои охир дар мамлакат тадбирҳои дахлдор роҳандозӣ гардида, иншооти гуногуни меҳмоннавозӣ, варзишӣ, фароғатию солимгардонӣ таҷдид карда шудаанд. Ҳамин тариқ, ҳоло (ба ҳолати охири соли 2023) дар мамлакат 297 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ фаъолият мекунанд, аз ҷумла 191 адад меҳмонхона, 26 ҳостел ва мотел, 53 осоишгоҳ, 6 адад осоишгоҳ ва лагери солимгардонии кӯдакона, 8 хонаи истироҳатӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳи солимгардонӣ, 5 адад базаи сайёҳӣ ва 1 адад кемпинг (расми 3.1). Мавҷуд будани иншооти муносиби инфрасохтори сайёҳӣ ба афзоиши шумораи ширкатҳои сайёҳӣ ва густариши хизматрасониҳои онҳо мусоидат мекунад.

Инфрасохтори сайёҳӣ корхонаҳои соҳаи сайёҳиро бо иттилоот, нақлиёт, меҳмонхонаҳо, хӯрок ва дигар шароити буду боши сайёҳон таъмин намуда, ҳамчунин ба сайёҳон хизматрасониҳои фароғатию солимгардонӣ, фароғатӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ пешниҳод менамоянд. Фаъолияти иншооти инфрасохтор ба сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ таъсир расонида, сатҳи самаранокии фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро муайян мекунад.




**Рами 3.1. – Шумораи иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [89]

Мувофиқи маълумоти оморӣ, «шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар мамлакат аз 91 адад дар соли 2017 то ба 242 адад дар соли 2022 зиёд шудаанд, вале дар охири соли 2023 шумораи онҳо ба 224 адад расидааст» [89]. Дар ин бора дар расми 3.2 маълумот оварда шудааст, ки пӯёи шумораи ширкатҳои сайёҳиро дар солҳои охир тасвир мекунад.

Бо вуҷуди зиёд шудани иншооти инфрасохтор ва ширкатҳои сайёҳӣ, ҳоло ҳам дар мамлакат фарогирии захираҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доираҳои соҳибкорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ кам аст. Барои истифодаи ҳарчи бештари захираҳои сайёҳӣ, ки ҷалби онҳо дар асоси лоиҳаҳои сармоягузорӣ сурат мегирад, маблағгузориҳои дахлдор зарур мебошанд.




**Расми 3.2. – Пӯёи шумораи ширкатҳои сайёҳӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [89]

Сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории рушди ширкатҳои сайёҳӣ ва густариши хизматрасониҳои онҳо ба ҳисоб меравад. Дар шароити норасоии маблағҳои худии корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ барои рушди фаъолияти онҳо, истифодаи манбаъҳои иловагӣ ва шаклҳои босамараи маблағгузорӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ мешавад. Дар навбати худ, гуногунии эҳтиёҷоти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ба манбаъҳои маблағгузорӣ боиси рушди шаклҳои босамараи маблағгузории лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла механизми маблағгузории лоиҳавӣ мегардад.

Мо дар параграфи 1.2 моҳияти усули маблағгузории лоиҳавӣ ва шароити истифодабарии онро барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ шарҳ дода будем. Ҳамчунин муайян карда будем, ки ин усули муосири маблағгузории лоиҳавӣ ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, вале бо доштани заминаҳои муносиб механизмҳои онро метавон ҳангоми

татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ба кор бурд. Акнун ҷиҳатҳои амалии механизми маблағгузории лоиҳавиро ҳамчун усули босамараи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ таҳқиқ намуда, имконияти корбурди онро барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ баррасӣ мекунем.

Бояд зикр кард, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ аз лоиҳаҳои сармоягузории дар соҳаҳои дигари истеҳсолот ва хизматрасонӣ амалишаванда тафовут доранд. Махсусияти лоиҳаҳои инфрасохтори сайёҳӣ пеш аз ҳама дар мураккабии онҳо ифода меёбад, онҳо аксаран лоиҳаҳои бузург мебошанд. Бинобар ин, шумораи иштирокчиёни онҳо низ зиёд аст.

Дар шароити маблағгузории лоиҳавии сохтмони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ бонкҳои маблағгузор иштирокчии бевоситаи раванди амалисозии лоиҳа буда, метавонанд худ мустақилона ба таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ машғул шаванд ё ба ташкилоти ташаббускори лоиҳа машваратҳои касбӣ пешниҳод кунанд. Онҳо хароҷоти амалисозии лоиҳаро пардохт менамоянд ё тавассути ба даст овардани саҳмияҳо ба соҳибмулки корхонаи сохташавандаи инфрасохтори сайёҳӣ мубаддал мегарданд. Ҳамин тариқ, «маблағгузории лоиҳавӣ як намуди алоҳидаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ки дар раванди ташкили маблағгузории лоиҳаи сармоягузории сохтмони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ иштирок мекунанд, мебошад» [39, с. 7].

Дарвоқеъ, маблағгузории лоиҳавӣ муносибатҳои қарзии нисбатан мураккаб оид ба ташкили лоиҳаи сармоягузорӣ дар сохтмони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ бо истифода аз олоти молиявии гуногун мебошад. Шарти муҳимтарини он пӯшонидани қарз аз ҳисоби ҷараёнҳои пулии ҳосилнамудаи худи лоиҳа (фаъолияти иншооти инфрасохтори сайёҳӣ) мебошад. Дар баробари ин, маблағгузории лоиҳавӣ истифодаи воситаҳои гуногуни молиявӣ (саҳмӣ, қарзӣ, ҳосилавӣ)-ро дар назар дорад ва танҳо бо истифодаи усули қарзии маблағгузорӣ қаноат намекунад. Ҳамаи унсурҳои низоми маблағгузории

лоиҳавӣ байни ҳам дар робитаи зич амал карда, самаранокии чараёнҳои молиявиро таъмин менамоянд.

Дар низоми маблағгузории лоиҳавӣ ба идоракунии хавфҳо диққати муҳим дода мешавад. Дар низомҳои маблағгузорӣ дар асоси қарздиҳии муқаррарӣ қарзгир ҳамаи хавфҳоро ба уҳдаи худ мегирад. Дар мавриди маблағгузории лоиҳавӣ хавфҳо бояд дар байни ҳамаи иштирокчиёни лоиҳа тақсим карда шаванд. Дар марҳилаи пеш аз сармоягузории лоиҳа таҳлили муфассали микдорӣ ва сифатии хавфҳо дар доираи таҳлили лоиҳавӣ гузаронида мешавад. Дар ин маврид, «ҳар як хавф бояд ба зиммаи ҳамон ҷонибе вогузор карда шавад, ки барои босамара идора кардани он имконияти бештар дорад» [93, с. 28].

Маблағгузории лоиҳавӣ ба мисли дигар намудҳои маблағгузорӣ бо истифодаи воситаҳои қарзӣ алоқаманд аст. Бо вуҷуди ин, маблағгузории лоиҳавӣ набояд ҳамчун шакли қарз тасниф карда шавад. Ин намуди маблағгузорӣ «маҷмуи васеи механизмҳо, аз қабили идоракунии хавфҳо, суғурта, арзёбии лоиҳа, таҳлили хароҷот, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, созишномаҳои консессионӣ, эскроу-ҳисобҳо, вомбаргҳои лоиҳавӣ ва ғайраро дар бар мегирад» [36, с. 26]. Истилоҳи «маблағгузории лоиҳавӣ» ҳаммаъно ё мутақобили истилоҳи «қарзи дарозмуҳлати бонкӣ» нест. Илова бар ин, қарзи дарозмуҳлат барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити муайян метавонад ҳамчун яке аз шаклҳои маблағгузории лоиҳавӣ баррасӣ шавад.

Барои роҳандозӣ намудани механизми маблағгузории лоиҳавӣ иштирокчиёни гуногун - бонкҳо, фондҳои сармоягузорию нафақа, ширктҳои суғурта, ташкилотҳои лизингӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ ҷалб карда мешаванд. Ба сифати сармоягузорон корхонаҳо ва ташкилотҳо низ баромад карда метавонанд. Ҳангоми қарзи бонкии муқаррарӣ бонк танҳо қарздиҳанда мебошад.

Ҳоло дар амалияи ҷаҳонӣ намуди нави фаъолияти бонкӣ – машварат (консалтинг)-и молиявӣ дар соҳаи маблағгузории лоиҳавӣ маъмул шудааст. Бонкҳои махсусгардонидашуда – мушовирони молиявӣ намудҳои зиёди хизматрасониҳоро пешкаш мекунанд, аз ҷумла омодасозии дастаи ҳуҷҷатҳо

барои лоиҳа (созишномаҳои пешакӣ оид ба фурӯши мол ва хизматрасонӣ), мусоидат кардан ба гуфтушунид ва ба имзо расонидани шартномаҳои қарзӣ, созишномаҳо дар бораи ташкили консорсиумхо ва ғайра. Пешоҳангони ҷаҳонӣ дар байни мушовирон оид ба масъалаҳои ташкили маблағгузории лоиҳавӣ бонкҳои маъруфи сармоягузорию тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявӣ - «Morgan Grenfell», «Morgan Stanly», «Merrill Lynch», «Bank of America», «Barclays», «UBS», «Citibank», «JP Morgan», «CS First Boston», «Solomon Brothers», «Chase», «Lehman Brothers» ва дигарҳо мебошанд [98, с. 25].

Ба раванди амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ метавонад шумораи зиёди иштирокчиён ҷалб карда шаванд, ба мисли сарпарастон (ё ташаббускорон)-и лоиҳа; гурӯҳи лоиҳа – ташкилоти лоиҳавӣ, ки аз ҷониби сарпарастон ё ташаббускорон таъсис дода мешавад; қарздиҳандагон (бонкҳо, консорсиуми бонкӣ); мушовирон; паймонкорон; таъминкунандагони таҷҳизот; ширкатҳои суғурта ва бонкҳои кафил; сармоягузороне, ки саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматноки ташкилоти лоиҳавиро харидорӣ мекунанд; харидорони маҳсулот ва хизматрасониҳои иншооти дар натиҷаи амалисозии лоиҳа сохташуда; корхонае, ки иншооти инфрасохтори сайёҳиро пас аз ба истифода додан идора мекунад; дигар иштирокчиён. Дар ҷадвали 3.1 шаклҳои мақбули маблағгузории лоиҳаи сармоягузории дар доираи механизми маблағгузории лоиҳавӣ татбиқшаванда оварда шудаанд.

Ташкили маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ истифодаи унсурҳои асосии раванди маблағгузорӣ - субъект ва объект, принсипҳо, намудҳо ва тарзҳои маблағгузориро дар бар мегирад. Фаъолияти якҷояи ин унсурҳо механизми муносибатҳои молиявии байни субъектҳои низоми сармоягузориро ташкил медиҳад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи молиявии субъектҳои мазкур нигаронида шудааст. Бо сабаби зиёд будани хавфҳо дар равандҳои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ идоракунии хавфҳои онҳо назорати беисти раванди амалисозии лоиҳаро тақозо мекунад.

**Ҷадвали 3.1. – Шаклҳои маблағгузорӣ дар доираи механизми маблағгузории лоиҳавӣ**

| Иштирокчии лоиҳа | Шакли маблағгузорӣ |
|---|---|
| Бонки қарздиҳанда | Пешниҳоди қарзи асосӣ |
| Дигар ташкилотҳои қарздиҳанда | Пешниҳоди қарзҳои иловагӣ |
| Муассисони ташкилоти лоиҳавӣ | Саҳми муассисӣ ба сармояи оинномавии ташкилоти лоиҳавӣ, саҳмҳои иловагӣ |
| Таъминкунандагони молҳо ва паймонкорон барои иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо дар доираи лоиҳа | Пешниҳоди қарзҳои молӣ ва тиҷоратӣ |
| Бонкҳои сармоягузорӣ ва дигар сармоягузорон | Хариди коғазҳои қиматнок (вомбаргҳо, саҳмияҳо)-и ташкилоти лоиҳавӣ |
| Ташкилотҳои лизингӣ | Пешниҳоди лизинги амалиётӣ (муваққатӣ) ва лизинги молиявӣ (бо ҳуқуқи хариди амволи ба лизинг гирифташуда) |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, маблағгузории лоиҳавӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ механизми мураккаби молиявие мебошад, ки бо ҷалби шумораи зиёди иштирокчиён ба раванди татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ва гуногуншаклии воситаҳои молиявии истифодашаванда алоқаманд аст. Гарчанде дар таҷрибаи ҷаҳонӣ намудҳои зиёди воситаҳои маблағгузории лоиҳавӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан барои истифода дар равандҳои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, онҳо ҳанӯз маъмул нестанд. Омилҳои асосии истифода нашудани механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3.2 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.2. – Омилҳои асосии истифода нашудани маблағгузории лоиҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Омил | Тафсири омил |
|---|---|
| Набудани санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии танзимкунанда | Мавҷуд набудани тафсири мафҳуми маблағгузории лоиҳавӣ дар қонунгузорӣ. Набудани механизми муносиби ҳуқуқӣ барои танзимкунии раванди тақсими хавфҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъмин накардани кафолат ба иштирокчиёни маблағгузории лоиҳавӣ. Набудани стандартҳои зарурии ҳуқуқӣ барои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои қарзӣ ва тиҷоратӣ. |
| Сатҳи нокифояи менеҷменти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ дар масъалаҳои омӯзиши захираҳои сайёҳӣ, таҳқиқ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ | Барномаи саривақт таҳия нашудаи амалкунии лоиҳаи сармоягузорӣ боиси амалҳои нодуруст ва қабули қарорҳои номуносиб дар марҳилаи сармоягузории татбиқи лоиҳа мегардад. |
| Мавҷуд набудани захираҳои қарзӣ барои сармоягузории дарозмуҳлат дар бонкҳои тиҷоратӣ | Бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба маблағгузории кӯтоҳмуҳлат бо фоизҳои баланд нигаронида шудааст. Онҳо барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ қарзҳои дарозмуҳлат пешниҳод карда наметавонанд. |
| Мавҷуд набудани иштирокчиёни касбии маблағгузории лоиҳавӣ | Барои иҷрои созишномаҳои шартномавӣ монеа мешавад, ки ин метавонад дар масъалаҳои ҳамкории байни иштирокчиёни маблағгузории лоиҳавӣ мушкилоти ҷиддиро ба вуҷуд орад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Бояд зикр кард, ки таҷрибаи корбурди механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Қазоқистон аллакай шоистаи дастгирист. Он ҷо санани 12 январи соли 2012 ба Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи секюритизатсия» (аз 20 феврали соли 2006, № 126-III) илова ворид гардид ва он акнун Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи маблағгузории лоиҳавӣ ва секюритизатсия» [37] ном дорад. Аҳдҳо оид ба маблағгузории лоиҳавӣ тибқи қонуни мазкур ҷонибҳои асосии дар механизми мазкур иштироккунандаро муайян мекунад: фармоишгар (шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ё давлат дар шахси Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ё мақомоти иҷроияи маҳаллӣ (акимат) ва дигар мақомоти давлатӣ, ки бо иҷрокунанда шартномаи асосӣ мебандад, онро ба дигар ҷониб месупорад); иҷрокунанда; ташкилоти махсуси молиявӣ (ТММ) - шахси ҳуқуқӣ, ки танҳо барои анҷом додани аҳдҳои

маблағгузории лоиҳавӣ ва секюритизатсия таъсис дода шуда, ҳуқуқҳои талабот ба манфиати ӯ мегузаранд). Дар ин маврид иҷрокунанда дар асоси шартномаи асосии бо фармоишгар басташуда барои татбиқи лоиҳа аз ҳисоби қарзҳо (тавассути бастани шартномаи қарз бо қарздиҳандагон, барориши вомбаргҳо ё гирифтани маблағ аз ТММ) маблағгузориро ҷалб намуда, ҳуқуқи талаботро аз рӯйи шартномаи появӣ ба қарздиҳандагон ё ТММ ҳамчун таъминот медиҳад ё дигар намуди таъминотро ба онҳо пешниҳод мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи маблағгузории лоиҳавӣ ва секюритизатсия» ба фармоишгар имкон медиҳад, ки дар раванди иҷрои лоиҳа дар сурати аз ҷониби иҷрокунанда (паймонкор) иҷро нагардидан ё ба таври номатлуб иҷро гардидани уҳдадориҳои дар доираи шартномаи появӣ муайянгардида иҷрокунандаро иваз кунад. Қайд бояд кард, ки агар яке аз ҷонибҳои аҳди маблағгузории лоиҳавӣ Ҷумҳурии Қазоқистон бошад, ҳатман бояд дар он ТММ иштирок кунад. Аҳдҳои маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчунин бояд бо иштироки ТММ анҷом дода шаванд, агар дар ин бора ақалан яке аз қарздиҳандагон талаб кунад [146].

Хусусияти муҳими маблағгузории лоиҳавӣ, ки имконияти корбурди онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд мекунад, ин талаботи баланд ба сатҳи дониш ва кордонии кормандон ва сатҳи касбияти мутахассисоне мебошад, ки «бо ташаккули сохтори тарҳҳои аҳдҳо дар доираи маблағгузории лоиҳавӣ, ташкили раванди иҷро ва таъминоти онҳо машғул мебошанд. Мутахассисони дар соҳаи маблағгузории лоиҳавӣ фаъолияткунанда бояд нозукиҳои тамоми воситаҳои дар амалияи хориҷии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва механизми маблағгузории лоиҳавӣ истифодашавандаро хуб донанд» [143, с. 65]. Дар бозори мутахассисони бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон норасоии ҳамешагии чунин мутахассисон мушоҳида мешавад.

Агар дар ҳолати корбурди қарзҳои муқаррарӣ мутахассисони бонк ба омӯзиши таърихи қарзии қарзгир, арзёбии вазъи молиявии он, аз ҷумла ба арзиши моволи ба гарав гузоштташудаи он аҳаммият диҳанд, ҳангоми маблағгузории лоиҳавӣ онҳо бештар ба таҳлили лоиҳавӣ таваҷҷуҳ мекунанд.

Самтҳои асосии таҳлили лоиҳавӣ таҳлили иқтисодӣ, молиявӣ, техникӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ ва тиҷоратӣ мебошанд. Ҳангоми арзёбии самаранокии молиявии лоиҳаи сармоягузорӣ ба ҳисобкунии нишондиҳандаҳои арзиши ҳозираи соф (АҲС, net present value - NPV), муҳлати пӯшонидани сармоягузориҳо ва боздеҳии сармоягузориҳо диққати муҳим дода мешавад.

Воситаи муҳимтарини маблағгузории лоиҳавӣ дар марҳилаи баррасии ғояи лоиҳа таҳлили арзишӣ ҳамчун технологияи муайян ва ҳисоб кардани масрафҳо барои амалисозии лоиҳаи сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Корхонаҳои ватанӣ ҳоло танҳо самаранокии иқтисодии лоиҳаро аз нуқтаи назари манфиатҳои шахсии соҳибмулкон ҳисоб мекунанд. Чунин равиш имрӯз мубрам нест, махсусан дар шароити татбиқи лоиҳаҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ. Таҳлили арзишӣ муайян кардани нишондиҳандаҳои арзиш ва буҷети лоиҳа, самара ва хавфҳои лоиҳа бо ифодаи пулӣ, инчунин тафсири омилҳои арзиширо пешбинӣ менамояд. Дар ин маврид, арзёбӣ, пайгирӣ ва назорати нишондиҳандаҳои мазкур бояд дар давоми тамоми муҳлати амалкунии лоиҳа назаррас бошанд.

Дар амалияи маблағгузории лоиҳавӣ корбурди ду равиш барои баҳодиҳии арзиши лоиҳа маъмул аст: равиши даромад ва равиши хароҷотӣ. Дар мавриди корбурди равиши даромад арзиши лоиҳа бояд мақсаднокии татбиқи лоиҳаро аз ҷиҳати иҷтимоӣ ифода кунад ва тамоми даромадҳо ва хароҷоти бо иҷрои лоиҳа алоқамандро ба ҳисоб гирад. Аз нигоҳи равиши мазкур АҲС (NPV) бояд баҳо дода шавад. NPV ҳамчун нишондиҳандаи асосии таҳлили сармоягузорӣ «бузургии арзиши иқтисодии иловашударо, ки метавонад ҳангоми татбиқи лоиҳа ташаккул ёбад, нишон медиҳад ва бо мущтавои иқтисодии худ самари имконпазири лоиҳаро ташкил медиҳад» [40, с. 4].

Ҳисобкунӣ ва таҳлили арзиши лоиҳа бо истифода аз равиши хароҷот бо роҳи ҷамъоварии хароҷот дар марҳилаи пешазсармоягузории лоиҳа ба ҷо оварда мешавад. Дар ин маврид сармоягузориҳои барои ташаккули дороиҳои нав зарурӣ, хароҷоти фоизи қарзҳо дар давраи сохтмон ва хароҷоти пардохти ҳаққи хизмати мушовирон (коршиносон) барои ҷалби вомбаргҳо ва қарзҳо барои татбиқи лоиҳа ҷамъоварӣ карда мешаванд.

Дар раванди татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ, хусусан дар марҳилаи истифодабарии лоиҳаи сармоягузорӣ, баҳодиҳии арзиши ташкилоти лоиҳавӣ, аз ҷумла ба манфиати саҳомон, ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии раванди пайгирӣ ва назорати иҷрои лоиҳа бояд доимо гузаронида шавад ва ба ин васила назорати ба даст овардани самараи иқтисодӣ аз татбиқи лоиҳа таъмин карда шавад.

Ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ тавассути корбурди механизми маблағгузории лоиҳавӣ нишондиҳандаҳои арзиш ва самаранокии иқтисодии лоиҳа бояд бо масъалаи ҳалшаванда ва марҳилаи даври зисти лоиҳаи сармоягузорӣ ҳамбаста карда шаванд (ҷадвали 3. 3).

**Ҷадвали 3.3. – Ҳамбастагии арзиш ва самараи иқтисодии лоиҳаи сармоягузорӣ**

| Марҳилаи даври зисти лоиҳа | Масъалаи ҳалшаванда | Маҳаки баҳодиҳӣ | Равиши баҳодиҳӣ |
|---|---|---|---|
| Марҳилаи пешазлоиҳавӣ (то ташкили маблағгузорӣ) | Баҳодиҳии хароҷоти сармоягузорӣ барои татбиқи лоиҳа. Баҳодиҳии самараи иқтисодии эҳтимолии лоиҳа барои иқтисодиёти миллӣ | Арзиши лоиҳа<br><br>Арзиши иловашудаи лоиҳа (арзиши ҳозираи соф) - NPV | Равиши хароҷот<br><br>Равиши даромад |
| Марҳилаи пешазлоиҳавӣ (ташкили маблағгузорӣ) | Баҳодиҳии самараи иқтисодии тиҷоратии эҳтимолии лоиҳа барои бонк, ташкилоти лоиҳавӣ ва дигар иштирокчиёни лоиҳа | Фарқи байни арзиши корхона бо лоиҳа ва арзиши корхона бе лоиҳа | Равиши даромад |
| Марҳилаи сармоягузорӣ | Пайгирии сармоягузорӣ | Арзиши воқеии лоиҳа | Хароҷоти воқеӣ |
| Марҳилаи истифодабарӣ | Пайгирии самараи иқтисодӣ, буҷетӣ, иҷтимоӣ ва экологиии лоиҳа | Нишондиҳандаҳои воқеии самараи иқтисодӣ, арзиши иловашудаи корхонаи сохташаванда – ташкилоти лоиҳавӣ | Хароҷоти воқеӣ |
| Марҳилаи баромадан аз лоиҳа | Пайгирии даромаднокии сармоягузориҳо -баҳодиҳии асоснокии баромадан аз лоиҳа | Сармоягузориҳои саҳомон | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [83]

Дар шароити корбурди механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мубрамӣ ва аҳаммияти маблағгузории лоиҳавӣ аз ҳисоби имконияти қонеъгардонии ҳарчи бештари манфиатҳои иштирокчиёни он дар доираи ҳар як лоиҳаи мушаххас меафзояд (расми 3.3).




**Расми 3.3. – Мубрамӣ ва аҳаммияти маблағгузории лоиҳавӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Бартариҳои маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми истифодаи он аз ҷумла дар раванди амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ чунинанд:

- тақсими оқилонаи хавфҳо дар байни иштирокчиёни лоиҳа;

- ҷудо намудани хавфҳои тиҷорати асосии сарпарастони лоиҳа аз лоиҳаи сармоягузорӣ аз ҳисоби иштироки ташкилоти лоиҳавӣ дар раванди амалисозии лоиҳа;

- имконияти ҷалб намудани ҳаҷмҳои калони маблағгузорӣ ба муҳлати зарурӣ ва бо меъёи пасти фоизи қарз;

- ташаккули ҷараёнҳои шаффофи пули нақд ва низоми босамараи истифодаи маблағҳо.

Бо вуҷуди доштани бартариҳои зикргардида нисбат ба шаклҳои анъанавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, маблағгузории лоиҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд накарда, бонкҳо ба он таваҷҷуҳ зоҳир наменамоянд. Ба андешаи мо сабабҳои асосии рушд накардани механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар мамлакат инҳо мебошанд:

- мавҷуд набудани асосҳои ҳуқуқию меъёрии истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ;

- нарасидани кормандони баландихтисос, сатҳи пасти дониш ва кордонии мутахассисони бонкҳо дар соҳаи таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- мавҷуд набудани захираҳои кифояи бонкҳо барои қарздиҳии дарозмуҳлат.

Имрӯз маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчун яке аз усулҳои босамараи маблағгузории лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда метавонад, чунки он бо хусусиятҳои худ метавонад ҷалби сармояро ба яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ – сайёҳӣ таъмин намояд. Дар навбати худ рушди сайёҳӣ бо таъсири таконбахшандаи худ ба рушди дигар соҳаҳои инфрасохтори иқтисодиёт, чун нақлиёт, алоқа, хоҷагии меҳмоннавозӣ, осоишгоҳҳо, истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум ва дигарҳо мусоидат мекунад.

Бо истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ алоқамандӣ ва ҳамкории босамараи соҳаи сайёҳӣ бо бахши молиявию бонкии иқтисодиёт таъмин мегардад. Ҳамкории сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ бо бахши молиявию бонкӣ рақобатпазирии корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ва ширкатҳои сайёҳиро густариш медиҳад. Аз сатҳи рушди инфрасохтори сайёҳӣ, фаъолнокии молиявии субъектҳои хоҷагидорие, ки иншооти инфрасохтори сайёҳиро истифода мебаранд, истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ вобаста мебошад.

Барои мукаммалсозии воситаҳои маблағгузории лоиҳавӣ дар доираи стратегияи рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи чорабиниҳо бояд таҳия карда шаванд, ки барои рушди босуботи корхона ва иншооти инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат кунанд. Чунин чорабиниҳо тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирии роҳандозӣ намудани механизми маблағгузории лоиҳавӣ, аз ҷумла такмили заминаҳои қонунгузориро дар бар мегиранд. Албатта, то имрӯз барои мукаммалсозии низом тадбирҳои зиёд андешида шуданд, вале ҳанӯз монеаҳое мавҷуданд, ки ба истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ халал мерасонанд.

## 3.2. Нақши шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ

Таҳқиқоти мо, инчунин омӯзиши адабиёти дахлдор нишон дод, ки афзоиши сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ боиси рушди ҳамаҷонибаи соҳаи сайёҳӣ, афзоиши даромаднокии корхонаҳои сайёҳӣ ва баланд шудани сатҳи сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ мегардад. Аммо сарфи назар аз он, ки айни замон аксари иншоот ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтиёрдории бахши соҳибкории хусусӣ дода шудааст, сатҳи сифати хизматрасонӣ дар онҳо ба талаботи муосири сайёҳони дохилию хориҷӣ, инчунин ба стандартҳои байналмилалии хизматрасониҳои фароғатию солимгардонӣ ва фароғатӣ ба сайёҳон ҷавобгӯ нест.

Ҳоло ҳам дар мамлакат меҳмонхонаҳо, муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ, фароғатгоҳҳо ва дигар иншооте, ки аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешаванд ва барои таъмиру таҷдиди онҳо давлат ҳавасманд аст, вуҷуд доранд, аз қабили КВД Меҳмонхонаи «Душанбе», МД Меҳмонхонаи «Истиқлол», ҶСК Осоишгоҳи «Хоҷаобигарм», МД Осоишгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Харангон», МД Осоишгоҳи ҷумҳуриявии кӯдаконаи дилу тарбодии «Ҳушёрӣ»-и ноҳияи Варзоб, МД Осоишгоҳи ҷумҳуриявии кӯдаконаи «Қаратоғ»-и ноҳияи Шаҳринав, МД Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати

«Дӯстӣ»-и ноҳияи Ҷайҳун, МД Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Ромит»-и шаҳри Ваҳдат, МД Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Биби Фотимаи Заҳро»-и ноҳияи Ишкошим, тамоми муассисаҳои фарҳангӣ, ёдгориҳои таърихӣ, қисми зиёди муассисаҳои варзишӣ ва дигарҳо. Рушди муассисаҳо ва иншооти мазкур бо баланд бардоштани ҷолибияти сайёҳии онҳо хусусан ба рушди сайёҳии дохилӣ мусоидат мекунад.

Бо вуҷуди он ки барои рушди муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ, фароғатӣ, нигоҳдорӣ ва таҷдиди ёдгориҳои таърихӣ ва дигар иншооти инфрасохтори сайёҳӣ маблағҳои муайян аз ҳисоби буҷети давлатӣ сафарбар карда мешаванд, ҳиссаи бештари талабот ба сармоягузориҳо барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ чун дар дигар соҳаҳои афзалиятноки иҷтимоию иқтисодӣ қонеънашуда мемонад. Бинобар ин, давлат кӯшиш менамояд, ки усулҳо ва механизмҳои самараноки маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳиро истифода барад.

Ҳамкории манфиатдори давлат бо намояндагони бахши соҳибкории хусусӣ метавонад суръати баланд ва устувори рушди иқтисодиро дар мамлакат ва маҳаллҳо таъмин намояд. Инчунин, истифодаи танҳо маблағҳои буҷетӣ имконияти давлатро барои татбиқи лоиҳаҳои азими стратегӣ, ки асоси рақобатпазирии мамлакатро ташкил медиҳанд, хеле маҳдуд мекунад. Дар ин маврид яке аз воситаҳои дастрас барои давлат шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) мебошад, ки бо ёрии он зиёд кардани ҳаҷми маблағгузориҳо ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ пешбинӣ мешавад.

Имрӯз дар тамоми ҷаҳон масъулият барои сохтмон ва нигоҳдории иншооти инфрасохтор, ки асосан ба хизматрасонии иҷтимоии ҷамъиятӣ, инчунин хизматрасонии тиҷоратӣ низ машғул мебошанд, аз ҷумла инфрасохтори сайёҳӣ дар салоҳияти давлат мебошад. Ҳамасола бахши давлатӣ ба лоиҳаҳои зиёди инфрасохтори хизматрасониҳои иҷтимоию тиҷоратӣ ҳаҷмҳои зиёди маблағгузориҳоро сафарбар мекунад ва ҳамзамон бо ҷалби бахши хусусӣ механизми ШДБХ-ро ба роҳ мемонад. Барои давлат дарёфти манбаъҳои молиявии иловагӣ барои рушди самаранокии истифодаи моликияти давлатӣ,

баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории иншоот ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ бидуни корбурди механизми хусусигардонӣ муҳим аст.

Тавре дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» омадааст, ШДБХ – «ҳамкории шарикони давлатӣ ва хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» [67] мебошад. Яъне ШДБХ ҳамкории ихтиёрии дарозмуҳлати шартномавӣ ва мутақобилан судманд байни намояндагони давлат ва бахши хусусии иқтисодиёт ба хотири самараноктар ва бо сифати баланд иҷро намудани вазифаҳои давлат мебошад.

Ҳамин тариқ, ШДБХ – ин як иттиҳоди институтсионалӣ ва ташкилӣ, созишномае мебошад, ки байни давлат ва соҳибкорӣ барои татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок дар соҳаҳои мухталиф баста шудааст. Дар доираи созишномаи ШДБХ давлат масъулияти таъмини неъматҳои ҷамъиятӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои миллиро ба дӯш мегирад, аммо як қисми салоҳиятро дар ин самт ба соҳибкорони хусусӣ медиҳад, ки онҳо иқтидори молиявӣ ва идоракунии худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумии лоиҳа истифода мебаранд.

Таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи механизми ШДБХ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ аз дараҷаи баланди самаранокии ин воситаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Зарурати иштироки давлат дар рушди инфрасохтори сайёҳӣ ба сатҳи баланди хароҷот ва муҳлати тӯлонии бозгашти сармоягузориҳо ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои сохтмон ва таҷдиди инфрасохтори сайёҳӣ вобаста аст. Тавре мутахассисон ва муҳаққиқон арз мекунанд, ШДБХ имкон медиҳад, ки барои таҷдид ва рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ захираҳои иловагии сармоягузорӣ ҷалб карда шаванд, ки ин ин бешубҳа ба рушди умумии соҳаи сайёҳӣ таъсири мусбат мерасонад. Маблағгузории хусусӣ метавонад сармоягузории афзояндаи инфрасохтори сайёҳиро бидуни афзоиши мутаносиби ҳаҷми қарзҳо ва вомҳои давлатӣ дастгирӣ кунад ва инчунин метавонад манбаи иловагии даромади давлат бошад. Илова бар ин, идоракунии чандир дар бахши хусусӣ ва қобилияти он

барои инноватсияҳо метавонад боиси афзоиши самаранокии фаъолияти иншооти инфрасохтори сайёҳӣ гардад, ки дар навбати худ омезиши хизматрасониҳои босифат ва нисбатан арзонро таъмин мекунад.

Принсипҳои ШДБХ, ки истифодаи самараноки захираҳоро аз ҷониби шарикони лоиҳаи сармоягузорӣ барои ба даст овардани нафъҳои ҳамдигарӣ таъмин мекунанд, инҳо мебошанд [121, с. 67]:

- мавҷуд набудани табъиз, ки шароити баробарро барои ҳамаи иштирокчиёни лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва имкони ҳамчун паймонкор амал кардани онҳоро таъмин мекунад;

- баробарии ҳуқуқҳо, ки муқаррар кардани ҳуқуқҳо, талабот, маҳакҳои ШДБХ-ро барои ҳамаи иштирокчиён, ки ба таъмини имконияти баробар равона гардидаанд, пешбинӣ менамояд;

- шаффофӣ, яъне таъмини дастрасӣ ба ҳамаи иттилоот оид ба расмиёти пешниҳоди дархостҳо барои бастани шартномаҳои ШДБХ;

- истифодаи самараноки маблағҳо, зеро тартиби бастани шартномаҳои ШДБХ ва истифодаи маҳакҳо бояд манфиати иқтисодии ба даст овардани натиҷаи мақбулро бо назардошти таъсири мушаххас, пеш аз ҳама дар соҳаи иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва мусоидат ба рушди устувор инъикос намояд;

- ҳисоботдиҳӣ, яъне муайян намудани уҳдадориҳо, масъулияти ҷонибҳои дар татбиқи шартномаҳои ШДБХ иштироккунанда, ки ба таъмини сатҳи муносиби касбият, беғаразӣ ва мустақилияти қарорҳои дар раванди татбиқи лоиҳа қабулшаванда нигаронида шудаанд.

Вазифаҳои асосии ШДБХ дар инфрасохтори сайёҳӣ аз ҷумла, ҷалби маблағгузории ғайрибуҷетӣ барои татбиқи лоиҳаҳои муҳими ҷамъиятӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи амволи давлатӣ ва маблағҳои буҷетӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ мебошанд. Ҳадафи он дар инфрасохтори сайёҳӣ муттаҳид намудани захираҳои моддӣ, молиявӣ ва ташкилӣ, ҷалби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ барои татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои муҳими ҷамъиятӣ мебошад.

Механизми ШДБХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав дар раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иншооти инфрасохтор ва муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии дар таҳти идораи давлат қарордошта мебошад. Бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (28 декабри соли 2012, № 907) дар мамлакат фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои роҳандозӣ намудани механизми ШДБХ фароҳам оварда шуд. Дар доираи талаботи қонуни мазкур бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2013 дар бораи мақоми ваколатдор оид ба ШДБХ ва Шуро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ тасдиқ карда шуданд. Ҳамчунин ба хотири вусъат бахшидан ба корбурди механизми ШДБХ ва татбиқи бобарори он дар мамлакат МД «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013, № 289) таъсис дода шуд. Сипас қарори Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи объектҳои инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоие, ки нисбат ба онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» татбиқ карда намешавад» (4 сентябри соли 2014, № 581) қабул гардид.

Тавассути корбурди механизми ШДБХ дар мамлакат шумораи зиёди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти сохтмони роҳҳо, маҷмааҳои варзишӣ ва дигар иншооти иҷтимоӣ маблағгузорӣ ва татбиқ карда шуданд, вале доираи истифодаи он назар ба лоиҳаҳои иҷтимоӣ васеътар буда, масалан, дар дигар иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, чун осоишгоҳҳо низ метавонад истифода шавад. Бояд гуфт, ки ҳоло бо истифодаи механизми ШДБХ ҳамагӣ ду лоиҳаи сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба анҷом расонида шудааст: лоиҳаи ШДБХ № 5 «Сохтмони аквапарк ва комплекси фароғатию дилхушӣ дар шаҳри Гулистон» ва лоиҳаи ШДБХ № 8 «Азнавсозии маҷмааи варзишии «Ҷавонӣ»-и ҷамоати шаҳраки Меҳробoди ноҳияи Ҷаббор Расулов».

Дар раванди ШДБХ тарзи нисбатан муносиби ҷалби маблағгузориҳо ба инфрасохтори сайёҳӣ таъсиси МОИСР бо ҷудо кардани низоми имтиёзҳо барои сармоягузорон, озод шудан аз андозсупорӣ ва амалҳои расмиётпарастӣ мебошад. Тарзи дигари ҷалби сармоягузориҳо таъсиси кластерҳои сайёҳӣ мебошад, яъне

оғоз кардани сохтмони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳаллҳои нав аз «сифр» аз ҳисоби маблағҳои сармоягузорони хусусӣ. Давлат барои ташкили инфрасохтори умумӣ масъулиятро ба худ мегирад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи барҷастаи шарикии муассири давлат ва бахши хусусӣ дар бахши сайёҳӣ мисоли Туркия аст. Туркияи муосир яке аз пешсафони ҷаҳон дар бозори сайёҳӣ дар бахши сайёҳии осоишгоҳҳо, фароғатию солимгардонӣ ва фароғатӣ соҳилӣ мебошад. Тибқи омор, аз ин мамлакат дар соли 2019 (соли пеш аз таъсири пандемияи ковид-19) 51,2 миллион ва дар соли 2022 – 50,4 миллион нафар сайёҳони хориҷӣ дидан кардаанд. Даромади соҳаи сайёҳӣ дар соли 2019 – 34,3 миллион доллари ИМА ва дар соли 2022 – 41,4 доллари ИМА-ро ташкил додааст [152]. Муваффақияти Туркия ҳамчун як маркази сайёҳии пешрафта дар сиёсати салоҳиятноки ҳукумат дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Сиёсати фаъоли давлатӣ дар соҳаи рушди инфрасохтори сайёҳӣ имкон дод, ки дар як муддати кӯтоҳ маҳсулоти миллии сайёҳии рақобатпазир ба вуҷуд оварда шавад. Дахолати муассири давлат ба соҳаи сайёҳӣ боиси аз байн рафтани монеаҳои қонунгузорӣ дар роҳи иштироки фаъолонаи бахши соҳибкорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ гардид.

Намудҳои асосии афзалиятҳои иқтисодӣ барои инфрасохтори сайёҳӣ дар Туркия инҳоянд:

- шароити имтиёзноки иҷораи замин барои 49 сол;
- тарифҳои имтиёзноки газ, об, барқ;
- меъёрҳои имтиёзноки қарз;
- бекор кардани андоз аз арзиши иловашуда ба муҳлати 5 сол, бекор кардани боҷи гумрукӣ.

Дар натиҷаи татбиқи бобарори ШДБХ дар инфрасохтори сайёҳии Туркия рушди ҳамаҷонибаи курорти Белек (таъмини барқ, об, сохтмони роҳҳо, телекоммуникатсия, меҳмонхонаҳо) сурат гирифт. Маҳз ба шарофати сиёсати ҳамаҷонибаи давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин ба шарофати истифодаи самараноки механизми ШДБХ, Туркия тавонист пешсафи мутлақ дар бозори сайёҳии минтақаи баҳри Миёназамин гардад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, ки тавонанд бо истифода аз механизми ШДБХ бунёд ва навсозӣ карда шаванд, муайян карда нашудаанд. Бояд гуфт, ки аз оғози раванди корбурди механизми ШДБХ дар мамлакат якчанд лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи созишномаҳои ШДБХ бомуваффақият татбиқ гардидаанд (ҷадвали 3.4).

**Ҷадвали 3.4. – Лоиҳаҳои татбиқшудаи ШДБХ**

| Номгӯи лоиҳа | Шарики хусусӣ | Санаи бастани созишнома | Мӯҳлати амали лоиҳа | Маблағи лоиҳа |
|---|---|---|---|---|
| 1. Таҷдид ва идораи кӯдакистони №133 дар ш. Душанбе | ҶДММ «Бойчечак» | 22.09.2016 | 10 сол | 8 млн. сомонӣ |
| 2. Сохтмони хатти интиқоли барқ ба МОИ «Данғара» | Ширкати хитойии «Shanxi Coal Coorproation» | 22.12.2016 | 8 сол | 22,8 млн. доллари ИМА |
| 3. Таъсиси маркази пешгирӣ ва мубориза бар зиддӣ гепатити вирусӣ | ҶДММ «Тоҷикиноватсия» | 16.08.2017 | 15 сол | 20 млн. сомонӣ |
| 4. Низоми пардохти электронии роҳкиро дар нақлиёти мусофирбари шаҳри Душанбе | ҶДММ «Авесто Гуруҳ» | 27.02.2018 | 5 сол | 23,1 млн. сомонӣ |
| 5. Таъмини аҳолии ҷамоати деҳоти Исфисори н. Бобоҷон Ғафуров бо оби нӯшокӣ | ҶДММ «Билол – 2017» | 13.01.2020 | 35 сол | 1,78 млн. сомонӣ |
| 6. Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Бӯстон | ҶДММ «Билол – 2017» | 30.12.2020 | 20 сол | 13,7 млн. сомонӣ |
| 7. Таъсиси Маркази скрининги аввалияи бемории оташак | ҶДММ «Ташхиси муосир» | 08.12.2021 | 10 сол | 4,5 млн. сомонӣ |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [131]

Дар маҷмуъ, ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ дар шакли ШДБХ метавонад яке аз самтҳои ояндадори рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар шароити муосир гардад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ҳамаҷониба ва мутавозини тадбирҳои дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва маъмурӣ зарур аст, ки ба фароҳам овардани шароит барои рушди сатҳи сифатан нави иқтидори инфрасохтори сайёҳӣ ва таъмини ташаккули афзалиятҳои устувори рақобатии мамлакат нигаронида шуда бошад.

Ба андешаи мо, истифодаи механизми ШДБХ дар инфрасохтори сайёҳӣ танҳо дар сурате натиҷаи мусбат дода метавонад, ки агар тамоми ҷонибҳои

манфиатдор – давлат ва бахши соҳибкории хусусӣ дар асоси принсипи манфиатҳои умумӣ амал кунанд. Имрӯз вазъият чунин аст, ки ҳар як ҷониби ШДБХ танҳо манфиати худро мебинад, вале барои ба эътибор гирифтани манфиати шарики худ чандон майл надорад. Дар ин шароит шарикии воқеии давлат ва бахши хусусӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, дар раванди роҳандозӣ намудани механизми ШДБХ пайдо кардани мавқеъҳои ҳамдигарфаҳмӣ байни ҳамаи иштирокчиёни он хеле муҳим аст.

Барои рушди самараноки ШДБХ бояд танҳо он иншооте интихоб карда шаванд, ки дар оянда барои соҳибкорӣ даромад (фоида) ба даст меоваранд. Агар барои ШДБХ танҳо иншооти иҷтимоие ҷудо карда шаванд, ки ҳатто дар муддати тӯлонии дур фоида оварда наметавонанд, сохторҳои соҳибкорӣ барои ба консессия гирифтани онҳо ё истифодаи ягон шакли дигари ШДБХ пайдо намешаванд. Ин ҷиҳати асосӣ дар механизми ШДБХ мебошад. Соҳибкорони бахши хусусӣ дар ШДБХ танҳо барои он ширкат мекунанд, ки онҳо дар оянда фоидаи муайяни иқтисодӣ мебинанд. Бе ин гуна манфиатҳо ШДБХ рушд намеёбад. Мутаассифона, маҳз чунин вазъият дар рушди механизми ШДБХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад. Иншооти интихобшуда барои ба консессия гузаштан наметавонанд дар оянда таваҷҷуҳи соҳибкоронро ба худ ҷалб кунанд, зеро ин гуна иншоот барои соҳибкории бахши хусусӣ фоидаи хуб оварда наметавонанд.

Дар рафти таҳқиқоти худ мо муайян кардем, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд самтҳои ояндадори рушди шаклҳои ШДБХ-ро метавон ҷудо кард, ки барои ҷалби сармояи хусусӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ва татбиқи лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, аз ҷумла дар инфрасохтори сайёҳӣ имконият медиҳанд. Дар баробари ин, сарфи назар аз комёбиҳои муайян дар рушди инфрасохтори сайёҳӣ, давлат дар ташаккули он ба таври кофӣ ҷалб карда нашудааст. Самтҳои ояндадори рушди ШДБХ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва камбудиҳои асосии он дар ҷадвали 3.5 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 3.5. – Самтҳои рушди ШДБХ ва камбудиҳои амалисозии он**

| Самтҳои рушди ШДБХ | Камбудиҳои амалисозии ШДБХ |
|---|---|
| Ивази воридоти молҳо ва хизматрасониҳо дар самтҳои муҳими истеҳсолию хизматрасонӣ бо маҳсулот ва хизматрасониҳои дохилӣ (таваҷҷуҳи зиёди аҳолии мамлакат ва шаҳрвандони хориҷӣ ба иншооти сайёҳии дохилӣ). | Шароит ва механизмҳои ташкили ШДБХ дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ муайян карда нашудааст. |
| Бунёди иншооти нави фароғатию солимгардонӣ, фароғатӣ ва варзишӣ, хусусан варзиши кӯҳӣ. | Принсипҳои фаъолият ва рушди ШДБХ дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёӣ таҳия нашудаанд. |
| Таҷдид ва муҷаҳҳазонии инфрасохтори мавҷудаи сайёҳию фароғатӣ, меҳмонхонаҳо, маҷмааҳои варзишӣ ва дигар иншооти инфрасохтори сайёҳӣ барои ҷавобгӯ шудан ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ. | Рушд накардани сохторҳои ташкилии идоракунӣ, ки равандҳои ҳамкории байни иштирокчиёни шарикиро ҳамоҳанг мекунанд. |
| Таъсиси низоми таълимию илмӣ ва омодасозии кормандон барои соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ . | Механизми иқтисодии танзим ва иштироки аҳолӣ дар лоиҳаҳои рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар асоси ШДБХ таҳия нашудааст. |
| Дарки зарурати рушди соҳаи сайёҳӣ ва фароғатӣ аз ҷониби мақомоти қонунгузор ва иҷроия дар ҳама сатҳҳо. | Асосҳои ташкилии таъмини иттилоотии қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи ШДБХ таҳия карда нашудаанд. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар воқеъ, солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ иншооти зиёди мавҷудаи инфрасохтори сайёҳӣ таҷдид гардида, дар баробари ин иншооти нави фароғатию солимгардонӣ ва фароғатию варзишӣ сохта шудаанд. Акнун аҳолии мамлакат бештар ба муассисаҳои инфрасохтори дохилӣ тавҷҷуҳи бештар дошта, ҳамзамон шумораи зиёди сайёҳони хориҷӣ ҳангоми ташриф ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чунин иншоот дидан намуда, аз хизматрасониҳои онҳо истифода мебаранд. Бо ҷалби сармояи хусусӣ сатҳи хизматрасониҳо дар иншооти мазкур ба дараҷаи баланд расонида шуда, барои мутобиқ шудани онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Қобили зикр аст, ки сатҳи омодагии касбии кормандони корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ яке аз омилҳои баланд шудани сифати хизматрасониҳо ба сайёҳон ва таъмини бартариҳои рақибона дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. «Ба шарофати муомилаи хуби кормандон, сатҳи баланди ахлоқ ва фарҳанги онҳо

сифати баланди хизматрасониҳои ба сайёҳон пешкашшаванда таъмин мегардад. Дар асоси ин гуфтаҳо метавон тасдиқ кард, ки имрӯз яке аз вазифаҳои муҳимтарин барои маъмурияти ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои бозори сайёҳӣ баланд бардоштани сатҳи дониш, кордонӣ, фарҳанги муошират ва хизматрасонии кормандон мебошад» [8, с. 28]. Таъсиси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон яке аз қадамҳои муҳим дар самти омодасозии мутахассисон ва кормандон барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Ҳамчунин бунёди Маркази хизматрасониҳои иттилоотии сайёҳии шаҳри Душанбе дар донишгоҳи мазкур метавонад дар самти дастгирии иттилооти рушди инфрасохтори сайёҳӣ нақши муассир дошта бошад. Барои баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон ва кормандони меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо дар марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Панҷакент, Ваҳдат ва ноҳияи Варзоб, ки ташрифи сайёҳони дохилию хориҷӣ ба ин маҳаллҳо зиёд аст, марказҳои таълимии омӯзишӣ ташкил карда шудааст.

Сарфи назар аз комёбиҳои нишондодашуда, мушкилот ва камбудиҳои дар амалисозии ШДБХ дар инфрасохтори сайёҳӣ ҷойдошта суръатҳои рушди соҳаи сайёҳиро дар мамлакат бозмедоранд, ки ин дар навбати худ ҳаҷмҳои воридшавии маблағҳоро ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ кам мекунад.

Устувориро дар самти рушди маблағгузорӣ ба иншооти сохташаванда ва амалкунандаи инфрасохтори сайёҳӣ танҳо тавассути корбурди низоми ягона таъмин кардан мумкин аст, яъне дар заминаи он ки тамоми намуди захираҳо, инчунин корҳо оид ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳаллҳо дар доираи маҷмуи ягонаи бисёрсоҳавии тадбирҳои бо ҳам пайваста дар доираи ШДБХ ҳамгиро ва рафти иҷрои корҳои дахлдор ҳамоҳангсозӣ карда шавад.

Ҳоло дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла, дар мамлакатҳои аъзои ИДМ истифодаи ду самти асосии рушди ШДБХ дар инфрасохтори сайёҳӣ мушоҳида мешавад: бунёди МОИСР ва таъсиси кластерҳои сайёҳӣ.

Агар барои амалисозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти аввалӣ – бунёди МОИСР-ро баррасӣ кунем, ҳаминро қайд кардан лози аст, ки ҳангоми таҳия

намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи амалисозоии ШДБХ интихоби мавзеъҳои барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ муносиб дуруст ба ҷо оварда шавад. Пеш аз ҳама ба инобат гирифтани иқтидори табиию рекреатсионии маҳалл муҳим аст. Дар ин маврид интихоби маҳаллҳо барои таъсиси МОИСР бояд бо таҳлили ҳамаҷонибаи маҳаллҳо, имконияти онҳо барои рушди намудҳои алоҳидаи сайёҳӣ ва ҷолибият барои сармоягузорӣ ҳамрадиф бошад. Дар ин маврид на танҳо равиши ҷуғрофӣ, инчунин таҳлили маҳаллҳо вобаста ба омилҳои гуногуни ба интихоби манбаъҳои маблағгузорӣ таъсиррасон, аз ҷумла иқтидори маҳалл барои рушди инноватсионии инфрасохтори сайёҳӣ ва сатҳи пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ бояд ба кор бурда шавад. Воқеан, пас саволи хеле равшан ҷавоби худро пайдо мекунад: кадом минтақаҳо бояд аввал маблағгузорӣ шаванд?

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳое ҳастанд, ки дар онҳо инфрасохтори сайёҳӣ нисбатан рушд кардааст, чун минтақаи Суғд ва атрофи пойтахти мамлакат - минтақаи Ҳисор. Маҳз ҷолибтарин мавзеъҳои сайёҳӣ – муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ (осоишгоҳҳои Шоҳамбарӣ, Сатурн, Сангчашма, Эдем, Хоҷаобигарм, Сароб, Зайрон, Баҳористон, Уротеппа, Зумрад, Ҳавотоғ, Авис сити, Авитсена), фароғатию варзишӣ (Сафед-Дара) дар ҳамин минтақаҳо ҷойгир шудаанд ва сайёҳони хориҷӣ низ ба ин мавзеъҳо таваҷҷуҳи бештар доранд. Вале дар минтақаи ВМКБ бо вуҷуди доштани иқтидори бузурги рушди сайёҳии кӯҳнавардӣ ва шикор, инчунин фароғатию солимгардонӣ, бо сабаби дар сатҳи паст қарор доштани инфрасохтор истифодаи захираҳои сайёҳӣ дар он нокифоя аст. Бинобар ин, таъсиси аввалин МОИСР дар мамлакат бо номи «Помир» дар минтақаи ВМКБ тавсия дода мешавад.

Вобаста ба самти дуюми рушди ШДБХ дар инфрасохтори сайёҳӣ – таъсиси кластерҳои сайёҳӣ ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки дар айни замон равиши мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле ҷолиб аст, зеро он барои фаъолияти самараноки намудҳои гуногуни сайёҳӣ, инчунин фаъол намудани кори иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳаллҳое, ки дорои иқтидори баланди сайёҳӣ, истеҳсолӣ ва инноватсионӣ мебошанд, шароити мусоид фароҳам оварда

метавонад. Таъсис додани кластерҳои сайёҳӣ ҳамчун яке аз тадбирҳои муҳим дар доираи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муқаррар карда шудааст. Барои таъсиси кластерҳои сайёҳӣ ва умуман гузаронидани таҳлили кластерӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ баррасии ҳамаҷонибаи робитаҳои байни соҳаҳои гуногуни истеҳсолию хизматрасонӣ, ки бо рушди сайёҳӣ ҳамрадиф мебошанд, лозим аст. Дар доираи кластери сайёҳӣ корхонаҳо ва иншооти инфрасохторие сохтан лозим аст, ки чунин робитаҳои байнисоҳавиро бо роҳандозӣ намудани намудҳои гуногуни сайёҳӣ таҳким диҳанд. Муттаҳид намудани имконияти сайёҳӣ дар доираи як корхона ё як иншооти инфрасохтори сайёҳӣ метавонад рақобатпазирии умумии инфрасохтори сайёҳӣ ва умуман соҳаи сайёҳиро баланд бардорад, «инчунин ҳамчун тамоюли хеле ҷолиб ва мусбат метавон таваҷҷуҳи давлатро ба таъсиси на танҳо як кластери мушаххас, балки як қатор кластерҳо арзёбӣ кард, ки дар якҷоягӣ бо дигарон механизми бузурги рушди иқтисодиётро ба вуҷуд меоранд» [35, с. 22].

Асоси роҳандозии сиёсати кластерӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ пайвастагии он бо иқтидорҳои сайёҳӣ ва сармоягузории ин ё он минтақа мебошад. Бо дарназардошти он, ки кластерҳои сайёҳӣ ҳамчун як самти рушди иқтисодии минтақаҳои мамлакат амал карда метавонанд, вале ҳисаи инфрасохтори сайёҳӣ ҳанӯз дар рушди иқтисодиёти миллӣ авлавият надорад, аз ин рӯ, роҳандозии намудҳои гуногуни сайёҳӣ дар дохили як кластери сайёҳӣ муҳим аст. Умуман, ташкили робитаҳои тиҷоратии давлат ва соҳибкорӣ тавассути корбурди механизми ШДБХ метавонад яке аз самтҳои умедбахши рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар шароити муосир гардад.

Бо дарназардошти он, ки ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои соҳавии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири рушди инфрасохтори сайёҳӣ тавсеаи истифодаи як ё якчанд технологияҳои инноватсионии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро, чун консессия ва ШДБХ пешбинӣ менамоянд, пас дар маркази таваҷҷуҳи доимии маъмурияти мақомоти идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ бояд масъалахои беҳтар намудани сифати омодасозӣ ва идоракунии лоиҳаҳои ШДБХ

дар инфрасохтори сайёҳӣ қарор дошта бошад. Гузашта аз ин, сифат ва самаранокии татбиқи лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлатию хусусӣ на танҳо аз ҳамкории баробарҳуқуқонаи қонунан муқарраршудаи шарикон, балки аз муттаҳидсозии захираҳои сармоягузорӣ, тақсими хавфҳо ва хароҷоти молиявӣ дар ноил шудан ба ҳадафҳои лоиҳа вобаста хоҳад буд. Дар ин замина пайгирии доимии лоиҳаҳои ШДБХ, омӯзиш, муайян ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадам оид ба таҳияи лоиҳаҳое, ки дар шароити робита ва ҳамкориҳои бахшҳои давлатию хусусӣ амалӣ мешаванд, зарур аст.

Барои амалисозии барномаҳои рушди инфрасохтори сайёҳӣ тавассути корбурди механизми ШДБХ анҷом додани чунин корҳо зарур аст:

- таъсис додани ассотсиатсияҳо, шабакаҳои корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ва марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, ки ҳадафи онҳо рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат ҳамчун воситаи дастгирии мавзеъҳои табиию таърихӣ ва фарҳангии ҳифзшаванда, мусоидат ба рушди иҷтимоию иқтисодиёти маҳалл ва баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ мебошад;

- ташаккули махзани махсуси маълумот, таъсиси низомҳои иттилоотӣ оид ба мавзеъҳои табиӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ, хатсайрҳои сайёҳӣ ва ба ин васила муаррифӣ ва паҳн намудани таҷрибаи татбиқи лоиҳаҳои бомуваффақияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ;

- рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, таҳияи пайроҳаҳо ва хатсайрҳои экологӣ, таъсиси низоми сертификатсияи онҳо;

- таҷдиди осорхонаҳои табиат ва таъсиси марказҳои иттилоотӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва дигарҳо.

## 3.3. Интихоби амсилаи муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ

Ҳангоми банақшагирии таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар як вақт якчанд тарҳҳои маблағгузорӣ ва мувофиқан манбаъҳои ҷалби онҳо баррасӣ карда мешаванд, дурнамо, зарфият, эътимоднокии онҳо

муқоиса карда шуда, бо дарназардошти вазифаҳое, ки ҳар як лоиҳаи мушаххас бояд анҷом диҳад, тарҳ ва амсилаи муносиби маблағгузорӣ барои татбиқи лоиҳаи мазкур интихоб карда мешавад.

Мо дар параграфҳои пешини таҳқиқоти худ шароит ва имконияти корбурди механизмҳои маблағгузории лоиҳавӣ ва ШДБХ-ро дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таҳқиқ ва баррасӣ кардем. Зарурати таҷдиди технологии инфрасохтори сайёҳӣ ва мутобиқ кардани иншооти инфрасохтори мазкур боиси он гардид, ки барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок дар ин самт механизми самараноки сохтмон ва истифодаи инфрасохтори сайёҳӣ истифода шавад, ки дар асоси якҷоякунии захираҳои молиявии давлатӣ ва бахши хусусӣ роҳандозӣ карда мешавад.

Бо қарори ҳайати мушовараи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2014, № 81 Дастури методӣ оид ба омода ва амалӣ намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, барои расонидани кӯмаки техникию методологӣ ба мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки ҳамчун фармоишгари лоиҳаҳои сармоягузорӣ баромад мекунанд, инчунин ба бахши хусусӣ ва дигар иштирокчиёни татбиқи лоиҳаҳо дар доираи ШДБХ пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаҳои сармоягузорие, ки дар доираи ШДБХ татбиқ карда мешаванд, аз ҷониби мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба объектҳои инфрасохтор ва хизматрасониҳои иҷтимоии стратегӣ, ташкилоти фармоишгар (вазоратҳо, идораҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ), шарики хусусӣ бо тартиби ташаббуси шахсӣ пешниҳод мешаванд. Дар пешниҳоди лоиҳаи сармоягузорӣ, ки аз ҷониби ташкилоти фармоишгар пешниҳод мешавад, чунин ҷиҳатҳои асосӣ нишон дода мешаванд: қабули қарор оид ба омода намудани лоиҳа, таҳияи пешниҳоди пешакии лоиҳавӣ, таҳияи пешакии асосноккунии техникию иқтисодӣ, ташхиси пешниҳоди пешакии лоиҳавӣ ва асосноккунии техникию иқтисодӣ ба хотири муайян кардани мавҷудияти асос барои татбиқи

лоиҳа, омода намудани бастаи ҳуҷҷатҳо барои пешниҳод ба баррасии лоиҳа дар мақоми ваколатдор ва Шуро оид ба ШДБХ. Лоиҳа аз ҷониби шарики хусусӣ тавассути мурочиат ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё ташкилоти фармоишгари дахлдор – шарики давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Шуро оид ба ШДБХ дар ҷаласаи худ пешниҳоди пешакии лоиҳавӣ ва асосноккунии техникию иқтисодии пешниҳодшударо баррасӣ карда, оид ба онҳо қарори дахлдор қабул мекунад. Дар ҳолати маъқул донистани пешниҳоди лоиҳа тарҳи ниҳоии асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳа тасдиқ карда шуда, барои таҳияи дархост оид ба изҳори манфиатдорӣ ва ҳуҷҷатҳои тендерӣ иҷозат дода мешавад. Дар мавриди омодасозии лоиҳа ташкилоти фармоишгар барои интихоби шарики хусусӣ ба хотири татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ тендер ташкил карда, барои иҷрои лоиҳа созишнома мебандад.

Бояд қайд кард, ки яке аз масъалаҳои муҳим ҳам дар раванди омодасозии лоиҳа ва ҳам дар раванди татбиқи он муайян кардани манбаи маблағгузории иҷрои лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад. Ҷонибҳои иштирокчии лоиҳаи сармоягузорӣ ба ин масъала диққати муҳим медиҳанд. Онҳо усулҳо, шаклҳо ва манбаъҳои гуногуни дастраси маблағгузории лоиҳаро омӯхта, дар ин асос тарҳ ё амсилаи беҳтарини маблағгузориро интихоб мекунанд. Барои интихоби амсилаи муносиби татбиқи лоиҳаи сармоягузории мушаххас таҳлили молиявии ҳамаҷонибаи манбаъҳои молиявии имконпазир гузаронида мешавад. Хусусан дар шароити имрӯзаи таъсири паёмадҳои буҳрони молиявӣ ва норасоии манбаъҳои молиявии буҷетӣ барои иҷрои лоиҳаҳои афзалиятноки маблағгузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ масъалаи интихоби манбаъҳо ва тарҳҳои нисбатан оқилонаи маблағгузорӣ аҳаммияти назаррас пайдо мекунад.

Таҳқиқи равандҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки маблағгузории онҳо асосан тавассути ҷалби қарз/грантҳои мамлакатҳои сарпараст (донор), ташкилотҳои молиявии хориҷӣ, маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ (буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ) ва маблағҳои бахши хусусӣ ба ҷо оварда мешавад. Қабули қарори сармоягузорӣ ҳамеша бо хавфи марбут ба бозтақсимкунӣ ва истифодабарии

ҷараёнҳои молиявӣ ҳамрадиф аст. Лоиҳаи сармоягузории бомуваффақият татбиқшаванда ҷустуҷӯ ва дарёфти манбаъҳои нисбатан муфиди маблағгузории фаъолияти сармоягузориро пешбинӣ менамояд.

Банақшагирии фаъолияти сармоягузорӣ дар корхона ва иншооти инфрасохтори сайёҳӣ – яке аз шартҳои асосии таъмини маблағгузории мавзун ва беисти лоиҳаи сармоягузорӣ, муқаррар кардани таносубҳои мутавозини истеъмол ва ғункунии маблағҳои худи корхона, нигоҳдории устувории молиявии корхонаи ташаббускори лоиҳа (иншооти ифрасохтори сайёҳӣ) ва самаранокии иқтисодии лоиҳаи самроягузорӣ мебошад. Вобаста ба ин, таъмини маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ аз манбаъҳои гуногун тавассути корбурди усулҳо ва шаклҳои муносиби маблағгузорӣ, ки дар якҷоягӣ амсила (тарҳ)-и маблағгузориро ифода мекунанд, муҳим мебошад.

Ҳангоми таҳия ва арзёбии асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаи сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ дарк кардан муҳим аст, ки «ҳисобкунии бузургиҳо ва нишондиҳандаҳои молиявӣ бояд бо таҳлили шароит ва фарзияҳое, ки арзёбии онҳоро муайян мекунанд ҳамроҳ сурат гирад, ки ин таҳқиқи ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, молиявӣ ва экологии сармоягузорӣ, инчунин арзёбии стратегияҳои алтернативӣ ва маҳдудиятҳои лоиҳа, маркетинг, захираҳо, иқтидори истеҳсолӣ, технология ва ғайраро дар назар дорад» [43, с. 71].

Таҳлили молиявии ҳамаҷонибаи манбаъҳои молиявии имконпазир барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ муқаррар намудани талаботи лоиҳа ба ҳаҷмҳои аниқи маблағгузорӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ ва муайян кардани арзиши сармояи ҷалбшуда, арзёбии самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ тавассути муқоиса кардани ҷараёнҳои пулии пешбинишуда бо ҳаҷми аввалии имконпазири сармоягузориҳоро дар бар мегирад.

Ҳаҷмҳои сармоягузорӣ барои ҳар як лоиҳа корбурди равиши инфиродиро барои маблағгузории он талаб мекунанд. Вале дар ҳама ҳолат расмиёти интихоби манбаъҳои маблағгузорӣ аз имконияти дохилии корхонаи ташаббускори лоиҳа оғоз мегардад, ки аз маблағҳои истеҳлок ва фоидаи тақсимнашуда ташаккул

меёбанд. Барои муайян кардани маблағи воситаҳо аз фаъолияти ҷории корхона, ки метавонанд барои маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ сафарбар шаванд, нақшаи молиявии муфассали фаъолияти корхона бе дарназардошти арзиши лоиҳаи татбиқшаванда ва бузургии маблағҳои дастраси дохилӣ, ки пас аз анҷоми тамоми амалиёти бо пешбурди намудҳои муқаррарии фаъолияти ҷорӣ алоқаманд боқимонда таҳия карда мешавад. Ғайр аз ин, ба зумраи манбаъҳои дохилӣ, вале ғайрихудии маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ маблағҳои қарздории кредиторӣ низ дохил мешаванд.

Агар даромадҳо ва хароҷоти фаъолияти ҷории корхона дар ҷараёнҳои пулии лоиҳа бо далели таҳвил (истифодаи усули ҳисобузамкунӣ) ба ҳисоб гирифта шаванд, пас тағйирёбии талабот ба маблағгузории сармояи гардон бояд дар нақшаи ҷараёнҳои пулӣ бо банди алоҳида нишон дода шавад. Чунин равиш ба тавсияҳои Маркази байналмилалии таҳқиқоти саноатии назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди саноат мувофиқ буда, дар таркиби аксари барномаҳои компюетрии таҳлили молиявии сармоягузорӣ ҷорӣ карда шудааст, ки ин раванди ҳисобкуниҳои дахлдорро осон мекунад.

Боз як хусусияти маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории сохтмон ё таҷдиди техникии иншооти инфрасохтори сайёҳиро, ки бо дороиҳои гардон алоқаманд аст, қайд кардан бамаврид аст. Дар марҳилаи иҷрои лоиҳаи сармоягузорӣ раванди асосии фаъолияти корхонаи инфрасохтори сайёҳӣ (пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ ё дигар хизматрасониҳои истеҳсолӣ) метавонад боздошта шавад ё ҳаҷми фаъолият (хизматрасонӣ ё истеҳсол) кам карда шавад. Дар натиҷа на афзоиш, балки кам шудани эҳтиёҷ ба сармояи гардон мушоҳида мешавад. Як қисми дороиҳои гардон метавонад аз фаъолияти ҷорӣ гирифта шуда, ҳамчун манбаи муваққатии маблағгузории татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ истифода шавад.

Таҷрибаи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар феҳристи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ оварда шудаанд, истифодаи манбаъҳои берунии маблағгузорӣ, ки мо дар боло номбар кардем, ҳоло маъмул нашудааст.

Шароит ва тартиби истифодаи чунин манбаъҳои маблағгузориро мо дар параграфҳои 3.1 ва 3.2 дар мисоли механизмҳои маблағгузории лоиҳавӣ ва ШДБХ баррасӣ кардем. Ин ҷо бошад, мо кӯшиш менамоем, ки шароит ва имконияти дастрасро барои корбурди якҷояи усулҳо ва манбаъҳои берунии маблағгузорӣ, аз ҷумла дар доираи механизми маблағгузории лоиҳавӣ муҳокима карда, барои интихоби амсилаи муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ тавсияҳои дахлдор таҳия кунем. Ҳангоми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории субъектҳои иқтисодии бахши хусусӣ корбурди қарзи бонкӣ ва лизинг дар мамлакат, аз ҷумла дар лоиҳаҳои сармоягузории сохтмон ва таҷдиди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ аллакай маъмул шудааст. Намунаҳои назарраси маблағгузории лоиҳаҳои сохтмон ва таҷдиди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ бо ҷалби сармояи бахши соҳибкории хусусиро номбар кардан мумкин аст, ки бомуваффақият анҷом дода шудаанд: ҶДММ «Сафед-Дара», ҶСК «Осоишгоҳи Шоҳамбарӣ», ҶСК «Осоишгоҳи Зумрад», ҶСК «Осоишгоҳи Зайрон», ҶДММ «Сатурн», ҶДММ «Сангчашма» ва дигарҳо. Ҳоло аз 205 номгӯйи лоиҳаҳои сармоягузории бахши соҳибкории хусусӣ, ки ба маблағгузорӣ ниёз доранд, ҳамагӣ ду лоиҳа ба соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ тааллуқ доранд: сохтмони маҷмааи истироҳатию варзишӣ (ҶДММ «Файзи Истиқлол», вилояти Хатлон, шаҳри Норак) ва сохтмони маҷмааи сайёҳӣ (ҶДММ «Сафедоб Тур», вилояти Хатлон, ноҳияи Шамсиддини Шоҳин) [103].

Манбаъҳои дохилии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дорои баъзе камбудиҳо мебошанд. Ҷиҳати асосии боздорандаи истифодаи манбаъҳои худии маблағгузорӣ ҳаҷми маҳдуди онҳо мебошад, ки имконияти тавсеаи назарраси фаъолияти сармоягузориро маҳдуд мекунад. Бинобар ин, дар шароити ташаккули бозори қоғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корбурди усули омехтаи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонад маъмул гардад. Усулҳои айни замон иҷозатдодашудаи ҳисобузам кардани истеҳлоки дороиҳои дарозмуҳлат (воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ), ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст (моддаҳои 198-200, 203), инчунин иҷозати тарҳҳои сармоягузорӣ (моддаи 201) якҷоя бо истифодаи ҳиссаи фоидаи

соф барои рушди истеҳсолот усули худмаблағгузориро ба як манбаи намоёни маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ табдил медиҳанд. Зимнан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон худмаблағгузории корхонаҳои амалкунандаи инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими рушди фаъолияти онҳо ба ҳисоб меравад.

Меъёрҳои солонаи истеҳлок дар асоси «Меъёрҳои ягонаи ҳисоб намудани истеҳлоки воситаҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи воситаҳои асосие, ки ба гурӯҳҳои истеҳлокӣ дохил мегарданд» ҳисоб карда мешаванд. Ин меъёрҳоро корхонаҳое ба кор мебаранд, ки ҳисоботи молиявии худро дар асоси СБҲМ тартиб намедиҳанд. Барои корхонаҳои истифодабарандаи СБҲМ ин меъёрҳо ва ҷадвали мазкур тавсиявӣ мебошанд. Корхонаҳои истифодабарандаи СБҲМ бояд усулҳои ҳисобузамкунии истеҳлоки дороиҳоро дар сиёсати баҳисобгирии худ нишон диҳанд. Яъне корхонаҳои тиҷоратӣ бо мақсадҳои баҳисобгирии андоз аз даромади худ ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосиро мутобиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо меоранд. Ташкилотҳои буҷетӣ, ба хотири ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ бояд меъёрҳои ягонаи ҳисоб намудани истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва нақшаи воситаҳои асосии ба гурӯҳҳои истеҳлокӣ дохилшавандаро ба кор баранд.

Ҳисобузамкунии истеҳлок барои объектҳои воситаҳои асосӣ новобаста аз натиҷаҳои фаъолияти корхона дар давраи ҳисоботӣ ба ҷо оварда мешавад ва дар баҳисобгирии муҳосибии ҳамон давраи ҳисоботие инъикос карда мешавад, ки ба он таалluқ дорад. Дар баҳисобгирии муҳосибӣ маблағҳои истеҳлок ба андозаи 1/12 ҳиссаи меъёри солона ҳисобузам карда мешаванд.

Бояд зикр кард, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи усулҳои гуногуни ҳисобузамкунии истеҳлоки дороиҳои дарозмуҳлат (воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ)-ро иҷозат намедиҳад. Аз муқаррароти моддаи 198 кодекси мазкур бармеояд, ки «корхонаҳо ба хотири ҳисобузамкунии истеҳлоки дороиҳо усули баробарандозаи хаттиро ба кор мебаранд. Барои мақсадҳои андозбандӣ дороиҳои истеҳлокшаванда (ба истиснои дороиҳои

ғайримоддӣ) ба 6 гурӯҳ бо нишон додани меъёри солонаи истеҳлок бо фоизҳои муайян ҷудо карда мешаванд» [51].

Моддаи 203 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри истеҳлокро барои дороии ғайримоддӣ, ки муҳлати истифодаи муфиди он зиёда аз 10 сол мебошад ё муайян намудани муҳлати истифодаи муфиди он имконнопазир аст - 10 фоиз, барои дигар дороиҳои ғайримоддӣ - фоизи бо роҳи тақсим намудани 100 фоиз ба миқдори солҳои истифодаи нафъовари дороии ғайримоддӣ муқаррар кардааст.

Арзиши воситаҳои асосӣ, ки дар асоси шартномаи лизинг гирифта шудаанд, дар арзиши тавозунии гурӯҳи дахлдори воситаҳои асосии иҷорагир дохил карда шуда, ҳисобузамкунии истеҳлок вобаста ба меъёрҳои барои гурӯҳҳои дахлдор муайяншуда ҳисоб карда мешавад. Корхонаи иҷорагир ҳисобузамкунии истеҳлоки воситаҳои асосии ба иҷораи молиявӣ гирифтаашро бо ҳамон усуле ба ҷо меорад, ки дар мавриди ҳисобузамкунии ҳамин гуна воситаҳои асосии худиаш ба кор мебарад. Маблағи истеҳлоки объекти воситаҳои асосии ба иҷора гирифташуда ба хароҷоти иҷорагир ҳамон тавре соқит карда мешавад, ки ҳиссаи иҷорапулии ташкилдиҳандаи фоизҳои қарз соқит карда мешавад. Дар ин маврид маблағи истеҳлоки ҳисобузамшуда ва маблағи пӯшонидани уҳдадории иҷора барои ҳар як давраи ҳисоботӣ бо ҳам рост намеоянд. Арзиши дороии ба иҷора гирифташуда бояд дар давоми муҳлати кӯтоҳтар аз мухлати иҷора ё муҳлати истифодаи нафъовари он бо истеҳлокҷудокуниҳо пурра пӯшонида шавад.

Дар шароити иҷораи амалиётӣ (муқаррарӣ) дороии ба иҷора додашуда дар тавозуни муҳосибии иҷорадеҳ инъикос карда мешавад. Иҷорагир тамоми маблағи иҷорапулиро барои давраи ҳисоботӣ ба хароҷоти худ дар давраи ҳисоботии мазкур зам мекунад. Иҷорадеҳ истеҳлоки объекти воситаҳои асосии ба иҷора додаашро мутобиқи усулҳо ва меъёрҳои барои истеҳлоки ҳамин гуна дороиҳо қабулкардаи худ ҳисобузам мекунад.

Дараҷаи тамоюлоти маблағи истеҳлок аз арзиши воситаҳои асосии истеҳлокшаванда ва мухлати истифодаи нафъовари онҳо, инчунин аз бузургии

ҳарсолаи фоида аз лоиҳа вобаста хоҳад буд. Ба хотири роҳ надодан ба хатоҳои имконпазир ҳангоми интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки аз сабаби дуруст ҳисоб карда натавонистани арзиши онҳо (кам ҳисобидани арзиши лоиҳаҳо) содир мешаванд, ба андешаи мо метавон арзёбии қиёсии самаранокии лоиҳаҳоро дар асоси корбурди усулҳои хаттӣ ва ғайрихаттии ҳисобузамкунии истеҳлок ба ҷо овард.

Мутобиқи муқаррароти қисми 11 моддаи 198 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳисобузам кардани андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ андозсупоранда ҳуқуқ дорад, ки нисбат ба дороиҳои алоҳида илова ба тарҳҳои истеҳлок, инчунин тарҳҳои сармоягузориро низ анҷом диҳад, ки меъёрҳои онҳо чунинанд:

- 10 фоиз аз арзиши: таҷҳизоти технологии нав, ки корхона дар раванди истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо истифода мебарад ва аз рӯзи барориши онҳо аз се сол зиёд нагузаштааст;

- 5 фоиз аз арзиши: сохтмони нави бино ва иншооти истеҳсолӣ; таҷдиди бино ва иншооти мавҷудаи истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ (таҷдиди зиёда аз 50 фоизи масоҳати бино ва иншоот), ки ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои техникию иқтисодии воситаҳои асосӣ дар доираи лоиҳаи таҷдид ва тавсеаи иқтидори истеҳсолӣ равона гардидааст; тавсеаи истеҳсолот дар шакли сохтмони нав – сохтмони бино ва иншооти нав ба хотири истифодаи онҳо дар раванди истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ.

Барои ба даст овардан ё нигоҳ доштани сохтори муайяни сармоя беҳгардонии таносуби манбаъҳои гуногуни маблағгузории сармоягузорӣ зарур аст, зеро сохтори дар аввал ташаккулёфтаи сармоя барои корхона дар маҷмуъ метавонад ба талаботи стратегияи молиявии он ҷавобгӯ набошад ва ба сатҳи устувории молиявии он таъсири манфӣ расонад. Зарурати чунин беҳгардонӣ инчунин бо он шарҳ дода мешавад, ки манбаъҳои маблағгузорӣ бо тинати иқтисодӣ, принсипҳо ва тарзҳои пайдоиш, усулҳо ва муҳлатҳои сафарбаркунӣ, давомнокии мавҷудият, дараҷаи назорат ва ҷолибият аз нуқтаи назари ташаббускорони лоиҳа фарқ мекунанд.

Қадами аввал дар беҳгардонии таносуби манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ ҳисоб кардани арзиши ҳар кадоми онҳо мебошад. Дар қиёс бо дигар манбаъҳои сармоягузорӣ аҳаммияти истеҳлок, ки аз як тараф ҳамчун воситаи андухт баромад мекунад ва аз тарафи дигар ба хароҷоти корхона дохил карда мешавад, дар он ифода меёбад, ки истифодаи он ҳеҷ гоҳ ба зиёд шудани уҳдадориҳои корхона дар назди ҷонибҳои берунӣ намеорад, чунки маблағи он ҳармоҳа ба хароҷоти ҷории корхона соқит карда мешавад. Арзиши намуди мушаххаси захираҳои молиявии барои татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ истифодашаванда, аз ҷумла истеҳлок, бояд дар асоси бузургии баъдиандозбандии он муайян карда шавад. Ҳамин тариқ, аз нигоҳи корхонаи ташаббускори лоиҳа, истеҳлок манбаи арзонтарини маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад.

Бо такя ба натиҷаҳои таҳлил ва мартабабандии манбаъҳои гуногуни маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо тартиби афзоиши арзиши онҳо мо ба хулосае меоем, ки ҳангоми ташаккули стратегияи сармоягузории корхона дар мақоми аввал манбаъҳои худӣ, аз ҷумла истеҳлок ва фоидаи соф қарор мегиранд. Вале таҷрибаи таҳияи тарҳҳои маблағгузорӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми муроҷиат ба манбаъҳои худӣ равиши нисбатан муфассал ва ҳамаҷониба ба муайянкунии ҳаҷмҳо ва таносубҳои захираҳои молиявии барои татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ҷалбшаванда лозим мебошад. Истифодаи манбаъҳои худӣ, ба мисли ҳамаи дигар манбаъҳои маблағгузорӣ, дар шароити корхонаи мушаххас бояд устувории молиявии лоиҳа ва умуман корхона, инчунин эътимоднокии маблағгузориро мувофиқи нақшаи татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дар тамоми даври зисти он таъмин кунад, зеро шарти раднашавандаи татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ кам кардани хароҷоти сармоягузорӣ дар ҳудудҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ имконпазир ва афзоиши даромад аз сармояи худӣ мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки тарзи беҳтарин ваояндадори истифодаи якҷояи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ механизми маблағгузории лоиҳавӣ мебошад, ки хусусият ва шароити асосии корбурди онро мо дар параграфи 3.1 баррасӣ кардем. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ он

барои мамлакатҳо ва минтақаҳое мубрам аст, ки ба таҷдиди иқтидорҳои истеҳсолии соҳаҳои афзалиятнок ва иншооти бузурги инфрасохторӣ ниёз доранд. Бинобар ин, онро мо барои истифода дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ тавсия медиҳем.

Аксаран барои ба даст овардани манбаъҳои маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ ва идоракунии раванди татбиқи он як ташкилоти алоҳидаи идоракунӣ (ташкилоти лоиҳавӣ) таъсис дода мешавад. Ташаббускорони лоиҳа дар сармояи ташкилоти лоиҳавӣ ба андозаи саҳмҳои худ иштирок мекунанд. Маблағҳои қарзӣ ба ташкилоти лоиҳавӣ равона карда мешаванд, на ба ташаббускорон. Дар ин маврид муҳлати дарози татбиқи лоиҳа ва ҳаҷмҳои калони захираҳои сармоягузорӣ зарурати ҳамоҳангсозии иштирокчиёни сершумори минбаъдаи раванди иҷрои лоиҳаро аллакай дар марҳилаи пешазлоиҳавӣ ба миён меорад (ҷадвали 3.6).

**Ҷадвали 3.6. – Иштирокчиёни раванди маблағгузории лоиҳавӣ ва вазифаҳои онҳо**

| Иштирокчиёни маблағгузории лоиҳа | Вазифаҳои иштирокчиён |
|---|---|
| Корхонаи ташаббускор | Корхонаи инфрасохтори сайёҳӣ, ки ба таҷдиди техникии истеҳсолот ниёз дорад ва ба лоиҳа сармояи худро мегузорад. Он лоиҳаи сармоягузориро таҳия мекунад ё дар тендер ба даст меорад, дар марҳилаи пешазлоиҳавӣ гуфтушунидҳоро бо дигар иштирокчиёни имконпазир мегузаронад. |
| Таъминкунандагони таҷҳизот ва сарватҳои моддӣ, паймонкорон | Бо лоиҳа дар асоси шартномаҳои дарозмуҳлати таҳвил ва хизматрасонии техникии иншооти инфрасохтори сайёҳӣ робита доранд. |
| Харидорони маҳсулоти дар доираи лоиҳа истеҳсолшуда | Бо ташаббускори лоиҳа дар бораи нияти харидорӣ кардани маҳсулот қарордод мебанданд. |
| Қарздиҳандагон | Ҳамаи шахсоне, ки ба лоиҳа сармояи қарзӣ пешниҳод кардаанд, чун бонкҳо, ташкилотҳои лизингӣ, ташкилотҳои ғайримолиявӣ. Онҳо қарзро бо меъёри фоизии ба хавфҳои лоиҳа мувофиқ пешниҳод мекунанд. |
| Ташкилоти лоиҳавӣ | Аз ҷониби сармоягузорони лоиҳа таъсис дода мешавад. |
| Давлат (мақомоти ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) | Дастгирии ҳуқуқии татбиқи лоиҳаро таъмин мекунад. Метавонад дар раванди татбиқи лоиҳа ҳамчун ҳамсармоягузор иштирок кунад. |
| Ташкилоти суғуртавӣ | Ба иштирокчиёни лоиҳа муҳофизатро аз гурӯҳҳои муайяни хавфҳо кафолат медиҳад. |
| Машваратчиёни молиявӣ ва техникӣ | Ташкилотҳои махсусгардонидашуда ва шахсони воқе, ки дар ҷанбаҳои гуногуни иҷрои лоиҳа салоҳиятдор мебошанд |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [25]

Сарфи назар аз беназир будани ҳар як ҳолати маблағгузории лоиҳавӣ, дар таҷрибаи байналмилалӣ амсилаҳои гуногуни он мавҷуд мебошанд, чун маблағгузории венчурӣ, ШДБХ, амсилаи истеҳсолию истифодабарӣ ва ғайра, ки интихоби беҳтарини онҳо барои корбурд дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

Амсилаи венчурӣ таъсиси консорсиуми ташаббускори лоиҳаро бо шарикони хориҷӣ талаб мекунад. Фаъолияти иштирокчиёни лоиҳа дар асоси шартнома оид ба фаъолияти муштарак танзим карда мешавад. Сабаби чунин ҳамкорӣ зарурати таҳлили нисбатан пурратари бозорҳои мамлакаи татбиқкунандаи лоиҳа ва паст кардани сатҳи хавфҳои мамлакатҳои алоҳидаи намояндагони иштирокчиёни лоиҳа мебошад. Шарикони хориҷӣ дар навбати худ имконияти истифодаи навовариҳои ташаббускори лоиҳаро ба даст меоранд. Арзёбии қобилиятнокии молиявии лоиҳаҳо, ки дар рафти он интихоби ниҳоии манбаъҳои сармоягузорӣ сурат мегирад, бо назардошти маълумот дар бораи ҷараёнҳои пулӣ, аз ҷумла ҷараёнҳои пулии бо лоиҳа алоқаманд ба ҷо оварда мешавад.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

### *Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

Таҳқиқоти анҷомдодашуда имкон дод, ки як қатор нуктаҳои назариявӣ, тавсия ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба рушди назария, методология ва амалияи таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таҳия карда шаванд. Хулосаҳои муҳимтарини аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда аз ҷумла инҳо мебошанд:

1. Лоиҳаи сармоягузорӣ маҷмуи чорабиниҳои пайваста ва пай дар пай иҷрошаванда мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххаси маблағгузорӣ дар доираи вақти маҳдуд ва буҷети пешакӣ муқарраршуда татбиқ мешавад. Вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти сармоягузорӣ мафҳуми таъминоти молиявии фаъолияти сармоягузориро ҳамчун раванди ҷалб намудан, ҷамъоварӣ кардан ва истифодаи ҳадафноки захираҳои молиявӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ фаҳмидан мақбул аст. Маҷмуи чорабиниҳо оид ба интихоби таркиб ва сохтори манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нишондиҳандаҳои ҷараёни пулӣ ҳамчун усули маблағгузорӣ муайян карда мешавад. Раванди интихоби манбаъҳои мушаххаси маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар асоси низом ва тарҳи интихобшудаи маблағгузорӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси лоиҳаи сармоягузорӣ ва фаъолияти корхонаи ташаббускори лоиҳа сурат мегирад [1-М; 11-М; 12-М].

2. Усулҳо ва шаклҳои маблағгузорӣ тарзҳои ҷалб кардани захираҳои сармоягузориро ифода мекунанд. Ба манбаъҳои маблағузорӣ танҳо воситаҳои пулии барои сармоягузорӣ ҷалбшаванда мансуб мебошанд. Усули муайяни маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад. Дар ин маврид, шаклҳои дар доираи усули мушаххаси маблағгузорӣ муайяншуда бо моҳияти иқтисодии худ муттаҳид мешаванд ва ин имкон медиҳад, ки онҳо маҳз ба ҳамин усули маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мансуб дониста шаванд. Ҳар яке аз усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ афзалият ва камбудиҳои муайяни худро доранд ва интихоби онҳо

дар асоси муқоисаи тарҳҳо ва шаклҳои гуногуни маблағгузорӣ сурат мегирад [2-М; 9-М; 10-М].

3. Сохтори манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ аз хусусиятҳои муносибатҳои молиявии бо соҳаи фаъолияти корхона алоқаманд вобаста мебошад. Самаранокии низоми идоракунии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ метавонад тавассути истифодаи механизмҳои дастгирии давлатии барномаҳои сайёҳӣ, қарздиҳии имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкорӣ, мусоидат намудан ба ғункунии маблағҳои саҳмгузорони хурд дар ташкилотҳои қарзӣ баланд бардошта шавад. Муваффақияти рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он низ бевосита аз сатҳи дастгирии давлат вобаста аст [1-М; 7-М; 8-М].

4. Барои таҳкими иқтидори техникии инфрасохтори сайёҳӣ барномаҳои махсуси давлатии сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорону сармоягузорони хусусӣ зарур мебошанд. Бо фаъолияти муътадили иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ва фазои мусоиди сармоягузорӣ дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ метавонад як нерӯи пешбарандаи афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодии мамлакат гардад. Барои ба даст овардани мавқеи намоёни худ дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ зарур аст, ки дар навбати аввал шароити мусоид барои пешниҳоди хизматрасониҳои муосири рақобатпазир ба сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар самтҳои солимгардонӣ, фароғатӣ, варзишӣ, кӯҳнавардӣ ва сайругашт фароҳам оварда шавад [4-М; 5-М; 14-М].

5. Рушди босуботи соҳаи сайёҳӣ бе ҳалли мушкилоти инфрасохтори сайёҳӣ, ки аломатҳои асосии он фарсудашавии назарраси пойгоҳи моддию техникии мавҷудаи иншооти асосии инфрасохторӣ мебошад, ғайриимкон аст. Ҳамаи ин захираҳои молиявии зиёд, аз ҷумла таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузориро талаб мекунад. Муҳаққиқони самти таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба масъалаи омӯзиш ва таҳлили омилҳои ба рушди манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиррасон диққати зарурӣ ҷудо намекунанд, ки ин раванди ҳамкориҳои мунтазами ҳамаи субъектҳои манфиатдори татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро

душвор мегардонад. Дар натиҷа ҷалби маблағҳои сармоягузорон ба иншооти инфрасохтори сайёҳӣ коҳиш меёбад, ки ин ба рушди самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ монеъ мешавад [3-М; 5-М; 10-М; 11-М].

6. Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ самти муассир ва ояндадори рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, меҳмондорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва таҳкими минбаъдаи иқтидори иқтисодӣ, сайёҳӣ ва солимгардонӣ мебошад. Захираҳои сайёҳии истифодашаванда ва имконпазир, ки қариб дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд, метавонанд таваҷҷуҳи сармоягузорони хусусиро ба худ ҷалб кунанд. Аксари чунин захираҳо дар минтақаҳои кӯҳии мамлакат, дар маҳаллҳои деҳот ҷойгир мебошанд. Барои боз ҳам беҳтар намудани вазъ ва мусоидат ба рушди соҳаи сайёҳӣ зарур мешуморем, ки қонунгузорӣ дар самти танзими муносибатҳо дар дигар соҳаҳои ба сайёҳӣ ҳамрадиф низ мукаммал карда шаванд [4-М; 5-М; 10-М; 15-М].

7. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ аз лоиҳаҳои сармоягузории дар соҳаҳои дигари истеҳсолот ва хизматрасонӣ амалишаванда тафовут доранд. Махсусияти лоиҳаҳои инфрасохтори сайёҳӣ пеш аз ҳама дар мураккабии онҳо ифода меёбад, онҳо аксаран лоиҳаҳои бузург мебошанд. Бинобар ин, шумораи иштирокчиёни онҳо низ зиёд аст. Дар шароити маблағгузории лоиҳавии сохтмони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ бонкҳои маблағгузор иштирокчии бевоситаи раванди амалисозии лоиҳа буда, метавонанд худ мустақилона ба таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ машғул шаванд ё ба ташкилоти ташаббускори лоиҳа машваратҳои касбӣ пешниҳод кунанд. Онҳо хароҷоти амалисозии лоиҳаро пардохт менамоянд ё тавассути ба даст овардани саҳмияҳо ба соҳибмулки корхонаи сохташавандаи инфрасохтори сайёҳӣ мубаддал мегарданд. Гарчанде дар таҷрибаи ҷаҳонӣ намудҳои зиёди воситаҳои маблағгузории лоиҳавӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан барои истифода дар равандҳои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, онҳо ҳанӯз маъмул нестанд. Бо вуҷуди доштани бартариҳои зикргардида нисбат ба шаклҳои анъанавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, маблағгузории лоиҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд

накарда, бонкҳо ба он таваҷҷуҳ зоҳир наменамоянд. Ба андешаи мо сабабҳои асосии рушд накардани механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар мамлакат инҳо мебошанд:

- мавҷуд набудани асосҳои ҳуқуқию меъёрии истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ;

- нарасидани кормандони баландихтисос, сатҳи пасти дониш ва кордонии мутахассисони бонкҳо дар соҳаи таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- мавҷуд набудани захираҳои кифояи бонкҳо барои қарздиҳии дарозмуҳлат [3-М; 4-М; 6-М].

8. Механизми ШДБХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав дар раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иншооти инфрасохтор ва муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии дар таҳти идораи давлат қарордошта мебошад. Дар раванди ШДБХ тарзи нисбатан муносиби ҷалби маблағгузориҳо ба инфрасохтори сайёҳӣ таъсиси минтақаи озоди иқтисодии сайёҳию рекреатсионӣ бо ҷудо намудани низоми имтиёзҳо барои сармоягузорон. Тарзи дигари ҷалби сармоягузориҳо таъсиси кластерҳои сайёҳӣ мебошад, яъне оғоз кардани сохтмони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳаллҳои нав аз ҳисоби маблағҳои сармоягузорони хусусӣ. Давлат барои ташкили инфрасохтори умумӣ масъулиятро ба худ мегирад. Ба андешаи мо, истифодаи механизми ШДБХ дар инфрасохтори сайёҳӣ танҳо дар сурате натиҷаи мусбат дода метавонад, ки агар тамоми ҷонибҳои манфиатдор – давлат ва бахши соҳибкории хусусӣ дар асоси принсипи манфиатҳои умумӣ амал кунанд. Имрӯз вазъият чунин аст, ки ҳар як ҷониби ШДБХ танҳо манфиати худро мебинад, вале барои ба эътибор гирифтани манфиати шарики худ чандон майл надорад. Дар ин шароит шарикии воқеии давлат ва бахши хусусӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, дар раванди роҳандозӣ намудани механизми ШДБХ пайдо кардани мавқеъҳои ҳамдигарфаҳмӣ байни ҳамаи иштирокчиёни он хеле муҳим аст [3-М; 5-М; 16-М; 17-М].

9. Таҳқиқи равандҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки маблағгузории онҳо асосан тавассути ҷалби қарз/грантҳои мамлакатҳои сарпараст (донор), ташкилотҳои молиявии

хориҷӣ, маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ (буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ) ва маблағҳои бахши хусусӣ ба ҷо оварда мешавад. Қобили зикр аст, ки ҳангоми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории субъектҳои иқтисодии бахши хусусӣ корбурди қарзи бонкӣ ва лизинг дар мамлакат, аз ҷумла дар лоиҳаҳои сармоягузории сохтмон ва таҷдиди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ аллакай маъмул шудааст. Намунаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сохтмон ва таҷдиди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ бо ҷалби сармояи бахши хусусиро номбар кардан мумкин аст, ки бомуваффақият анҷом дода шудаанд: ҶДММ «Сафед-Дара», ҶСК «Осоишгоҳи Шоҳамбарӣ», ҶСК «Осоишгоҳи Зумрад», ҶСК «Осоишгоҳи Зайрон», ҶДММ «Сатурн», ҶДММ «Сангчашма» ва дигарҳо. Ба андешаи мо яке аз тарзҳои беҳтарин ва ояндадори истифодаи якҷояи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ механизми маблағгузории лоиҳавӣ мебошад [1-М; 4-М; 10-М; 13-М].

***Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо***

1. Ба маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ метавонанд сармоягузорон ва қарздиҳандагони зиёд бо шаклҳои гуногуни иштирок ҷалб карда шаванд. Омӯзиш ва таҳлили манбаъҳои маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ метавонад ба арзиш, имконпазирӣ ва самаранокии он таъсири назаррас расонад, бинобар ин, бояд ба арзёбии тарзҳои гуногуни маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ муносибати мутавозин кард.

